**АБУЛВАЙСИ АЗИЗ**

# АНДАРЗҲО

**ДУШАНБЕ**
**«АДИБ»**
**2004**

ББК 84 Тоҷик 7-4
А-37

Муҳаррир ***ОДИНА МИРАК***

А-37 ***Азиз Абулвайс***. **Андарзҳо**. Маҷмӯа. Душанбе, «Адиб», 2004, 96 саҳ.

Андарзҳои Абулвайси Азиз хонандаро ба роҳи дурусти зиндагӣ, ба хештаншиносиву дурандешӣ, ватанпарастиву адлу адолат ҳидоят мекунанд.

**А $\frac{4702540206-50}{М\ 503}$ 2004**

**© Абулвайси Азиз, 2004**

# АНДАРЗНОМАҲОИ ПАҲЛАВӢ

*Сози чандин гулханему*
*Як шарар дорем мо.*
***Бедил***

## АНДАРЗИ ДОНОЁН БА МАЗДИСНОН

— Ба Яздон розҳои некмаҳзар
Бари ободии дунёст, дунё.
— Ба мулки осиёӣ, аврупоӣ,
Ба мулки амрикоӣ, африкоӣ,
Бародарҷӯй бошад некдонӣ.
Атои нек бошад хубмонӣ.

## БА НОМИ ЯЗДОН

1. «Гӯш фароз доред беҳтарини мардумон, ки Маздисни кишваред, бишнавед гуфтори неки доноён, андарзи Ҳурмузду Амаҳраспандонро».

Дар ақли хонадон, дар мағзи баҳуши ҷаҳониён, дар хиради мардумони ҳар қитъа гӯшу ҳуш аст беҳтарин иҷози Худованд, ки онҳо ба як ақоид некиро сармояи ақли некбинию инсондӯстӣ пазиро шуда, ба Худои раҳим роз гуфтаанд

Гӯшу ҳуши Осиёву Аврупо,
Гӯшу ҳуши Африкою Амрико.
Бар накӯармон бародар хондаем.
То ҷаҳон орӣ бувад аз пурбало,

2. Ба ҳангоми бомдод бархезед, эй мардумони маргманд…»

«Меҳр дидам бомдодон чун битофт,
Аз Хуросон сӯи Ховар мешитофт».

— Бомдод чист? – Рухи Яздону чеҳраи нуронии он.

Рухи Яздон бубин озода инсон,
Ба ёрони хирадпеша бишав ҷон.

— Марги «Маргманд» чист? – Аҷал, мамот, фано, мавт. – Марги мафоҷо чӣ? – Марги ногаҳонӣ, фаврӣ.

— Шаҳри бадандеш бод хоса шабистони ӯ,
Мавқеи хавфи азим мавзеи марги фаҷе».

— «Чи мураккаб дар ин фазо, чи басит,
Ҳаст ҳукми фано ба ҷумла муҳит».

— Хуш оне то ба рӯзи марг мардум
Бубинад умри худ андар накӯӣ.

— «Бунёди ҳастии ҳама бар бод додааст,
Омода шав барои фанову бақо маҷӯй!»

— Бунёди ҳастӣ кор асту иҷод,
Омодатар бош баҳри Худодод.
То ин ки одам бо некӯурфӣ,
Бошад биҳиштӣ дар мулки обод.

— Иҷози Маздиснон ба рағми Аҳриман чист? – Ҳаётдӯстӣ. – Пешаи Аҳриман чӣ? – Ба боди фано додан, несту нобуд кардан: «Норбутахон… Сивуишашсола салтанатро ба як ҳамёзаи марг ба боди фано дардод», зикр ёфтаст дар «Шоҳномаи Фарғона».

Чун барги каҳ мабош зи боди фанои умр,
Аз ҳар қазову ҳар бало берун баро ба кӯш.

— Чун касе туро аз гирдоби маргу маргманд раҳо созад, дар ҳақаш чӣ некӯӣ мекунӣ? – То вопасин нафас бовафош мешавам.

— «Ту фано шав, то ҳама мурғони раҳ,
Раҳ диҳандат дар бақо то пешгоҳ».

— Пас киҳо аз хок зар, аз наҳр дурру гуҳар, аз об нур ва аз конҳои маъдан зевар барои ҳунарвар дарёб мекунанд?

— Оинаи фаноро бар рӯ биёр, бақо шав,
— Бо маъдани диёрат иҷози пурзиё шав.

— Дунё чӣ ҷоест? – Фанохона. – Магар оби ҳаёт хӯрдани бо накӯӣ, кор, иҷод ва иҷод дар чор унсур, дар кишту ҳосил, коркарди зарёбӣ, кашфиёти илмии тасхирсози замину кайҳон аз ёдат рафт ки одамонро бо тарсдиҳӣ аз марг ба ҳарос оварда, онҳоро аз ҳунару кору пешаи зиндагӣ дилсарду ноумед месозӣ?

Бақо дар кору иҷод асту иҷоз,
Ба онон дил диҳӣ, ҷон медиҳандат.
Вагарна рӯзи тавлид мурда бошӣ.

— Ва боз: рӯйро… «ба оби пок бишӯед».
— «Мурғе ки хабар надорад аз оби зулол,
Минқор дар оби шӯр дорад ҳама сол».
— «Хору гул об аз баҳористони ваҳдат мехӯранд,
Ман зи ғафлат дар тамизи хубу зишт афтодаам».

— «Ба сурат одамӣ шуд қатраи об,
Ки чил рӯзаш қарор андар раҳим монд».
— «Оташи ишқ об дода тешаи Фарҳодро,
Варна кай ин тоб будӣ хӯрдаи фӯлодро».

— «Нест муборак ситам ангехтан,
Оби худу оби касон рехтан».
— «Афсурдагон ба олами боло намерасанд,
Ин обҳои мурда ба дарё намерасанд».

— «Дил наёромад ба гуфтори дурӯғ,
Обу равған ҳеҷ н-афрӯзад фурӯғ».
— «Бар ҳар кӣ бингарам, ҷигараш об мешавад,
Аз мӯр камтаранд ба чашмам баҳодурон».

«…Аз рӯи дод ҷомаи пок бипӯшед.
— «Ба хилват ҷома аз ғам медаридам,
Ба сӯҳбат ҷомаи нав мебуридам».

— Борҳо ҷомаи ҷон дарондаю чок-чок кардаму ҷомаи адлу дод пӯшидам.

– «То ба кай ҳамчу гуле ҷомаи ҷон чок маро?
То ба кай нолаю афғон бари афлок маро?»

— «Ҷомаи адли ҷаҳон гашт ба хун олуда,
Ашк-хунобаи дилҳо, ба фиғон полуда».
— «Хоки поят ба сару дида кашидем, бас аст».
Чун гул аз дасти ғамат ҷома даридем, бас аст».

— … «Неранги (сеҳру афсуни) дини Маздиснон кушти (камарбанди зардуштиён) бандед ба пиндору гуфтору рафтори нек».

— «Камарбанди ман омад пеши ман хандазанон имшаб,
Таваққуф кун, ки як дам бингарам Парвину Ҷавзоро».

— Гӯши ҳушро бари суди ҳама некон бастӣ,
Андар ин роҳи маҳуф фоҷиаҳо бисёранд.
— Чун ба се ҳол туро ояти афкор накӯ,
Ба Худо рози чу мо баҳри ҷаҳон ҳушёрист.

— «(Аз рӯи) пиндор ба рувон кору кирдори нек кунед».

— Ба пиндори накӯ аз маҳ ба моҳӣ,
Ба афкори хаёл аз фарш то арш.
Набарди беамон асрордор аст,
Мабошӣ хастадил, варна бимирӣ.

— … «Парастори кирдори нек бошед».

— Некӣ бе бадӣ, рӯз бе шаб, сафедӣ бе сиёҳӣ нестанд. Онҳо дар ҳаёти ҳамагон зуҳур доранд. – Бояд ҳамеша бар бадии худ размад. Агар одам дар ин набарди ҳамешагӣ ғофил монад, шайтон ба нерӯи аҳриманиаш дӯсти ҷонӣ шуда, ӯро нобуд месозад.

Некӣ бар бад чун бадӣ бар некӯест,

Ба гӯши ҳуш чу оёти накӯӣ рамзи ободӣ,
Ба одил бингарӣ, дорад ҳақиқатҷӯи озодӣ.

3. «Имрӯз, ки гетӣ ниҳода шудааст барқарор аст, то Ҳурмуздхудой ҳастии ҷаҳонро пойдор дорад»…

«Чу оини Ҳурмузду Баҳман бувад,
Бар ин кохи Фаррух нишеман бувад».

… «Астивидод (деви марг) фаро расад ва Войи бадтар ба ҷасад биншинад ва фасоди колбуд ҳушу заковат ва бӯю ҷону тан аз колбуд ҷудо кунад ва колбуди моро палид бекор кунад…».

— Астивидод – деви марг дар ҳар куҷо,
Хӯрдааст хуни ҳама хӯрду калон,
— То ба имрӯз аст ҷангаш беамон…
Ай Худо нобуд соз аҳриманон.

— Войи-бадтар, бар ҷасад биншастае,
Аз фасодӣ колбуд кард бӯйнок.
— Ҷони мо аз тан гурезон бар фазо,
То шавем ҳамроҳ бар ин рӯҳи пок

...”Сушиёнсу тани пасин (рӯзи ҷазо) ҳушу завковату бӯю ҷон ва тану колбуди мардумон бо якдигар наомезад».

Посбони колбуду ҷисму ҷон –
Сушиёнсу то ба рӯзи ҳашри кул,

Ҳаст пуркор, ҳаст пуркор доимо.
То Худовандо набошад з-ӯ малул.

4. «Пас колбуди мардумон ҳамоно чун дарахтест, ки коранд бирӯяд ва афзояду рушд кунад».

— Колбуди одам дарахти мевабор,
Мева бояд коми халқ ширин кунад.
— «Одамиро ақл бояд дар бадан,
Варна ҷон дар колбад дорад ҳимор».

«Аз тан чу бирафт ҷони поки ману ту,
Хоки дигарон шавад мағоки ману ту.
З-ин пас зи барои хишти гӯри дигарон,
Дар колбуде кашанд хоки ману ту».

… «шикананду бибуранд ва барчинанду бар оташ ниҳанд ва оташ сӯзонаду ҳазм кунад»…

Ҳосили ҳар мева мардум чидааст,
Хушк чӯбашро дар оташ сӯхтааст.
Аз тилоли он магар сатри баён
Дар вуҷуди хеш ором хуфтааст?

… «ва боди ардой (росткирдорӣ) дар ҷаҳон афшонад, пас ҷуз он ки бикошт ё бидид, надонад, ки хештан буд ё на».

Тилоли хоки одам боди ардой,
Ба ҳар сӯ пош дода бесару пой.
Яке будаста олам боз нобуд,
Бақои мо фано гардид, э вой.

5. «Пас, аз мардумон дар ҷаҳон он болотар аст ҳар афзуни хостаро (молро) барои кору кирдори нек андӯзад».

Гуворое ба коро моли дунё,
Башорое чу судаш нест асло.
Ба мардум сӯдафзо, ҷӯдафзо,
Чу ин боло набошад ҳеҷ, вало.

6. «Бо хешовандону дӯстону мардумони ҷудодин паймон машканед…».

Меҳри хешон ба ҳар раги ҷонат,
Ҳамчу хуне ба гардише, гардиш.
Дӯстон ҳам ба мисли ҳар моне,
Ҳамчу меҳранд барои омӯзиш.

Бар ҷудодин чаро мудовое,
Урфу одат ба кеши ҳар оин.
Чун дарахтон ба боғ ҳархела,
Некӣ дорад ба мардуми хушбин.

… «Барои нoшоду пайванди хеш тухми зиштӣ паймоншиканиро ба пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад макоред».

— «Дар ҷадвали ин хати қиёсӣ
Мекӯш ба хештаншиносӣ».
— Хештанёбе набишносад касе.
— « Бад ояд ба мардум зи кирдори бад».
— «Бад аз нахвати чоҳ бадтар шавад,
Чу гардад қавӣ мор, аждар шавад».
— «Мо бадин ҷо на паи ҳашмату ҷоҳ омадаем,
Аз бади ҳодиса ин ҷо ба паноҳ омадаем».

— Бадӣ-захри ҳалоҳил, некӣ-шарбат,
Нанӯшида касе захри ҳалоҳил.
— Ба оби ҷонфизо шайдост мардум,
— Накӯоин набошад ҳеҷ баддил.

7. «нек андешад ба пиндор ва нек гӯяд ба гуфтор ва нек варзад ба кирдор. Равони хешро ба беҳтарин зиндагӣ супорад: «ба пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек».

Ба андешасанҷе бародаршавӣ,
Ба сар оварад оини ғоявӣ.

— Аввал чист? – Андеша. – Баъд чӣ? – Гуфтор.

Бо хаёлоти накӯ сайёҳи баҳру бар туӣ,
То биёбӣ баҳри меҳан некии аҷдоди худ.

Аз нахуст аҷдод то авлодҳо,
Аз нахуст иҷод то иҷозҳо.
Неку бад дорад шумар, дорад шумар,
Ҳеҷ некӣ н –оворад бар сар бало.

Баҳолоти ҳама унсур назар кард,
Биандешиду он гаҳ мухтасар кард:
Ба некӣ чун зиёе буд зиёӣ,
Шаби тори умедашро саҳар кард.

8. «…Спиноменуро (рӯҳи пок ва муқаддасро) пиндор нек, гуфтор нек ва кирдор нек аст».

— Биофардаӣ ҳама болову поён,
— Набошад ҳеҷ муқаддас бе муқаддас.
— Ба покӣ ҳеҷ олоиш надорад,
— Ба пиндору ба гуфтору ба кирдор.
Ҳама осори некӯ мегузорад.

— «Яке аз дуӣ ҳазраташ ҳаст пок,
На аз обу оташ на аз боду хок.
— Ҳама офаридаст дар ҳафт пӯст,
Бад-ӯ офарин, к-офаринанда ӯст».

«Дини рӯҳониву пок, дини беҳи Маздиснонро пеша некӯӣ ва равиш парҳезкорист».

Дини рӯҳонист дини беҳу пок,
Бо накӯию равиш парҳезгор.
То ки бошад одамӣ анбози ҳуш,
Ақлҳо корӣ шаванд дар ҳар диёр.
Дар ҷаҳон токи ба як оину дин,
Оламӣ бошад ба ҳам ёри баор.

9. «…Агар (касе) бад андешад ба пиндор, бад гӯяд ба гуфтор ва бад кунад ба кирдор, равони хешро ба бадтарин зиндагӣ супорад: ба пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад».

Нокарда гуноҳ адӯи бадангор аст,
Бадро ба ҳама бадӣ бадиосор аст.
Дар косаи заҳроб набошад дору,
Бар рағми бадойинӣ накӯкирдор аст.

— Ба бад некӯӣ кардан бадхисолист,
Накӯи парваридан некҳолист.
— Ба меҳан бингаред бо фазли навҷӯ,
Ба чорунсур ҳаёти безаволист.

10. «…рӯҳи нопокро (Аҳриманро) пиндор бад, гуфтор бад ва кирдор бадаст».
— Бадӣ бо чӣ заволёб аст? – Бо некии илму ирфон.
— Ҷамаи бадӣ зили Оҳарман аст,
Бадӣ бар накӯӣ абаддушман аст.
— Завол ар биёбад бадӣ дар ҷаҳон,
Ҳама бахту толеъ ба илму фан аст.

11. «Бо умеди кори бузург гуноҳ накунед».

Ҳама иҷози одам баҳри некист,
Ба он сарвар бувад покии одам.

12. “Ба ҷавонӣ густох мабошед, (эй) мардумони маргманд, чи бисёр касон ба барноӣ аз ҷаҳон даргузаштанд ва несту нопайдо шудаанд».

— «Чу набвад шоҳро иззи сиёсат,
Кашад аз дасти густохон залилӣ».

13. «…Чизи ондунявӣ дер… бипояд ва ошуфта (вайрон) нашавад».

— Баҳри фардо покии ҳар некҷӯ,
Тӯшае бошад барои ҳашри ӯ.
— Ба Яздон фикрнекӯ ёр бошад,
Барои бахтҷӯ пуркор бошад.

14. (Эй) тан биандеш ки маро кори гетӣ бигзарад».

— Ҳафтае пас ҳар гуле пажмурда шуд.
— Монд иҷози яке нурофаранд.
— Монд Сино дар амал бо ҳар гиё,
— Монд Форобӣ фароёбидае.
— Монд Эйнштейн бо нураш абад.

«… Колбуди гиромиву нозук ба ҷойгоҳи фаромӯшон баранд, он ҷо биниҳанд ва ёд накунанд (ва) рӯз ба рӯз фаромӯштару аз ёд рафта бувад».

— Аз фаромӯшхонаи хокисиё,
Ёдоварҳо ишорат кардаанд.
— Аз ҳаёти худ ризо буданд, ризо,
Маргзоёнро маломат кардаанд,
К-одами рафта фаромӯш мешавад.
Зиндаҳо умро қаноат кардаанд,

— «Чу ба гургирон надоранд зӯр,
Ба пои худ оянд гӯрон ба гӯр».
— Аз хок шудӣ эҳё, бо хок будӣ пайдо,
Донно будӣ, ай нодон, нодони ҷаҳон рафтӣ.
Хомӯшию хомӯшӣ, ёди ту фаромӯшӣ,
Аз покӣ шуди тавлид, нопоки замон рафтӣ.
— Умед бар оянда, Хуршед физоянда,
— Дар оғӯши гӯр танҳо, бе рӯҳи равон рафтӣ.
— Дар ҳотаи гулҳоӣ, чун қиблаи дилҳоӣ,
Некӣ бари фардоӣ, бо аҳли ҷаҳон ҳастӣ.

«Боз мондагон пайкор кунанд ва нони муқаддас наситоянд. Ман ки равонам ва ситоишро сазовор, аз ту (эй) тан мустананду гиламанд бошам».

— Ҳаёт арсаи ҷангу набарду ҳарбузарбу пайкори абадии неку бадист то ба эраи «оламе аз нав бибояд сохт, в-аз нав одаме». – Дар эраи нав чӣ? – Боз тазодҳои некиву бадӣ боқӣ монда, онҳо бо шаклу мазмуни нави некию бадӣ талош меварзанд.

— Нони муқаддаси андарз ба чӣ маъност? – Ба маънои бақо, ҳама нӯщу неъмат ки замин барои суди инсон арзи вуҷуд дорад.

Зиндагӣ-хони муқаддас,
Бандагӣ-нони муқаддас.
Бар ситоишат сазовор,
Колбуди мо беравон аст.

15. «Дорам андарзе аз доноён»,

«Аз гуфти пешиниён.
Ба шумо бигзорам,
Ба ростӣ андар ҷаҳон».

Ёди шумо ёди шумо,
Некии иҷоди шумо –
Дунёи нусратрой мо,
Эҳёи мо, эҳёи мо.

16. «Ба гетӣ густох мабод»…

— Ҳамеша ҷангҷӯ густохҳоянд,
Ба Оҳарман бирехта хуни бисёр.
— Ба рағми нерӯи бад ҳамнабардон,
Бимонед баҳри фардо некосор!

17. «…

18. «Надоред гетӣ ба сипанҷ…

…Шоду дарозумр ва фарруху парҳезкор ва пирӯзгару команҷом бошед».

Ҳаст шайтони ҳама нафси ҳарис…
Макру ҳила, зулму ҷанг оранд бало…
Шод бошед бо ҳама хушҳолҳо,
Маргро мағлуб созед доимо.
Баҳри навэра ба инсони Навин
Боз монед фикрати мушкилкушо.

# АНДАРЗИ ХУСРАВИ КАБОДОН

## БА НОМИ ЯЗДОН, БА ФОЛИ НЕК.

1. «Эдун гӯянд, ки анушаравон Хусрави Каводон ба ҳангоми марг, пеш аз он ки ҷонаш зи тан ҷудо шавад бо андарз ба ҷаҳониён гуфт ки чун ин ҷо аз тани ман ҷудо шудӣ, ин тахти ман бардоред ва ба дахма бареду ба дахма диҳед ва ба сари ҷаҳониён бонг кунед, ки мардумон аз гуноҳ кардан бипарҳезед ва ба накӯкорӣ бикӯшед ва моли гетӣ хор доред, ки ин он тан аст, ки дирӯз ин тан будӣ, ки ин мардум ба се гом наздиктар бад-он буди, ва ба ҳар гоҳу замон росткирдорӣ ва моли гетӣ бифазудӣ, ки имрӯз баҳри нопокии ҳар кӣ даст бар он ниҳад, ба баршнум бояд шустан вагарна ба парастиши Яздону ҳампурсии (машваран) беҳон (некон) нагузоранд. Дирӯз шукӯҳи шоҳиро даст ба касе надод ки имрӯз баҳри нопокии касе даст бар он наниҳад».

Анушравон Ковадон, ай Хусравӣ неки замон,  
Дар ҳини марги беамон андарзи ту монд ҷовидон.  
Гуфти ба ҷумла одамон асрори марги беамон,  
Чун бетанам монад равон, фориғ зи ёру дӯстон.  
Таҳти маро бардошта бар дахма бинҳед, баъд аз он,  
Гӯед ба ҷумла одамон аз ҳар гуноҳи беамон.  
Парҳез созед доимо, кӯшед бари некӣ ба ҷон,  
Баҳри накӯӣ дар ҷаҳон бошед аниси одамон.  
Моли ҷаҳонро хорсоз аз баҳри он, аз баҳри он,  
К-ин мурда дирӯз зинда буд, фаҳмид асрори ҷаҳон.  
Дирӯз бо чандин қадам буд шоҳи адлоини халқ,  
Имрӯз мурда, беравон бо моли дунё, бенишон.  
Нопок, даст бар сӯи он ҳеҷ кас намесозад дароз,  
Мондаст беаҷзу ниёз, мондаст пурсӯзу гудоз.  
Дирӯз шукӯҳи шоҳӣ дошт, имрӯз нопок мурдае…  
Чун мурда неки кардааст бар зиндаи пурормон,  
Ҷуз некӣ набвад ҷовидон, ай одамон, эй одамон.  
— Аз ибтидо беинтиҳо андарзи Хусрав доимо,  
Мастур ба ҳар як ҷонфидо, мастур ба ҳар шоҳу гадо.  
— Кайковусу Кайхусраве парҳезгор аз ҳар гуноҳ,  
Буданд бо ҳукми Худо бар рағми ҳар як нораво…  
— Некӣ бимонад ёдгор, Эй бандаи ҳақошно,  
Некӣ бимонад бобақо, бошед ба мардум ҷонфидо.

2. «(Эй) мардуми ҷаҳон сиҳатманд бошед!»

— Чун сиҳатмандӣ ба мисли ҷону равон дурри ноёб бошад, пас чаро одамӣ аз замони пайдоишаш то ба имрӯз ба ҳамдигар, ба қабила, ба миллат ба ватан, ҳатто ба Худо ҳама гуна бадиҳоро раво медоранд? – Чунки нерӯи баду нек дар вуҷуди онҳост. – Ба кадом аср нерӯи бадиро

ба некӣ алиш кардан мумкин? – Ба ҳеҷ аср — Пас чӣ бояд кард?— Эраи наве бояд ки дар он инсон ба қуллаи олии инсонӣ баромада тавонад.

Бирбой ҳама дадӣ, зи олам бирбой,
Бирбой ҳама бадӣ, зи одам бирбой.
Одам ба навин эра дигаргун месоз,
Бигрой ба оқилони гетӣ, бигрой.

Аз гардиши чархи гӯшкар ҳиммат чист?
Аз Аҳримани бихӯрдаҷон ҳикмат чист?
Чун қудрати ту ба шафқати ақли улум,
Иҷози ту дар ҷаҳони пурқудрат чист?

«Бираведамал кунед ба пиндори росту кори барзгарӣ»

Ба пиндори накӯи барзгарҳо
Фаровон неъмат аст дар рӯи олам,
Ба ҳар як коргар рӯҳу равон аст.
Чу ин одам набошад ҳеҷ одам.

— Амалии беҳтарини ақлӣ чист? – «Ба кори ҷаҳониён кӯшо ва ҳушёр» будан.

Дар Аврупою Америко,
Дар Африкою Осиё.
Аз баҳри деҳқон доимо,
Техникаҳо мушкилкушо.

Гӯянда Суқроти замон,
Асрори ҳар як ину он.
К-эй одамон, к-эй одамон,
Ёбед ғизои ҷонатон.

Гар адл ҷӯед, ҷанг чӣ?
Маккорию найранг чӣ?
Дунё биҳишти кирдугор,
Бо фитнагӯи панд чӣ?

Андешаманди ҳуш ба дил,
Асло набошӣ дилхиҷил.
Бо ҳуш биҷӯ асрори кул,
Бошад вуҷудат обу гил.

— Чӣ кор кунем? – «Ойину паймон ба кор доред».
Ойину паймон Аҷам дорад бари фардои адл.

— Дар ҳама некии олам ҳаст иҷози фузун,
— Сири ободии олам ҳаст дар онон сабтёб.
— Модари онон бувад иҷози ҳар илму фунун,

— Дар кору додситонӣ чӣ гуна бояд буд? – Ба «бузургманишу росту ба ростон ҳамсуханӣ».

Ба ёд овар бузургон, ростону ростойнон,
Ба мағзи сар бисоз ту зинда ононро.
Ба ҳар илму маонӣ ёр адлу ёри ёрон шав,
Бикун шодою ҳама рӯҳи бузургонро.
Ба онон пайравиҳо кун барои даҳрободӣ,

3. «Намо шодоб ба ҳар асру замон авлоди инсонро.

4. «Андарзгӯёнро андарзниюш (бошед)».

Ба рағми ҳар бадӣ андарзи некӯи равон бодо,
Ҳама асрори ин таъбири шево достон бодо.

— Чӣ хела кору паймон кунем? – «Ба андоза».
Некӯкори бапаймон бош,
Ба суди одами олам.
Накӯкори ҳама ҷон бош,

5. «Ба баҳраи хеш хурсанд бошед ва баҳраи дигар касон марабоед».

— Кӣ аз баҳраи худ дасту дил шӯяд? – Оне ки инсондӯсту қаноатпешаи баинсоф бошад.

«Садаф аз покчашмӣ, Соиб, аз гавҳар лаболаб шуд,
Зи рӯи поки хубон баҳра чашми пок бардорад».

— Баҳраи беҳтарин чист? – таҷрибаи рӯзгор,
Чун ба покӣ баҳра аз рӯзгорҳост.
Мушкилот осон ба гирудорҳост,

— Баҳраи кӣ авло? – Баҳраи баинсоф. – Инсофи кӣ? – Шоҳи одил.

Ба инсоф шоҳи оламгир,
Бисозад қалбҳо тасхир.

— Дӯсти халқ кист? – Оне ки ба халқ судовар аст.

Ба суди халқ будан шодмонист,
Ба ҷуди халқ зистан зиндагонист.

— Дузди моли ватану давлату халқ кист? – Душмани Худову ватану давлату халқ.

Бар адӯи ҳақ каси покиниҳод,
Бо накӯи нек бошад ёд, ёд.

6. «Дар садақаи дарвешон нофармониву сарсахтӣ макунед».

— Хайрӣ кист? – Эҳсонӣ, накӯкор. – Сахӣ чӣ? – Кушодадаст. – Чӣ бошем? – Сахиву атоёр. – Бо чӣ? – Бо сипеҳри ҳаёву вафо.

Ба пои ақли дӯст афшондаям некии ҳушамро,
Ба ҷуз ин дар бисотам нест ёро ҳеҷ подоше.

…Шоҳиву сарват биравад, моли бекарону ишқу ошиқиву дарвешӣ бигзарад.

— Ҳар баду некии одам бигзарад,
— Бигзарад анвори тобон, бигзарад.
— Бигзарад ҳар шавкату шон, бигзарад,
— Нагзарад ҳарфи накӯдон, нагзарад.

7. «Ин ҷо зиндагӣ андак, он ҷой роҳ дур ва рақиб шигифту довар росткор».

— Ин дунё чӣ гуна? – Зебою дилорою ақлафзо. – Арсаи чист? – Арсаи талошу кору иҷоз… — Бо чӣ мақсад? – Бо мақсади ҳифзи ватану халқ, халқият, шукуфоии онҳо, бо нияти некиву накӯкорӣ ба суди онҳо, ки марому мақсади Офаридагор дар онҳо нақши абадӣ дорад.

… Худо чӣ дархост дорад аз бандаҳояш? – Дархосте ки ба ҷуз Худошиносиву ободонӣ ба суди бандаҳояш ҳеҷ бадӣ накунанд. – Вагарна? – Дунёву қиёматашон ҷазиру абтар шавад.

Чу хохӣ бошӣ инсони биҳиштӣ,
Биҳишти нақдро обод месоз.
Агар бошад биҳишти нақд дӯзах,
Дар он олам набинӣ рӯи ҷаннат.

— Биҳишти нақди Яздонро чаро инкор бикард аден?
Чаро инсони некӯро бикард беилму беирфон?
Чаро бо ақлдуздиҳо бикард дилмурда ҳар банда?...
— Агар дунё наяст обод, қиёмат нест ободон.

— Чӣ кор накунанд? – «Кирдори нек муқобил нагузоранд. – Ба чӣ?
— Ба дуруду некбинӣ Онҳоро пазиранд ба тану равон.
— Ба ҷуз кӣ? – Ба ҷуз оне ки кори нек беш карда бошад. – Вагарна?
— Аз фарози Пули Чилвад (Пули Сирот) гузаштан» натавонанд. – Он ҷой чигунаест?- Росткор чун Миҳру Рашн.

Чун ба сират пок бошем, мушкилот осон шавад,
Варна бошем дар ду олам дилғашеву рӯсиёҳ.

8. «Аз некон бош, то биҳиштӣ бошӣ».

Бо ҳама некӯсифот бошад биҳиштӣ одамӣ.

9. «Афсӯс макун, то фараҳманд бошӣ».

Афсӯс аз ину он ғамовар бошад,
Бо ҳар дами накди худ фараҳманд мезӣ.

— Ба кӣ некву бадкирдорӣ ёр аст? – Ба ҳама. Одаме беайб назиста.

Орӣ набвад ҳеҷ одам аз гуноҳ,
Ай Худо саҳву хатои мо бибахш.

10. «… — Дар сарои Сипанҷ чӣ бояд кард? – Осуда бояд зист. – Бо чӣ? – Бо некии кор. – Бо чӣ чирки гуноҳро шӯем? – Бо ранҷ. – Ба мену (рӯҳ) чӣ? – Онро бо кирдори хеш ром созед.

Бо сифоти некӣ одам даҳр ободон кунад,
Аз дадӣ парҳезгоре хештан инсон кунад.

Чу одам пок шуд, дунё аз ӯ пок,
Зи нопокии ӯ дунёст нопок.

11. «…Кас бояд бидонад ки аз куҷо биомадаам ва чаро ин ҷоям ва боз ба куҷо боядам шудан ва аз ман чӣ хоҳанд».

Ҳар инс донад ҷинси хеш,
Ҳар ҷинс донад инси хеш.
Қатра бидонад аз куҷост,
Зарра бидонад бо қиҳост.
Бо хокию афлокиянд,
Аз зоти худ нестанд ҷудо.

12. «Ман ин донам ки аз пеши Ҳурмуздхудой биомадаам ва барои сутуҳ кардани деви дурӯғ ин ҷоям ва боз ба пеши Ҳурмуздхудой боядам шудан. Аз ман росткорӣ хоҳанд ва вазифаи доноён омӯзиши хирад ва пиростани ахлоқ (аст)».

Аз поки покон зодаӣ,
Бо поку покӣ зиндаӣ.
Бар рағми ҳар деву дадӣ,
Бар илми Яздон бандаӣ.

Ёр астӣ бар ҳар бихраде,
Бар лутфи Яздон бандаӣ.
Аз ҳар баду неки ҷаҳон,
Бо некхӯён огаҳӣ.

13. «Ҷовидон бод равони (рӯҳи) шоҳаншоҳ Хусравӣ Каводон ки андарз бикард ва ин фармон бидод, Эдун бод!».

Ковадон Хусрав равонат пок зист,
Ковадон Хусрав равонат пок монд.
Ҳаст андарзат ҷамеи покиҳо,
Бо дуруду шодмонӣ зиндаӣ.

## БА НОМИ ЯЗДОН

1.«Мол ба тандурустӣ беҳ».

— Тандурустӣ чист? – Ҳаёт. – Аз Худо чӣ хоҳонӣ? – Саҳатӣ. – Агар саҳатӣ бошаду мол не? – Бемор шавӣ. – Агар мол бошаду тандурустӣ не? – Умрат кӯтоҳ шавад.

— Ба ҳама ёри вафодор Худо,
Ба ҳама азми бақодор Худо.
Дар ҳама пеша ки чунат бари чун,
Бо ҷаҳон халқпарастор Худо.
— Зари гетӣ ба танат зӯр орад,

2. «Фарзанди порсо беҳ».

— Порсо кист? – Парҳезгор. – Агар дузд бошад? – Ҳалокист…

Порсо бошад Худои бемакон,
Порсоёни Худоянд меҳрубон.
Чун зану фарзанду шӯянд порсо,
Аз ҳама нуқсу илал ёбанд раҳо.
— Чун яке фарзанд бошад нохалаф?
— Оила ёбад талаф; ёбад талаф.

3. «Бародари некном беҳ».

Қиссаи Юсуф бародарони ӯ. «Гургхӯрда». Нолаҳои зор-зор… ва нобино шудани падари Юсуфро ба ёд ор».

— Иҷози некӣ чист? – иҷози Худо. – Некном кист? – Худо. – Инсони бад чӣ?

— Пайрави Офаридгор. – Чун пайрав набошад? – Аҳриман, Заҳҳок ва – иблис аст. – Некномӣ бо чист? – Бо порсоӣ. – Порсоӣ бо чист? – Бо Ояти ҳадиси илоҳӣ ва бо ривояти бандаҳои поку парҳезгораш.

Некном аз сӯҳбати нек аст нек,
Бар Худову ёвараш ҳамроз бош.
Некии унсур ба мардум ёд ор,
Ҳамчу онон бош барои мардумӣ.

4. «Пуштибони вазифа беҳ».

— … Гургу чӯпон дидаӣ? – Ҳа дидаам…
— Ҳақ чу меъёри маош аст,
Хубии он хуббош аст.
— Ҳар кӣ ин маънӣ надонад,
Бо талоши муфтмаош аст.

— Ҳар кӣ ба кор розиқи ҷон,
Ҷон бигардад содиқи он.

— Ҳар кӣ бе кор рӯзи ҷӯяд,
Душман аст бар ҷумла инсон.

5. «…Зани некӯ беҳ».

— Зани бад кист? – Иблис. – Зани нек чӣ? – Ними ҷони мард. – Нисфи ақли мард чӣ? – Ақли зан. – Чун беақл бошад? – Шавҳарашро дар ҳисоби мурдаҳо дон. – Чун парҳрезгору боақл бошад? – Аз гадоӣ ба шоҳӣ расад.

— «Зани хубу фармонбару порсо,
Кунад марди дарвешро подшо».
— «Зан зан зи вафо шавад, зи зевар нашавад,
Сар сар зи даҳо шавад, зи афсар нашавад».

Зан меҳри дилу ақли сару тоҷи ҳунарҳо,
Иҷози варо кист тавон гуфт, нагуфта.

6. «Кори неки бекарон беҳ».

— Кори неки бекарон чист? – Кори неки асилзод. Кашоварзӣ, оҳангарӣ, чорводорӣ, боғдорӣ…, конкобӣ, заргарӣ, коркарди маъдан, илм, техника кашфу иҷоз ки шумори онҳо беш аз шумору иҷозашон ақлнорас ба гуфтор аст. Аммо нест сафедӣ бе сиёҳӣ.

Аё инсони нерӯманди халқпарвар,
Ҳаётободии ҳар мулку кишвар.
Худо шуғли шумо хонда ибодат,
Ҳама иҷозатон пайдост аз сар.

7. «Дӯсти соҳибравон… фармонравон замонҳост».

— Тазодаш чӣ?— Аз дасти як шум сӯзад шаҳри Рум… — Дӯсти ҷонӣ кист?.

— Соҳиби рӯҳу равонат. – Бо чӣ хисол? – Бо ободдонии рӯҳу равону ҷисму ҷонат ва бо ёрии ҳамешагӣ бо ақлат ба суди ватан, давлат ва халқ. Меҳри дӯст ба дӯст бо меҳри ба Худо парварда шарик бошад.

— Беҳтарин дӯсти одам кист? – Худо… — Сипас? – Бо меҳри ба Худо доштааш ба инсони воқеӣ, ба ватану давлату халқ вафодор.

«Хун шуд дилам аз ҳасрати он лаъли равонбахш,
Эй дурҷи муҳаббат, ба ҳамон мӯҳру нишон бош».

— Лақаби Худо чист? – Зиндасоз, эҳёгар. – Дӯстии инсон ба инсон чӣ? – Ба мисли он.

Бахилу ҳорису беақлу коҳил,
Набошад ҳеҷ гоҳе дӯсти ҷонӣ.
— Ба ҷонӣ ҷон бидеҳ ар дӯст хоҳӣ,
— Ки ин аст зиндагонӣ, зиндамонӣ.

— Равонпарвар ба моён аст ҷонӣ,
— Агар бошӣ равон, дӯсте равон аст.
— Агар бошӣ гиё нур аст, нур аст.
Равонбахшост, судаш беҳисоб аст.
— Ба ёди ту ба ҳуш зӯр аст, зӯр аст.
Агар бошӣ замин, чун офтоб аст.

8. «Дар ҳама кору додситонӣ ростиву андешаи комил беҳ».
— Бо чӣ? – Бо додситонӣ, бо ростӣ ва бо андешаи комил.

— Аз Н бари Н ба маъниҳои некӣ,
Қуръони ҳаёту зиндагии абад аст.
— Маънош ба сухан ҳеҷ наметавон гуфтан,
Мӯъҷази он дар сухани бохирад аст.

9. «Ба ҳар ду ҷаҳон бебимӣ беҳ».
— Кист бебим? – Оне ки ҳама оёту ҳадиси илоҳиро ҳифз карда, онҳоро дар амал ба меҳраш ба қонуни накӯии зиндагӣ бадал сохта, ба ҳама сифатҳои хуби илоҳиёнаи инсонию ирфонӣ пиростаю ороста бошад.

— Ҳама некӣ муҳайё дар варақҳост,
— Хирад ману пешвои ҳар сиёсат.

Агар бошад хирад, одил ту бошӣ
Ҳама зулму низову ҷангу найранг,
Бигӯянд ки баҳори мо гузашта.
Бувад сарбози ту лафзи хирадманд.

Ба адлоин ҳама порсо накӯбин,
Ба авзои навин дунё бисозанд.
Биҳишти воқеи бошад сайёра,
Ба нури хеш гардунҳо навозанд.

## БА НОМИ ЯЗДОН

1. «Ба адлу дин рафтан».
— Адл ба чӣ зид аст? – Ба ҷабру зулм. – Ба ин калимаҳо аз кай боз зидмаъност? – Аз ибтидои одамӣ, ба онҳо дар ҷанги беамон аст барои адолат. – Адолат чист? – Додрасӣ, накӯкорӣ, инсоф… — Набарди ҷовидонаш бо чӣ гӯшрас аст? – Бо як чашм дидан, баробаршуморӣ, ҳақрафторӣ, инсоф, дод ва додрасӣ. – Бо дин чӣ? – Бо ҳама оёти накӯии адёни оламӣ дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёт.

«Адл он аст ки доди мардумон диҳанд».
— Тамаъ чист? – Оташ. – Адл чӣ? – Об.

«Тамаъу адл оташу обанд,
Ҳар ду як ҷо қарор кай ёбанд».

— Бародари адл чист? – Некӣ, рой, тадбир… — Меъёраш чист? – Ҳақ, рафтори ҳаққонӣ: — Шабҳо намоз мехонду рӯзҳо аз рӯи адлу дод кору рафтору гуфтору кирдор дошт.

— Ба ҳар рӯзу шабу ҳафта, маҳу сол,
Ба ҳар асру замон бо ҷовид афъол.
Набарди адлу ҷабр поён надорад,
Ба рағми ҳамдигар сомон надорад,
— Ба мисли рӯзу шаб ҳастанд онон.
Ба ҳар дину ба ҳар оину мазҳаб,
Барои покзистан дар талошанд.

2. «Падару модар наозурдан».

— Кадом падару модаронро озор надодан? – Ҳамаи падару модаронро.

— Аз кай то ба кай? – Аз ибтидои пайдоиши оламӣ то ба замоне ки одаму олам аст.

Оёти абад ҳукми Худованди карим аст,
К-асло падару модари худро ту маёзор.

3. «Майл ба бародарону дӯстон ва хешону наздикону пайвандон кардан, нигаҳбони занон будан».

— Ниҳоли зиндагӣ бо решадорист,
Ба шохаш меваҳо борею борест.
Чу реша, навдаю гул, ҳосили он –
Қабила, як ниҳоли сабздорест.
— Ба боғи ҳар қабила ирқу миллат,
Фузун ҳосил ба корею ба корест.

4. «Ба кирдори нек дар кӯшиш будан».

— Ба кирдори накӯ кӯшанда Бобо,
Ба кирдори накӯ ҷӯшанда Момо.
Ҳазорон солҳо доранд идома,
Ба мисли обу дона, нури офтоб.
Накӯӣ беҳисоб дар ин сухан ҷо,
— Адӯи он адӯи ҷумла одам,
Ҳабиби он ҳабиби халқи олам.
— Ҳамеша дар талошу дар талошанд.

5. «Ҳар рӯз бо хештан шумор бикардан ки имрӯз… чӣ суду чӣ зиён, чӣ кори некӯ, чӣ гуноҳ ва чанд роҳи нек кардастам ва чанд роҳи бад, чунки гетӣ сипанҷи сарои якрӯзаро монад. Ва ҷовидон он ҷой бояд будан.

— Умре ба ҳар рӯзаш гиё,
Ҳар обу дона, ҳар зиё.
Пурсида аз худ доимо,
Бишмурда ҳар ранҷу ано.
Чун кору кирдори чу мо,
Чун некию чунам баҷо.
— Чун зиндагии бебало,
Чунам адӯн хайрхоҳ.
Чун рӯшанию чун сиё…,
Аз ибтидо беинтиҳо.
Маънои ҳастӣ бошадат,
Одампарастӣ бошадат.

6. «Ба кирдори нек ва гуноҳ дар шумор бошед».
Пайваст ба даргоҳи Худо унсури олам,
Монандаи Зуҳрою Зуҳал, ҷумла фаришта
Аз неку баду ҷурму гуно дода ҳисобот,
Дар номаи аъмоли ҳама ҷумла навишта.
К-эй бандаи хокӣ назаре сӯи Худо кун,
Аз пеку бади хеш ҳисобот бидеҳаш.

7. «…Ҳар киро кирдори нек беш аз гуноҳ бувад. Суруши росткор дасташ бигирад ва ба биҳишт кашад».
— Суруши росткор донад ҳама неку бади моён,
Агар ҳастем батақво, поку парҳезгору халқпарвар.
Барад моро ба ҷаннат, варна дар дӯзах бисӯзонад,
— Мукофоти амал гирад амалпеша.

8. «Он киро ки гуноҳ беш аз кирдори савоб бувад. Визаршдев дасташ бигирад ва ба дӯзах кашад. Чун бигиряд набахшанд ва чун бонг кунад, нашнаванд».
Визаршдеви пурзӯр,
Осӣ ба дӯзах андохт.
Гар мо аз ӯ натарсем,
Қодир ба ҳар гуноҳем.

9. «Вопасин ин умеди ту кирдори туст».
— Ба кирдори накӯ дар кӯи Яздон, меҳану миллат.
Бувад покӣ ҳама пирӯзиҳои беназири мо,
— Илоҳо бошадат дар ҳар ду олам банда бошафқат.

## БА НОМИ ЯЗДОН

1.«Дардманд аст он ки хирад надорад».

— Одам аз чӣ пайдо? – Аз ҳама унсурҳои табиати болоиву поёнӣ, аз чор унсури заминӣ ки дар ибтидо осмонӣ буданду бо кандашавии порае аз

офтоб заминиву кайҳонӣ шуданд. – Дар чанд вақт? – Дар миллиардҳо сол. – Чӣ хел? – Аввал хок буд, аз хок гиёҳ рӯид, дар гиёҳ сафеда пайдо шуд, кирм арзи вуҷуд кард, аз кирм ҳайвоноти бисёр, аз ҷумлаи онҳо маймун ба вуҷуд омад. – Оё маймун нисбат ба дигар ҳайвонот бааҷлтар буд? – Ба маймунҳои айём бо ибрат назар кунӣ, ҳама собит мегардад.

Дар ибтидо маймун будӣ,
Бо ақли кам дошти хирад.
Ин лафзи кул афсона не,
Ёд овар аз маймуну дад.

Ҷисми ту буд бедардаке,
Аммо хирад ёрат набуд.
Бар пешаи ҳеҷ бохирад,
Асло сару корат набуд.

Дар тӯли милард солҳо,
Каппӣ будӣ – маймун шудӣ.
Аз гарму сарди рӯзгор,
Ёфтӣ раҳо, маскун шудӣ.

Баҳри ҳаёт кардӣ талош,
Бирҳонди ҷонатро зи марг.
Бо кори худ ёфтӣ маош,
Ҳамроҳ будӣ бор маргу дард.

Бостоншинос олотҳо,
Бисёр ёфта сангу санг.
Таҳлил карда он ҳама,
Будастӣ маймуни гаранг.

Таҳлили типологиҳо:
Олоти сангӣ доштӣ.
Бо санг мекардӣ щикор,
Нерӯи ҷангӣ доштӣ.

Суони ёвонӣ будӣ,
Суони Ҳиндустон будӣ.
Бо мадраки маймуншинос,
Инсони олишон шудӣ.

Бо пиряххои нахуст,
Яхбандии риси ту буд.
Дусад ҳазорон сол пеш,
Эҳёи ворисии ту буд.

Бо филу аспу бо мамонт.
Бо каркадан, бизонҳо.
Зисти ба Ёвон, қаратоғ,
Дошти ба худ армонҳо.

Пайдо шудӣ дар он замон,
Аз Ёвону… Ҳиндустон.
Пас зоти ту хӯрда пареш,
Бар Аврупо, мулки ҷаҳон.

Палеолит мустоие,
Аҷдоди кулли одамӣ.
Осори ту бисёрҳо,
Мероси зоти оламӣ.

Писарчаи нӯҳсолае,
Аз устухон з-аҷдоди ту.
Бошад гувоҳи зиндае,
Бо он бувад авлоди ту.

Умре ба ҳолоти аввал,
Дониши афкорой набуд.
Бо кӯш ҷонат бохирад,
Пайдо бишуд, пайдо бишуд.

Чун андакат пайдо хирад,
Иҷози ақлат андаке.
Баъди ҳазорон солҳо,
Зоти ту кешшофи хирад.

— Агар инсони асри мо хиради воло надошта бошад? – Ӯро беморҳуш гӯянд. – Беморҳуш чӣ ҳисоб аст? – Инсони ҳушбемор.

Агар бо илми Оллоҳӣ бикӯшем,
Бари ободии меҳан бичӯшем.

2. «Ранҷур аст он ки зан надорад».

— Зан ароғи хонадон, рӯшноӣ дорад ба сӯхтан. Зан ҳаёти хонадон, ишқи илоҳиёна, мӯъҷизаи покӣ ва меҳри афсонавор, дили пурмеҳр, нимаи ҷисму ҷони мард; модари фарзандон, зоту зурёт, хиради шавҳару фарзанд бо ҳамаи сифатҳои бузурги аз нодонӣ нагуфтаи мо.

Зан ҷавҳари поки зоти одам,
Бартар зи ҳама вуҷуди олам.
Офарда Худо варо бамеҳре,
Тавлид аз ӯст насли одам.

Беор касе ки зан надорад,
Бемор бувад чу ақлбемор.
Иҷоз бари ватан надорад,
Ёри ситамисту ҳам ситамгор.

3. «Беном аст он ки фарзанд надорад».
— Безурёт кист? – Санд, бенишон, гумном, беисм.

— Омад – Наёмад бенасл,
Ҳамчу ҳубоби рӯй об.
Барканда бошад решааш.

— Марду зани безурётро чӣ гӯянд? – Бефайзу бебаракат, номуборак, наҳс, шум, касофат ва расвои ҳарду олам. – Бераҳми бадаҳону бадгӯ будаӣ. Худо ба онҳо фарзанд надод. Гуноҳи онҳо чӣ?

Аё бенасду санд, фарзанди ту мо,
Мабош навмеду маҳзун ҳеҷ гоҳе.
Ба ёди ту нафасгирем, нафасгир,
Кунад ҳар мушкилат осон илоҳӣ.

4. «Беарзиш аст он ки мол надорад».
— Ба нодор чӣ ёр аст? – Ҳама бадбахтиҳо. – Кораш чӣ хел? – Бебарор. – Саломатиаш чӣ хел? – Бад. Чеҳраи рӯю дилаш чӣ хел? – Ҳамеша ғамгин, — Андешаи ақлиаш чӣ? – Ҳаётбезорӣ, аз зода шуданаш пушаймон аст. – Завқу шавқаш чӣ? – Мурда. Гӯё ақлаш норасо, чашмаш нобино, забонаш лол, гӯшаш ношунаво, дасташ ногирову пояш норавост.

Зиндадаргӯр аст бемол,
Ҳаст бефол, ҳаст беҳол.
Ҳеҷ кас дӯсташ нагирад,
Аз азоби беш мирад.

— Чанд аср боз бенаво хору зор аст? – Бист аср боз. – Кай ба мақсад мерасад?
— Чун ба «гуноҳи азимаш» сарфаҳм равад, — Бо чӣ? –Бо ақли тозае ки ба танбалӣ ва беҳунариаш қоил шуда, «гуноҳашро» ислоҳ карда тавонад.

Муфлис ҳамеша танбал аст,
Аз танбалӣ ҳолаш хароб.
Бошад ҳамеша номурод,
Дорад мудом чашми пуроб.

Гар танбале корӣ шавад,
Бо нангу бооре шавад.

5. «Суст он ки кас надорад».

— Аз чӣ бекас шуд? – Аз бемеҳрӣ, аз бадбинӣ. Агар некбину одамдӯст мешуд, бекас намемонд. – Сабабаш чӣ? – Аз сустии меҳри некбинаш.

— Ба ёрон меҳрварзоӣ,
Накӯбинию ҳамроҳӣ.
Аз онон ибрати корӣ,
Ба сидқи аќлогоҳӣ.
Гирифтан боҳушӣ бошад,
Ба рағми нохушӣ бошад.
— Ба кӯи бекасӣ соҳиб,
Биёби бо накӯтолиб.
Бисози рафъ ҳар сустӣ,
Биёби оини дӯстӣ,
Шави ёри накӯоин.

6 «Аз ҳама бадтар касест ки равон надорад».

— Беравон кист? – Бе рӯҳу ҷон. – Кадом зинда берӯҳу беравон аст? – Зиндаи нокорӣ. – Кӣ ӯро ба ин балои азим мубтало кардаст? – Худаш: — Бояд чӣ гуна бошад? – Боақли корӣ. – Агар чунин нашавад? – Он гоҳ берӯҳу беҷону беравон аст. Киро беравон гӯянд? – Мурдаро.

Аё зинда, чаро берӯҳу ҷонӣ?
Ҳисоби зиндагӣ неку бидонӣ?
Ба чӣ маъно миёни одамонӣ?
Чаро ки саргарону дилгазонӣ?...
Худо аз одами бекор безор,
Чаро бори гарони ҷисму ҷонӣ?

## БА НОМИ ЯЗДОН

1. «Доноиро ҳамто нест».

— Доно кист? Оқил, хирадманд, кордон, кордида, ботаҷриба.

— «Хирад беҳтар аз чашму биноӣ аст,
На биноӣ афзун зи доноӣ аст».

— «Барнояд ба муроди дили ман як нафасам,
То хирад дод ба ман мансаби доноиро».

«Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад».

Дониш оне ки зи конҳои ватан иҷозат,
Ба замину ба фазо сеҳрвар иҷод кунад.
Ба зиё ёр шуда нуру Сафо афзояд,
Ҳама кулфатзадаро шоду дилобод кунад.

2. «Зиёнро ном нест».

— Зиён чист? – Зарар, осеб, бадӣ, разилӣ…

— Оё зиён Аҳриманвор? – Бадтар аз он. – Чаро? – Беном аст.

— Зиёни зиён з-Аҳриман бештар,
Ба дилҳо зада бешумар нештар.
— Аз ин рӯ варо ному Кеше наяст,
Ба гетӣ варо ҳеҷ хеша наяст.

Дар пардаи ҳуш ҳар чӣ ба гуфтори бадангор,
Асло чу зиён лафз набошад ба дадиҳо.

3. «Гетиро пайдош нест».

— Дунё кай пайдо шуда? – Абадӣ буд. – Абадият чист? – Ҷовидон. – Ҷовидон чист? – Илми банда ҷавобашро наёфта. – Асрори абадӣ ба кадом илм марбут аст.

— Ба илми ғуюби Яздон: — Асрори он чӣ гуна? – Креатиоӣ – Офаринишӣ… Яъне? – Оламиро қувваҳои фавқуттабиие офаридаанд, ки онҳоро Худо, Яздони пок мегӯем.

— Худо офарда ҳар болову поён,
Дар он оғозу анҷом ҷовидонист.
— Вале Алберт Эйнштейн надонист,
Ки марги оламӣ ҳам зиндагонист.
— Чу кайҳонӣ набошад дарки одам,
Надонад ҳеҷ гоҳе фарқи олам.

4. «Мардонагиро нозиш нест».

Мард диловар, хунсарду бебокест. Нозу нузи занона надорад. Ба ёд ор шуҷоони оламро: кӯҳи ғам…, кору пайкор ба дӯш доранд. Аммо наменолад. Тир дасту пояшонро бурида мегузарад, мижаашон таҳ намехӯрад. Чун кӯҳҳо батамкинанд, чун баҳрҳо шӯрандаст дар муҳорибаҳо.

— Жаён шери ҷаҳон кушта ватандӯст,
Фузун аз Рустам аст дар мағзаву пӯст.
— Адӯ сад пора карда устухонаш,
Дубора дар билоди орзӯ руст.

5. «Молро ситоиш нест».

— Чаро «молро ситоиш не»? – Он чирки даст… Зар ба касе вафо накард, ки ба мо кунад. Тиллову уран ва ҳама маъданҳои ҷаҳонгир ба соҳибонашон ҳам вафо накардаанд. Онҳо мӯъҷизаҳои беназиранд ки оламро ба хеш асир карда… Ба дӯсту душманашон бевафоянд.

Зар ҷаҳон бигрифтаю кушт зарпараст,
Ҳорисонро сеҳру афсун кардааст.
Аҳриманзоде бувад ҳар ҷангдоз,
Мӯбади оламаз ӯ озурдаест.

6. «Зиндагиро оромиш нест».

— Ҳаёт арсаи талоши абадист аз замони Бобои Одам. – Дар табиат чӣ? – Гиёҳ, набот… ҳайвон, об, хок, бод, оташ лаҳзае оромӣ надоранд.

Набошад лаҳзае ором зарра,
Набошад лаҳзае ором қатра.
Чу онон одамӣ дар зиндагонӣ,
Талошварзанд барои зиндамонӣ.

7. «Пириро дору нест».

Ба сурату сират тағйир ёфта, ба пирӣ расид, ба талошу набард камол ёфта, фартут гардид, ба радду бадал шукӯҳмандӣ ӯро бемадор сохт. Ҳар қадар мехост дорӯи дарозумри ёбад, вале баръакс, гандапир шуд, чашму гӯш, дасту по, даҳону забон ва сару дилаш ҳар лаҳза, шабу рӯз, моҳу сол ба ӯ некӣ карда бемор шуданд. Беморӣ умри ӯро ба пирӣ расонд. Аз ин рӯ ба дарди пирӣ давое нест.

— Агарчӣ зиндагӣ зебо, дилоро,
Давои дарди пирӣ нест асло.
Бибахшидем ҳама, моро бибахшед.
— Хушо бо орзӯи неки мардум
Бапарвозест армони дили мо.

8. «Маргро чора нест»…

— Марг аҷал аст. – Бо амри кӣ? – Бо амри Ҳақтаъоло. – Ҳаёт аз кай оғоз аст? – Аз батн то зодашавӣ, — Оғози марг аз кай? – Аз рӯзи таваллуд.

— Ба дунё омадӣ, дунё бидида,
Ҳама неку бадӣ дида, шунида.
— Бадӣ будаст некиҳо ба душман,
— Дареғо вақти рафтан ҳам расида.

— Ба пирӣ ҳеҷ тадбират намонда,
— Сухансанҷи балогират куҷо щуд?
— Умедат ноумедиҳои бисёр,
— Магар меҳри атоҷӯят адо шуд?

9. «Худойро анбоз нест».

— Калиди ганҷи одам – меҳри Яздон,
Фурӯғи ақли олам – сеҳри Яздон.
— Ҳаёту бахту толеъ дод моро.

— Раҳонид аз ҳама одат, балоҳо.
Ҳазорон бор шукри зиндагонӣ,
Замину осмонро посбонӣ.
Ҳама кавну макон офарда дорӣ,
Зиёбахшою ҷони зинда дорӣ.
— Ба умеде ки бошем поку некӯ.

Ба ҳар кӣ дар амал одилсухангӯ,
Ба хуршеди мунир рӯят бидидем.
Туро бо ақли илми нав гузидем…

Ҷаҳон аз ҷангҷӯён соз озод,
Бикун аз одамат нуродам иҷод.

10. «Ва аз ҳама ин бадтар он ки бигӯяд Худой аз ӯ хушнуд нест».
Фақат иблис умед аз Ҳақ биканда,
Вале умре аз ӯ умед дорем.

11. «Ва ҳар киро Худой аз ӯ хушнуд нест, ӯро андар биҳишти бомӣ ҷой нест».
Қаноатпеша будам, шукр, ай Ҳақ,
Ба ёдат умрҳо дорам ибодат.
Ба некӯён бадӣ асло накардам,
Ба ёдат беҳисоб дорам ривоят.

## НИЁИШИ ҲОФИЗ

***(Ангораҳои ёдбудӣ эҳдо ба солгарду ҷашнвора)***

— «Дил меравад зи дастам, соҳибдилон, худоро,
Дардо ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро».
— Дил рафтаест аз мо бе ёру ошноем,
Сар гуфтаест бар мо ҳар ҷабру ҳар ҷафоро.
— Гар кӯчкандае сар бо сад фиғону шеван,
Овораи ду олам ҳастем танҷудоҳо.

— Сири аёну пинҳон бо худ бибурда ҳар он,
Аз чӣ пасон ба ёрон афғонкашидани мо?
— Аз нолаи дили зор суде ба халқ набвад,
Бо нуриёни кайҳон ҳастем ақлбарҷо.

— Гар рози мо ту гӯӣ, мо ҳарфдори Яздон,
Бо халқҷӯи олам ҳастем ёри фардо.

Бо зиё бошӣ, зиёдорат Худост,
Бо Худоёрӣ, зиёборат зиёст.
Чун биёби сири ҳар як заррае,
Эраи нав қудрати пуршони туст,
Бовафо бошӣ, вафодорат Худост.

— «Дӯш дидам, ки малоик дари афсона заданд».

— Ба дӯши хуш чӣ бор дорӣ? – Вуҷудоти болову поён, асрори офариниш, бақову фано. – Чиро арза дорӣ? – «Дӯш», «дидам», «малоик» ва «афсона»-ро. – Бо чӣ? – Бо ҳодису ғайриҳодис, бо воқеъу ғайривоқеъ.

«Дӯш»-у «дидам»-и Ҳофиз фаҳмо, «малоик»-аш киҳо? – Фариштаҳои осмонӣ, — Дар «афсона» чӣ? – Ҳодису ғайриҳодис, афсонаи азалию аразӣ ва равобитист ба мушкилоти одаму олам.

Ҳодис бари ҳодисе, афсона бар афсона,
Афсона бари ҳодис, ҳодис бари ин хона.
Болоию поёнӣ бо нерӯи беҳамто
Доранда бақои кул, оранда атои кул.

Хоно ҳама як ҷавҳар, дарёи пуразгавҳар.
Хуршед дар оина акси рухи офтоб аст.

— «Гили одам бисириштанду ба паймона заданд».
— Гили одам, дили одам дорӣ,
Ҳама шодӣ, ҳама мотам дорӣ.

— Ба кафат хоки шаҳидони ватан,
Ҳама андарзи ҳаётат Ҳофиз.

— Байти «Дӯш»… ишора ба чист? – Ба ояи Қуръон. – Роҷеи чӣ? – Хилқати одам ва мардудии иблис… — Кадом сура? – «Сод»-Ояи чандум? – Н-ум. – Маънояш чӣ? – Аз гил одам офаридам»:

Офарид Холиқ иҷози фунун.

Таркиш ба ҷӯшиш ҷӯшиш ба маъдан! –
Асрори онон ногуфта Ҳофиз.

— Офтоб чӣ? – Меҳр… сӯзу соз ва иҷози Худо. – Модари киҳо? – Модари ҳама мавҷудот. – Бо нерӯи кӣ? – Илоҳӣ. – Замин чӣ? – Духтари офтоб: — Сайёраҳои гуногун чӣ? – Фарзандон, набераҳои … онон.

Болову поён як зот, як зот,
Яздон биофард онон ба ваҳдат.

— Офарандаи мавҷудот кист? – Офаридгор бо иҷози илмии фани қасмадон – Оё аз он огаҳе аст? – То ба асру замонҳои ҳафт кашфиёти оламшумул огаҳ набуд. Сипас дунё ба шарафи онон ба сеҳри афсонавори ғайриҳодис ободон шуд, шукуфоӣ ёфт. Ба қиммату қудрати унсурҳо: заррае аз нур, қатрае аз об, нафасе аз бод ва заррае аз хок огаҳӣ ёфт. Ҳафт кашфиёт алифбои илми навинанд, ки дар ҳаёт ба судбахшиву зиёни бисёрашон ҷорӣ гардидаанд.

Нур бо некӣ ҳама карда ато,
Бо бадӣ дунё бисӯхта борҳо.
Ҳафт кашфи илми нав дар зиндагӣ,
Бо баду некаш бақо дорад, бақо.
Ҳофиз аз онон накарда ёдҳо,
Дар ҳаёташ ҳам набуд ин фикрҳо.

Ҳаст иҷози Худо бо илм фан беинтиҳо.
Одамӣ бо ҳафт кашфи худ алифбои варо,
Ихтироъ кардаст дар тӯли ҳаёт…
Чун зи сад як ҳиссаи илми Худо донад накӯ,
Ҳарду олам мераҳонад аз балову аз қазо.
Ҳар ду олам мешавад ҷовид биҳишти бобақо.

— «Сокинони ҳараму ситри ифофи малакут,
Бо мани роҳнишин бодаи мастона заданд».

— Киҳоянд сокинони ҳарам? – Фариштаҳо. – Ҳарами ситр? – Сириштипоки фариштаҳо. – Бодаи мастона чӣ? – Бодаи азал, бодаи аласт. – Аз кадом рӯз? – Рӯзи Наврӯзи ваҳдат, — рӯзи зодрӯзи Бобои Одам, рӯзи ҳаёти кашоварз, рӯзи Наврӯзи Замин ва рӯзи фирӯзи ҳама мавҷудоти ҷондору беҷони олам. – О, дар он замон Ҳофиз набуд. – Рӯҳи ҳама одам пеш аз ба дунё омаданаш ҳамроҳи Худост.

Худо ҷашни ҳама унсур биёрост.
Ба ваҳдат ҷумла шайдо кард.
Ба армоне ки ҷумла шодмон бошанд,
Ато кард базми бемисле.
Азалбода ба ҳар оне дидори ҳақтаъоло буд,
Ҳама шодон буданд дар базми ин зодрӯзи дидорбин.
Бимонд ин орзӯи нек бари ояндагон мерос.

— Аё, ҳазрат, рӯзи офаридани Бобои Одам дар куҷо ва бо чӣ авзо будӣ? – Дар роҳ, «роҳнишин», ба авзои андешаманди парешонрӯзгор.

— Офтоб бо чӣ пайдо? – Бо иҷозӣ илмию фарҳангии Худо, ки офтобро офарид. Пас ҳамагон бо оини ваҳдатхоҳии Худо аз як аҷдоду аз як авлоданд. – Худо мегӯяд, ки «Одам шабеҳи ман аст, ба он саҷда оред?». Ин қонуни ваҳдати илоҳист. Аз ин бармеояд ки ҳама бо амали Қонуни ваҳдати хоси Худованданд:

Ба Худо буд шабеҳ бандаи хокӣ – Одам.
Ба Худо ҳаст шабеҳ ҷумлаи офаридаи ӯ,
Ба Худо ҳаст шабеҳ Ҳофизи шайдои Худо.

«Шукри Эзид, ки миёни ману ӯ сулҳ афтод»,
— Ману ӯ кист? – Худову Ҳофиз – «Сулҳ афтод», чӣ? –
Ҳамдигарфаҳмӣ… ошноӣ, дӯстӣ.

Сулҳ – оштӣ, ёри ёвар будан аст,
Бар Худованд меҳрчокар будан аст…
Сулҳ-ваҳдат, ваҳдати мо – дӯстӣ.
Дӯстҷӯӣ шеваи ҳар меҳан-аст.

«Кудсиён рақскунон соғари шукрона заданд».

Рақси нуру нурӣ иҷозҳои беназир доранд ки қалам оҷизи баёнаш аст. Чунки ҳар як зарраро рақси ранги нуру нурӣ, ҷӯру зӯри базму сури афсонаворест. Дар онҳо аз Н то Н – беҳисоб ҷилою рангхост. Рукнҳои ваҳдатанд онон бо хисоли омезишёбӣ:

Дар саҳнаи ҳастӣ мисли анвор,
Рақсидани нури беназире.
Афсунгари олами кабир аст.

— Қудсиён пеш аз дидани дидори муборакӣ Худо ба Бобои Одам саҷда карданд. Сипас Худо ба Қудсиён гуфт. «Одам шабеҳи Худост» — Бо чӣ умед? – Бо умеде ки рамзи базму сур, ид, зодрӯзи Бобои марзӣ, Наврӯзи дилафрӯзу ваҳдат ҳаргиз фаромӯш нашуда, онҳоро чун рамзи адолат ҳамеша аз нерӯҳои аҳриманӣ ҳифз намоянд. Ин фарзу Айни абадиро афсона не, панде не, қонуни абадӣ барои шукуфоии илму Ирфон, фарҳанг ва равнақи ҳама ҳунарҳою кашфиёту навоварию иҷоз ҳисобидаест то ки ҳаётро бо адолат обод созанд, шарафи одамиро ҳамеша аз ҷангҳою беадолатиҳо ҳифз намоянд… — Шабеҳ бо чӣ буд? – Бо ҳама ҷавҳари аслию абадии фаросати рӯҳониву илму ирфониву адёнии Худо:

Ба Худо ҳаст шабеҳ рӯҳи бузурги Бобо,
Ҳақ ба ҳақдод расид, ид муборак бодо.

— Маънои «сулҳ афтод»-и Ҳофиз чист? – Дӯстӣ…, адолату хушрӯзӣ, бахту шукуфоӣ. – Худо бо чӣ хел армонҳои неқалами хебову дилоро

офарид? – Бо армонҳои ёриву ёварӣ, баҳамбошӣ, имдод ва ваҳдати ҳама ирқу ҳама миллатҳо: — Бо иҷози чӣ? – Адолат ва иҷозоварӣ барои ноилшавӣ ба сифатҳои ба худаш мақбули бандаҳои арҷманду вафодораш. – Султони бокарам бо чӣ мақсад Қудсиёнро ба замин овард? – Бо мақсаде ки ба хоки Бобои Одам саҷда карда, аз дидораш шарафёб шаванд:

Шукри Эзид ки миёни ҳамагӣ ваҳдат ёфт,
Ба Худо ёр бишав, оини ваҳдат сулҳ аст.
Ҳосили киштаи ту ризқи ҳайю шай бошад,
Сухани неки ҳама баҳри шафоат сулҳ аст.

«Ҷанги ҳафтоду ду миллат ҳамаро узр бинеҳ». – Даҳшат. Осиёи Миёна, Эрону… Афғонистон… сӯхт. – Аз оташи кадом ҷанг? – Ҷангҳои Чингизхону Темур… Темуриён солҳои 1338-1387 панҷ бор Шерозро муҳосира карданд. Шоир қатлу ғорату дарёи хуну сӯхтори Шероз ва ҳама ҷои Эрону оламро ба ёд овард: — Бо дидани чӣ? – Бо дидани 70 000 сар манорасозӣ. – Он манораҳоро кӣ сохта? – Темур. Дар куҷо? – Дар Исфаҳхон ки Муҳаммад-падари Ҳофиз дар он ҷо зодаю иқомат дошт. – Маънои ҳунрезии Темур бар зидди кӣ буд? – Пеш аз ҳама бар зидди Худо, бар зидди бандаҳои Худо ва ҳама мавҷудоти ҷондору беҷони замину осмон, бар зидди сулҳи Худо. – Сулҳи Худо кай буд? – Рӯзи офаридани Бобои Одам:

Ҷанги одам – ҷанг ба Яздон доимо,
Ҷанги одам душмани ҷони Худо.
Раъди ғуррон шиква аз ҷанги ҷаҳон,
Барқи рахшон оташи хашми Худо.
Абри гирён ашки раҳматрези Ҳақ.
Ҳаст рамзи ҳар balову ҳар қазо.
Ҳаст Ҳофиз бо Худованд доимо.

«Чун надиданду ҳақиқат, раҳи афсона заданд».

— Чаро ҳақиқатро надиданд? – Чунки ба Худо не, ба моли ҷаҳон меҳр бандист… Бо ҷанг ғанимати зиёд меёфтанд.

— Дар афсона олами ноёб буд,
— Бо фусуни ҷанг ҳақиқат хор шуд.

— «Осмон бори амонат натавонист кашид,
Қуръаи фол ба номи мани девона заданд».

— Байт ишора ба чист? – Ба ояи 72-и сураи 33-и Қуръон. – Номи сура? – «Аҳзоб» — чӣ хел? – «Мо арза кардем шариатро бар осмонҳо ва замин ва кӯҳҳо, нахостанд, ки бардоранд онҳо ва битарсиданд аз он ва бардоштанд онро мардум, ки ӯ ҳаст ситамгар ва ҷоҳилу нодон». – Чаро осмон бо бузургиву азамат бори амонатро кашида натавонист? – Чунки аз

фиоли бадӣ, ситамгорӣ ва ҷоҳилию нодонӣ ситамгор буданд… — Баъд? – Қуръапартоӣ. – Қуръаи фол ба номи кӣ омад? – Ба номи Ҳофизи девона. – Чаро Ҳофизи девона? – Аз ҳеҷ кӣ сари тарс надошт. Рост мегуфт. Девонаи Худо буд. – Ба чӣ маъно? – Ба маънои осемасар, вораста аз ашёю молу амволи олам; бенавои шикастанафс, ошуфта, шефтаву волаву шайдои Худованд.

Бори амонати кул бар дӯши бихрадон аст,
Ҳофизи адлҷӯе зинда ба ҳар замон аст.

«Мо ба сад хирмани пиндор зи раҳ чун наравем?
Чун раҳи одами хокӣ ба яке дона заданд».

Хирман ва донаи хирмани пиндор таззоданд. Шайтони васвосӣ дар миёна. Оқибат иблис ғолиб омада, Одамро бероҳ кард. Одам сабуриву шикебоӣ аз даст дода, донаи гандум хӯрд. Гуноҳ кард. Бо сабаби гуноҳаш аз биҳишт ронда шуд:

— «Нокарда гунаҳ дар ин ҷаҳон кист, бигӯ,
Он кас ки гунаҳ накард, чун зист бигӯ».
— Чун мо ҳама пургуноҳу оҷизмонда,
Бахшоӣ гунаҳҳои ҳама раҳгумро.

«Оташ он нест, ки бар шӯълаи худ хандад шамъ,
Оташ он аст, ки бар хирмани парвона заданд».

— Хоси ғазал чӣ? – Тазод… — Оташ чӣ? – Ҷанг… — ҷангро сабабгор кӣ? – Золимони сармоядори дохиливу хориҷӣ; Панҷ бор Шероз муҳосира… Дар Ҳамадон Темур манораҳо сохт аз сарҳо… — Хирмани парвона чӣ? – Ватан: — Парвона чӣ? – Халқ. Темуриҳо Эронро оташ заданд:

Оташ он нест ки сӯзад ҳама ҷо одамро,
Оташ он нест ки сӯзад ҳама доро ин даҳр.
Оташ оне ки чароғон бикунад дунёро,
Оташ он аст ки нураш бари ободии даҳр.
Бибарад киштии нурӣ ба ҳама сайёра.
Ба чунин нуру зиё Ҳофизи мо ҳамроҳ аст.

— «Сина моломоли дар даст, эй дареғо, марҳаме!»

— Ба ёди кӣ моломоли дард аст? – Ба ёди Худо ва бандаҳои хору зору дилабгораш. – Бо айби киҳо? – Бо айби ҳукамои аҳриманӣ:

— Дарди олам дарди шоир,
— Бедаво мондаст, дареғо, водареғ.
— Дарди одам дарди соҳир,
— Ту даво меҷӯ ба дарди бедаво,

Ай Худои нурбахшои ҳама,
Эраи нури ҷаҳон оғоз кун.

— «Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад, худоро ҳамдаме!»

— Танҳоӣ ба чӣ меорад? – Ба ҷонканӣ, Шоир чӣ будани ваҳдатро аз ғазали «Дӯш» ба ёд оварда, аз Худо боз ваҳдати кулл дархоста. – Танҳоӣ ба маънои комилтараш чӣ хел аст? – Аз хок зарраву аз об қатраву аз нур зарраю аз бод даме ҷудоҷӯ чӣ некиҳо карда метавонанд? – Ҷудоҷӯ ба фоҷиаи нестӣ ёр аст. Одамӣ ҳам дар ҷудоӣ нурҷудоест, ба мисли онҳо қисмати нестиву нобудӣ ва хокистаршавӣ дорад. Аз ин рӯ шоир аз мағзи ҷон гуфта ки «дил зи танҳоӣ ба ҷон омад», аз Худо ёрӣ мехоҳад. – Шоир фаромӯш накарда ки Худо рӯзи офаридани Бобои Одам ба болоиву поёнӣ, ба кулли мавҷудот ваҳдати абадӣ, бо иҷозӣ офаринишӣ пещаи деҳқонии Бобои Одамро бо ҳама сифотҳои баргузида таъкид карда буд? – Оё Худо нагуфта ки аз ту ҳаракату аз ман баракат?

— Додат Худованд дархостаҳоят,
Дар худ ниҳон аст, ҳар он чи бошад.
— Баргӯ ҳақиқат чун худро шинохтӣ?
— Дар худ аён он аст ҳар он ки бошад.

«Чашми осоиш кӣ дорад аз сипеҳри тундрав?»

Мо бандаҳои ҳама мавҷудот, онҳо чокарони ҷонҳои моянд бо ёрии илму фарҳанг. Мо дар онҳову онҳо дар мо ниҳонанд. Бо ҳамем, бо ҳам ҳамаем. Пас бояд қонун ва сабабҳои ҳаракоти «сипеҳри тундрав»-ро донем ки он соати кайҳонӣ дорад. Вақт нақд аст, он ба қонуни интизорӣ бегонаест. Харакати он ҳаёташ аст… Ҳама мавҷудот ба шуғли хеш барои ободонӣ машғул аст. Шоир асрори онҳоро кофӣ надониста, аз сипеҳри тундрав чашми осоише интизор нест. Одам бо хиради волои умраш барои хизмати болову поён, дар зимни онҳо барои худ ва хештаншиносиҳо офарида шудааст. Аммо шоир роҳи халосие аз сипеҳри тундрав нахостаю накофтаю наҷӯста ва бо ҷӯяндагӣ ҳам наёбанда, бо ноумедӣ роҳи беҳтари талоши ҳаётро наёфта, ба ғазаб омада ақлашро ба дил мазамматкунон аз соқӣ имдод мепурсад: «Соқиё, ҷоме ба ман деҳ, то биосоям даме!» Чӣ илоҷ, аввалу охири ин кӯҳнакитоб уфтода. Дареғо, дарди сангину ҷонкоҳ ва ҳалли муаммои азалии асрори оламӣ ба ақли ҳеҷ кас ҳавола нест. Шоир дар роҳи ҷустуҷӯи ободию сулҳу салоҳ барои барҳам задани нуқсонҳои замона танҳо набуд. Аз ҷумла, ба фикрҳои ӯ ҳамасраш Убайди Зоконӣ ҳама оғоз шуда, нуқсонҳоеро ки сабаби бадбахтии Эрону шарқиёну оламиён буданд, бе ҳеҷ истиҳола, бо забони бурровy нишонрас фош кард: «Воҷибулқатл – Тамғочии шаҳр, мушриф – дузд, муставфӣ – дуздафшор, гург-сипоҳӣ, байёъ-кисабур, мӯҳтасиб-дӯзахӣ, сипаҳсолор-амбордузд, асас-он ки шаб роҳ занад ва рӯз аз бозориён учрат хоҳад, Қозӣ – он ки ҳама ӯро нафрин кунанд, ришва – корсози бечорагон, чашми қозӣ – зарфе ки

ба ҳеҷ чи пур нашавад, хатиб – ҳар, шайх-иблис, талбис-калимоте ки дар боби дунё гӯянд, васваса – он чӣ дар боби охират гӯянд». Чунин равиши маъноии Убайди Зоконӣ, ки Ҳофизро аз кафои худ мебарад, ба ӯ имкон намедиҳад, ки аз роҳу равиши маъноӣ берун бароянд. Шоир дар банди кушоиши гиреҳи муммои мушкили зиндагӣ дармонда, бо имдодталабӣ ба пири сухандони «зираке» рӯ меоварад. Аммо пири сухандон ба ҳолаш хандида, мегӯяд «Сабъ рӯзе булаҷаб коре, парешон оламе!».

Парешон аст олам, одами он,
Парешон аст Худо аз беғами он.

Ҳамфикрии ҳар адлҷӯ,
Ободии ҳар меҳан аст.
Бар дарди миллатҳо даво –
Ваҳдат ҳаёти бефан аст.
Ҳофиз будӣ шайдои он.

«Сӯхтам дар чоҳи сабр аз бахри он шамъи Чигил».

Шоир дар чоҳи торики зиндагӣ сӯхт. – Шамъи Чигилаш чӣ? – Маҳбубаи зебо, Чигил номи шаҳри Туркистон. – «Феъли» шамъ чӣ? Сӯхта, сӯхта адошуданҳо… Оқибаташ хокистар.

Чун набошад ҳеҷ шамъи орзӯ,
Сӯхтан бесохтан бошад тилол.

«Шоҳи Туркон фориғ аст аз холи мо, ку Рустаме?»

— Шоҳи Туркон рамзи чист? – Рамзи ҷанг: Шоҳи Туркон ва Рустам тазоданд ишораест дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. – Дар кадом достонаш? – Дар достони «Бежан ва Манижа», — Шоҳи мулки Манижа кӣ буд Афросиёб: — Шоҳи кадом сарзамин буд Афросиёб? – Шоҳи Тӯрон. – Авзои Эрону Тӯрон чӣ хел буд? – Дареғо ки бадбинию душманӣ.

Бародар бар бародар душманӣ дошт,
Ҷаҳолат бар ҷаҳолат пурфанӣ дошт:

Агар Эрон намеҷангид ба Тӯрон,
Агар Тӯрон намеҷангид ба Эрон.
Ҳамешуд нур алонури ҷаҳонӣ,
Ҷудоӣ дар миён асло намебуд,
Адӯшон дастболое намешуд.

— Манижа духтари кӣ буд? – Духтари Афросиёб — Афросиёб аз кадом сулола буд? – Аз сулолаи Пури Фаридун. – Падари Афросиёб кӣ буд? – Пашанг… — Фарзандони Фаридун киҳо буданд? – Салм, Турва Эрач:

Бигрехта халқ аз ҷангҳо,
Дар даштҳо хӯрда пареш.
Ironӣ, афғонӣ шуда,
Рафта ба Ҳинд, бар ҳар куҷо.
Аз як қабила ҷумлагӣ.
Аз чӣ ҷудоянд умрбод?...
Чун ту шабеҳи кирдугор,
Аз зоти худ ёде биор.
Ҳақро ба ҳақдодат супор.

— «Шоҳи туркон аз чӣ фориғ аст?» — Аз ҳоли мо – «Пас чӣ бояд?» — Ку Рустаме. – Муҳаммад Ансор дар ин бора чӣ гуфта? – «Байни Эрону Турон душманӣ давом дошт, подшоҳи Тӯрон Афросиёб аз ин издивоҷ ба хашм омада Бежанро ба чоҳ меафканаду духтарашро аз қаср меронад»… Рустам аз ин фоҷиа огоҳ шуда, Бежанро аз чоҳ бароварда, ба Эрон мебарад… — Оё дар чунин замони фоҷиабори панҷ бор муҳосираи Шероз ба ёди Ҳофиз ишқбозӣ мерасид? … Аз ин рӯ шамъи Чигил ба ҷуз сӯхтану адошуданҳо дигар ҳунару қиммату қудрате надорад. Агар баръакс мебуд, он гоҳ мурдаро монда, тутхӯрӣ мешуд. Хайрият ки шоир ба фикри буз дар дами ҷону қассоб дар ғами чарбу ёр нашуд. Аз ин рӯ барҳақ бо сӯзу гудоз таъкид карда «Реш бод он дил, ки бе дарди ту хоҳад марҳаме!»:

— Ба дарди бедавои мо давоест?
Ба умри бебақои мо бақоест?
— Бақо хоҳӣ, амонӣ бахти мардум,
Ато хоҳӣ, макун сулҳи башар гум.
Бикун иҷро ҳама армони Яздон.

«Дар тариқи ишқбозӣ амну осоиш хатост».

— Хоҷа «Достони Бежан ва Манижа»-ро хонда ба чӣ хулоса омадаст? – Ба хулосае ки «Дар тариқи ишқбозӣ амну осоиш хатост». – Ин фоҷиаи ғамангез ҷамъбасти чист? – Ҷамъбасти фоҷиаи ишқи ҷаҳонӣ ба маъное ки дар замони зулмбунёди қатлэҷоду ҷангу бедодию мулксӯзиву аз сарҳои одамӣ манорасозиҳо нафаси озод кашиданҳо ба ақли одами солим фоҷиаи башарист.

«Реш бод он дил ки бе дарди ту хоҳад марҳаме!»

— Он кист, ки ба дард марҳам меҷӯяд? – Оне ки парвоят надорад:— Дарди кӣ? – Дарди Худо: «Гар нури ишқи Ҳақ ба дилу ҷон-туфтод, Биллаҳ ки аз офтоби фалак хубтар шавӣ» — Бо чӣ далел? – «Ҳама кас толиби ёранд, чи хушёру чи маст, ҳама ҷо хонаи ишқ аст, ки масҷид, чи куништ»:

Дарди Худо дарди шабеҳ,
Дарди шабеҳ дарди Худо.

Дарди Худо дарди ҳама,
Дарди ҳама дарди Худо,
Аммо дареғу водареғ.
Куфрони неъмат бешумар.

— «Хез, то хотир бар он турки самарқандӣ диҳем,
К-аз насимаш «Бӯи ҷӯи Мулиён» ояд ҳаме».

— Ҳофиз чиро ба ёд оварду бо ибораи «Турки самарқандӣ»? – Зодгоҳи аҷдоди қадимааш – Мовароуннаҳрро. – Чӣ хел? – Дар ибтидо халқи Осиёи Миёна аз ҷангҳои беамон безор шуда, кӯч канд, гуреза шуд. Ин фоҷиаи халқи таҳҷоӣ-тоҷики асрҳои баъдин дар эҷодиёти шифоҳии ин халқ бо шикоят аз ғарибӣ ва дар асарҳои тадқиқотии замони пеш баръало зикр ёфтааст. «Бӯи ҷӯи Муллиён» бо чӣ мақсад зикр ёфта? – Бо мақсаде ки бобоёни эрониҳо дар Мовароуннаҳр тавлид ёфта буданд. «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» бӯи ҷӯи аҷдоди Эрониён ва Хоҷа Ҳофиз аст. Аҷдоди устод **Рӯдакӣ аҷдоди эрониҳост мегӯяд Саиди Нафасӣ. Ватани аслии тоҷикону эрониёни имрӯзаро аҷнабиён забт карданд**. Аммо забон ва хиради бостонии тоҷикро забт карда натавонистанд… Дар таърихи «Тоҷикон» ва бисёр асарҳои таърихии олам омада, ки хиради инсонпарварӣ бо асарҳои Рӯдакӣ ва муосиронаш ба ҳама инсонҳои олам некӣ кардааст:

«Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бадон чашм к-андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчу дарёст, в-аз накӯкорӣ,
Киштие соз то ба-дон гузарӣ».

— Оё дар замоне ки аз дами теғи Темур хун мерехт, хотири осудаи ишқварзое буд? – Ҳофиз инро дар назар дошта мегӯяд: «Гиряи Ҳофиз чӣ созад пеши истиғнои ишқ». Шоир авзои сиёсии замонро дар назар дошта мегӯяд, ки «К-андар ин дарё намояд ҳафт дарё шабнаме». Дар замони ҳофиз агар чунин дарё дарёи ваҳдат ва меҳру муҳаббати одам ба одам мебуд, шабнамаш ҳафт дарё мешуд. Бо саъю талоши одами хокӣ адолатро дар саросари олам зафарёб карда, халкро ба висоли орзӯҳои наҷибаш расондан амри маҳолу умеди ботил аст: — Пас чӣ бояд кард? – Ҳаётро, ватанро, ҳама оламро аз зулму ҷурму ҷангу хунрезӣ наҷот бояд дод, чунки ҳафтод ҳазор сарҳои буридаи Тему ва аз сарҳо манораҳо сохтаи ӯ дар Ҳамадон шоҳиди зиндаи ин бераҳмиҳоянд. Аз ин рӯ «Одамӣ аз нав бибояд сохт, в-аз нав оламе». – Чӣ хел Одам? – одами нурӣ, одами малакутӣ, фариштаҳое ки вуҷуди онҳо аз нур, аз зиёи офтоб бошад, бояд одамизод бандаи хокӣ неву фариштаи кайҳонӣ бошад, он гоҳ он аз ҳамаи банду басти нафси ҳариси хокии худ озод мегардад бо сӯхтанҳои хештан ба амри Ҳақ таоло:— Оё чунин муамморо ба хирад ҳал кардан мумкин? – Ҳаргиз. Бинобар ин то эраи нуриён бо дода қаноат кардаву аз буда шукрона кардан ягона илоҷи аз ҳар бало раҳоӣ ёфтанҳои шоир

нест. Шоир аз муқоисаи замони Рӯдакӣ ба замонаш дар таззодҳои фикрӣ музтар намонда, роҳгум назада, ба эраи нуриён ошиқи шайдо мешавад:

«Фурӯғи хокиён аз нуриён афзун шавад рӯзе».

«Айби риндон макун, ай зоҳиди покизасиришт,
Ки гуноҳи дигарон бар ту нахоҳанд навишт».

— Оё ин байт шарҳи ҳоли шоир аст? – Оре. – Ринд кист? – Лоубол, бепарво, озодаву озод, зидди дин неву адӯи хурофот… — Зоҳид чӣ? – Ҳушёр батақвои ҷоҳил: — Кихо гуноҳро ба номи гунаҳгор менависанд? – Ду фарищта, ки доимо ҳамроҳи ҳар инсонанд: — Дар рӯзи қиёмат чӣ мекунанд? – Гуноҳу савоброро ба палаҳои тарозу гузошта, аз вазни некиву бадии ҳар шахс хулосаи аниқ мебароранд».

— Ҳар ки даравад ҳар он чӣ киштаст.
Некиву бадӣ ба ном навиштаст.
Чун покӣ ба мисли оби дарё,
Нопок нашав ба ҳар ду дунё.

«Ман агар некам, агар бад, ту бирав худро бош,
Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт».

— Одамӣ чӣ мегирад? – Мукофоти амал. Ҷавкор ҷавашро медараваду гандумкор гандумашро.

Мукофоти амал ҳар кӣ бигирад.
Баду неки ҷаҳон дорад ҳисобе.

«Ҳама кас толиби ёранд, чӣ ҳушёру чи маст,
Ҳама ҷо хонаи ишқ аст, чи масҷид, чи куништ».

— Дилу сар барои чист? – Барои соҳибаш – Бо чӣ амале? – Ба амале ки писанди он аст, яъне ҳушёр (зоҳид) у маст (ринд) шайдою волаи ёру дилдори ақоиди худанд. Дар масҷиди куништ, мусулмону тарсо қиссаи ишқи хеш доранд. Мусулмонон тасбеҳи дона-донаи ихлоси худро гирд мегардонанд. – Дар байти «Ҳама кас» чӣ ақоид талқин аст?— ақоиди озодандешӣ: Мусулмон ҳам ба даргоҳи Худо ибодат дораду тарсою габр ҳам. Ҳар яке ба урфу одату адёни хеш ба Худо ошиқи поканд. Ба онҳо кордор набояд шуд, вагарна хурофотиҳо дунёро бо ҷангу шӯр меоранд. Онҳо ифротиянду сӯйкасдчию қотил:

Толиби неку бади хеш ҳама инсон аст,
Дар ҳама хонаи дил ишқ бақое дорад.

«Сари таслими ману хишти дари майкадаҳо,
Муддаъӣ гар накунад фаҳми сухан, гӯ: сару хишт».

— Фикри шоир чӣ гуна аст? – Қатъӣ. – Сари таслим дорад? – Не. – Чӣ карданист? – Бо хишт ба сари айбҷӯ заданист? – Айбҷӯяш кӣ? – Зоҳид. Агар зоҳид шоирро бадном созад, суде аз ин намеёбад. Беҳтараш ки зоҳид бо хишти майкада ба сари худ занад:

Таънаи зоҳид хилофи раъйи Яздон асту бас,
Ту машав навмед ки лутфи Ҳақ бувад беинтиҳо.

«Ноумедам макун аз собиқаи лутфи азал» — Ба кӣ гуфта? – Ба зоҳид, ба рақибаш.

Чу дарёи раҳмат талотум кунад,
Гунаҳ соҳиби хешро гум кунад.

«Ту паси парда чӣ донӣ, ки кӣ хуб асту кӣ зишт».

— Ҷаҳон дар зери чӣ хел парда паноҳ аст? – Пардаи пиндор: — Аёнест? – Ноаён: — Бо чӣ онро дидан мумкин? – Бо чашми ғайббин. Инсон чашми ғайббин надорад. – Чашми ғайббин чист? – Чашми ақле ки асрори он ба одамӣ муаммост: — Донандаи хубу бади ноаён кист? – Худо, чунки офарандаи аёну ноаён худаш аст:— Мо чӣ? – Бандаҳои нафси хеш, нодон, зоҳирбинем, на ботинбин… Воқеан, ҷаҳони ботинӣ ҳам донисташаванда ҳаст. Аммо ақли мо аз нодонӣ ба донистанаш қодир нест. – Мардумон ба худоҳои бисёре саҷда меоварданд: — Сабабаш чӣ буд? – Нодонӣ. Агар медонистанд ба ҳайвону ба обу ба кӯҳу… ба набот, ба абру борон, ба моҳу офтоб саҷда намеоварданд, онҳоро худо намегуфтанд. Яккахудоиро пеша мекарданд: — Сабаби аз биҳишт ронда шудани Бобои Одам ҳам чуноне зикр ёфт борҳо, аз нодонӣ буд. Агар доно мебуд, ба васвасаи Иблис бовар намекард, иблиси ақлдузд ӯро гумроҳ карда наметавонист:

Ақли Одамро бидуздидаст Иблис дар биҳишт,
Гуфт Афлотун, ки нодонам ба донoии хеш.

«Падарам низ биҳишти абад аз даст биҳишт».

Чуноне ки гуфтем иблис Бобои Одамро аз нодонӣ бо васваса бероҳа карда, гандум хӯронд. Одам аз биҳишт ронда шуд. Нодонии Бобои Одам ба ҳама авлодаш меросмондааст:

Чун ёри шайтон шуд падар аз ҷаҳлу нодонии хеш,
Барбод дода боварӣ, шуд ронда аз кушки бихишт.

— «Боғи фирдавс латиф аст, валекин зинҳор»…

— Боғи фирдавс ҷонбахш. Боғи дунё ҳам аз он ҷонбахштар. Ҳардуро Худо барои инсонҳо офарида. Шарти инсонӣ он аст ки ҳардуро ободон созӣ бо худоҷӯӣ, кори деҳқонӣ, илмӣ… ва рӯҳонии ватандӯстии хеш:

— Ба қадри ҳар як одам рас,
Ба қадри ҳар ду олам рас.

— Маранҷонӣ Худоятро,
Вафо кун бовафоятро.
Фидокорат фидои ту,
Сахои ӯ атои ту.

«Ту ғанимат шумор ин сояи беду лаби кишт».
Дами накд ғанимат. Ҳаётдӯст бош. Ба хотири он ҳамаро дӯст дор.

Бозомаданат нест, ба ёрон мебош,
Монандаи нахлу ашки борон астӣ.

«Ҳофизо рӯзи аҷал гар ба каф орӣ ҷоме,
Яксар аз кӯи харобот барандат ба биҳишт».

— Чӣ хел ҷом? – Ҷоме ки дар рӯзи офариниши Бобои Одам ҳамаи фариштагон ӯро дидаю аз бодаи азал – аз ҷамоли муборакӣ ҳазрати Ҳақ субҳонаватаъоло шоду масруру маст буданд. – Мақсад? – Агар пеш аз марг аз дидори Худо шарафёб шавӣ, ҳамоно туро аз кӯи харобот ба биҳишт мебаранд: — Дидори Худо аз биҳишт авло не? – Ҳазорон бор авлотар:

Ба ёди Ҳақ бихӯрд Ҳофиз азалбода ба ҳар боре,
Аз ин асрор ғофил гуфт варо майхораи даврон.

— «Дар азал партави ҳуснат зи таҷаллӣ дам зад».

— Аз азал ҳозиру нозир буд партави ҳусни ҷамоли Ҳақ. Аз ҷилову партаваш олами зулмонӣ – ҷаҳони охарманӣ нуронӣ шуд. Ба кулли мавҷудот ҳаёт бахшида, лашкари торикиро забун сохт:

— Аз азал кард ба нур ҷумла ҷаҳон нуронӣ.
— Ҷуз ба ин нест дигар мӯъҷизае дар олам.

«Ишқ пайдо шуду оташ ба ҳама олам зад» — Оё Худо ишқро аввал офарид? – На. Аввал ақли олӣ, ақли илмиву ирфониашро Худо корӣ сохту бо усули илмии ғайбонӣ мавҷудот офарид, сипас ақлу илму ирфонро бо кӯмаки имон барои бандаҳои ояндааш бо андешаи аниқу амиқи абадӣ тарҳрезӣ кард. Чун ҳама шароитро барои офаридани одам муҳайё сохт, оташи офтоб ба ёдаш расид, ки бо иҷози он ба одам ҳам ҷону рӯҳ ато кардан имкон дорад. Бо хилқати илмию ирфонии ғайбонӣ нури офтобро дар офаридани ҳама мавҷудот истифода бурд бо ёрии ақлу илми ғайбонӣ. Сипас офарид меҳр, аз меҳр ихлос пайдо кард. Аз онҳо дар якҷоягӣ ишқ офарид, нури офтобро ба вуҷуди одам дароварда, онро дар дилаш макон доду ба сараш ақлу илму ирфонро ҷо карда, ба онҳо фармуд ки дар якҷоягӣ дили саркашро раҳнамоӣ кунанд:

Пешвои ишқи саркаш ақли нодон буд, буд,
Ҷумла бедодии олам з-ишқи саркаш будааст.
Ту ба навэра бубини ошиқии ақлзод,
К-он ба ишқи саркаши ту пешвоӣ мекунад.

«Ҷилвае кард рухат, дид: фалак ишқ надошт».

— Ҳама буду чӣ набуд? – Ишқ. – Бо чӣ озмун? – Бо озмуни меҳру ихлосу… вафою адо.

Худо бо ақли илмонӣ чу офард офтобашро,
Аз он пайдо намуд анвори беҳадду ҳисобашро.
Пас аз ақл офарид ишқе ки бо ҳиссаш шарик астӣ.

Абад будаст Худо бо илму иҷоди ғуюби хеш,
Ба ин иҷоз офардаст ҳаёти офтобашро.

«Айни оташ шуд аз ин ғайрату бар одам зад».

Худо ишқро оташ хонда, ба тани одам дароварда, маконашро дар дил аниқ кард. Баъдтар ба паррандагону ҳайвонот… сӯзи ишқ дод. Аммо ишқи онҳо ки ақли раҳнамо надоранд, аз ишқи инсонӣ фарқҳои бисёр дорад бо уқули ҳамаро фарогир:

Илми ғуюби Оллоҳ офаридагори олам,
Илми ғуюби Оллоҳ шуд кирдугори одам.
Асрордони он аст ақли расо, на ишқе,
Бо сеҳри ақл донад иҷози офтобаш.

«Ақл мехост ки аз шӯъла чароғ афрӯзад,
Барқи ғайрат бидурахшиду ҷаҳон барҳам зад».

— Аввал чӣ сохт – Ақли илмию ирфонии худро, ҳама мавҷудоти кайҳониро: — Ба фараз халалдор мебуд? – Шӯъла чароғ намеафрӯхт: — Барқи ғайрат чӣ? – Нерӯи Худо – Нерӯи ҷаҳонофар:

Ақли илмии ғуюби Ҳақ бувад иҷози Ҳақ,
Ҳаст он оғозу анҷоми ҷамеи мавҷудот.
Заррае аз нури Ҳақ ёбӣ ҷаҳон дигар кунӣ,
Эраи навро ба нурӣ пурзару зевар кунӣ.
— Ҳамрадифи рӯзгор аст ҳар тазодӣ, дудманӣ,
Бе талош асло набошад ҳақ ба ҳақдоди ҳаёт.

«Дигарон қуръаи ҳикмат ҳама бар айш заданд».

Онҳое ки ишқ надоштанду ошиқ набуданд, ба айшу нӯш саргарм шуданд.

Қуръаи ҳикмат ба номи туст, ранҷат бекарон,
Ганҷи он мероси ту бошад ба ҳар пиру ҷавон.

— «Дили ғамдидаи мо буд ки ғам бар дам зад».
— Дар ин олам ба сӯзу сози хештан ошиқи зоре,
Дили ғамдидаи худро бикарда сахт абгоре.
— Чу сӯзи мо ба сози миллати мо хуб пайвандад,
Ба рӯи оламӣ дарҳои шарэҷодро бандад.

— «Ҷони улвӣ ҳаваси чоҳи занахдони ту дошт,
Даст дар ҳалқаи он зулфи хам андар хам зад».

— Ҷони улвӣ чист? – Ҷони болоӣ, осмонӣ, таззодӣ, суфлӣ. Чоки занахдон чӣ? – висоли маъшуқ: — Занах чист? – Манаҳ, чона: — Занахзанӣ чӣ? Пакидан – Пақидан, ҳарза, ёва, жожу беҳудагӯӣ:

— Ҷони одам улвиясту тан бувад суфлӣ варо,
Дар миёни ҳардувон бечора, саргардон туӣ.
— Вуҷуди улвию суфлӣ туӣ дар сурату симо,
Муроди ҷузъию куллӣ туи дар сирату сомон.

— «Ҳофиз он рӯз тарабномаи ишқи ту навишт,
Ки қалам бар сари асбоби дили хуррам зад».
— Чун мо зи хушиҳои ҳаёт даст бишустем,
Фоҷиаи дунёвӣ бишуд хуни қаламҳо.
Монанд ба мо ҳаст зиёд ёри ситамкаш,
Дар номаи бинвишта бувад меҳри дил иншо.

— Худо аввал чиро халқ кард? – Мавҷудоти осмонро. – Бо чӣ амр? – «Бош!» Фариштаҳоро аз нуру одамро аз хок офарид… — Азроилро аз чӣ? – Аз нур, — Азроил фариштаи чист? – Фариштаи марг… — Нахустгавҳари тобнок чӣ буд? – Ақл. – Бо чанд сифат? – Бо се: шинохти Ҳақ, шинохти худ ва шинохти набуду буд: — Аз ин се сифот чӣ пайдо кард? – Ҳусн некӣ, ишқ ва ғам: — Ишқ чӣ дорад? – Эҳсоси гуворо: — Бо чӣ волост? Бо гувории эҳсос: — Ақл чӣ – пасуфтод шуд. – Аз фариштаҳо бо чӣ бартар? – Бо гувории эҳсос: — Фариштаҳои осмон чӣ ҳол доштанд? – Ҳайронӣ. – Бо чӣ? одами хокӣ аз ҳамаи фариштаҳою мавҷудот ба Худо қаринтар аст. – Бо ишқу эҳсос. – Оё ин ақоиди ғалат нест? Дар асри мо ғалат буданашро илм исбот кардаст, чунки одамӣ Худоро бо ақл шинохтаст. Худо ҳам мавҷудоти оламро бо ишқу эҳсос наву бо уқули созандаи илмиву ирфонӣ офаридаст. Агар чунин намебуд, қонунҳои бақо…, ҷозибаи ҷаҳонӣ, вақти кайҳонӣ, ҳаво, чор унсур-оташу боду хоку обу одам ва кулли мавҷудот, офарида намешуданд:

Ба чашми ақли илмонӣ назар кун,
Ҷаҳон бо илм офардаст Яздон,
Ба маъное к-улум созандагиҳост,
Худо илми ҷаҳони ғайби оллост.

— Худо ба фариштаҳо дар бораи одам чӣ гуфт? – Аз азал то абад бо ин мушти хок маро корҳои нек дар пеш аст, чунки одам аз сири ақлу ишқ бохабар аст. Аз кайфияти он шумо ғофилед, чунки ҷавҳару сӯзу сози одамӣ надоред. Аз ин рӯ ба ин хокии бартар аз шумо саҷда овarданатон фарз аст… Сипас Худованд борони муҳаббат борид аз абри раҳмат ба хоки Одам. Хок гил шуду дасти қудрат аз гил сару дил пайдо кард. Яъне, одамро ба усули илмӣ офарид. – Баъд чӣ? – Ҳама ба хоки одам саҷда карданд: — Кӣ саҷда накард? –Иблис. – Чаро?-Иблис ба Худо ёр, қаринтарин дӯсташ буд: Дар майдони фарохе ба ҳамаи фариштагон омӯзгор буд, ба онҳо илми тавҳид ёд медод. Аз ин рӯ ор донист ки нурӣ ба хокӣ саҷда орад. Ҳамагон ба ҷуз Иблис ки мехост раҳнамои мавҷудот бошад, сар ба рукӯъ рафтаю бархостанд. Чандеи фариштагон шӯрида, мехостанд ки Одамро бо бадкорӣ маншур созанд. Аммо Худованд ғарази онҳоро қабул накарда, ҳамаи фариштаҳои саркашу ёғиро ба оташ сӯзонд. Иблис қолаби одамро тамошо кард. – Баъд ба чӣ хулоса омад?— Аз дидани узве ки он дили одам буд, кушке ба назараш пайдо шуд. Ҳарчанд кӯшид, роҳе наёфт ки ба он дарояд. Аз дари дил ноумед баргашта, мардуди ҷаҳон гашта, тавқи лаънат ба гарданаш овезон дид:

Иблиси доно ба илми хеш будӣ ғаррае,
Дар вуҷуди хеш оташ будӣ ҳар як заррае.
Илми тавҳид ёд медод бар малоик аз азал,
Саҷда н-оварда ба хоки одамӣ пурфитнае.
Тавқи лаънатро бидид бар гарданаш овехта,

— Одам пас чӣ шуд? – Аз ақлу оташи ишқ барафрӯхта: — Бо чӣ пиндор?

— Бо пиндоре ки ба чоҳи занахдон – ба висоли маъшуқ расидан осон аст. «Чу ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо». – Чаро? – Печухами мӯи ҷингилаи занон рамзи пурпечутоби борику чигил ба роҳи печдарпечи шебу ҷабаду фароздори кӯҳҳо монандест.

— Бо улвӣ суфлӣ таззод аст, таззод,
Ба таззодӣ бувад дунёи обод.

Монандаи мӯи сиёҳ пурпечутоб аст зиндагӣ,
Ҳушёр бояд зистан, варна бимонӣ дар бало.

— «Шароби талх мехоҳам ки мардафган бувад зӯраш»,
Ки то як дам биёсоям зи дунёву шару шӯраш».

— Ба чанд маъно? – Ба паҳлӯҳои бисёри ҳам зоҳириву ҳам ботинӣ. Ба зоҳирбин зоҳиру ба ботинбин фарогири мавҷудоти болову поён аст.

— Рамзи чи? – Бодаи ваҳдатхоҳи азалии Худо. – Барои чӣ? – Барои ваҳдати болову поён «ки то як дам биосоям зи дунёву шару шӯраш». – Чӣ гуна шару шӯр? – Ҳама гуна. – Аз кай? – Аз замони Одам то ба ин дам. Аз

бародаркушии …сосониҳою ҳахоманишиҳо…, аз хунрезии арабу Искандари Макдунӣ, аз сӯхтору куштори муғулҳо…, «Иҷоди» аз сарҳо манорасозии Темур дар Исфаҳон:

— Дид Яздон ваҳдати хунрезҳо,
То абад дорад азо, дорад азо.
— Дид Яздон к-аз шабеҳи худ чу хишт,
Буд манораҳо зи сарҳои чу мо.
Рӯзи мотам хонд он рӯзи сиёҳ,
Дидагирён буд гӯё бепаноҳ.

Олами гардун азодори замин,
То сабақ бошад бари фардоиён.

Худо гувоҳ ки фоҷиаи ҷангҳо дар Эрон фоҷиаи башар аст.

Дарди шоир дарди бедармон бувад,
Гуфтанаш осон ба ҳар нодон бувад.

— Аё Хоҷа, ба асри бисту сиву сад… ба чӣ ҳолӣ?
— «Сумоти даҳри дунпарвар надорад шаҳди осоиш,
Мазоқи ҳирсу оз, ай дил, бишӯй аз талху аз шӯраш».

— Дамад субҳ аз паси шоми сиёҳе.
— Чу мо одил, набошад оламӣ дун,
Адолатпешагон боист парвард,
Бибояд некномон кард афзун.

«Сумоти даҳри дунпарвар надорад шаҳди осоиш».

— Худо ҳама чизро ато кард барои одамӣ, дунёро аз биҳишт зеботар сохт, қонуни азаливу абадии ваҳдатро ба болову поён ҷорӣ кард. Пас чаро «сумоти дахр дунпарвар» шуду донои халқёвару доносарвар не? – Чунки сармоядорони ҳуком бо зулму ситаму ҷанг ҳама мояву сармояи хушбахтиҳоро миёни худ тақсим карданд. Аз ин рӯ дунё шаҳди осоиш надорад:

— Аз Худо ҷангиву золим бехабар,
Чун биҷӯӣ шаҳди ноби ин замин?
— Бар Худо бомеҳртар бояд шудан,
То ки омӯзем аз ӯ некӣ ба халқ.

Чун хони неъмати дунёи дунпарвар барои поёнӣ аз таомҳои лазиз, рафоқату дӯстӣ, ваҳдат холӣ бошад, пас чаро амну амонию фаровонӣ аз он интизор бошӣ? Ҳама ҷоро мазоқи ҳирсу аз забт карда, аз талху шӯраш дасту дил шӯед, чунки хушҳолию хушбахтӣ барои мардумони оддию бегуноҳ тухми анқост.

— Агар набвад сифоти хуби одам,
Ба ёд овар ту ҳоли подаҳоро.
— Набошед подаи говони ҳорис,
Бурун гардед зи ҳар афсуну талбис,
Ба кашфи тоза илми нав шумоед.

«Биёвар май ки натвон шуд зи макри осмон эмин».

— Исёни Хоҷа бар рағми чист? – Бар рағми андӯҳе ки азои ҳамагонро ба дӯши ақли шоир бор кардаст. – Хоҷа аз ин марги ҳалоҳилу мафоҷо бо чӣ наҷот меёфта бошад? – Бо усуле ки аз макри замину осмон эмин гардад: — Бо чӣ? – Бо бодаи азалӣ, чунки дигар илоҷи аз марг раҳоие намонда. – Дар осмон ҳам макру найранге? – Оре. Шайтони кайҳонии раҳмонии нурӣ барои бероҳ кардани бандаи хокӣ ба ҳама узвҳои кавму миллатҳо даромада:

— Ба рағми ҷумла найранги фалак исёнҳо кардӣ,
Вале поёни шабҳоро бидидӣ шоми тори халқ.
— Ба шакли нур бувад иблис,
Мази аслоӣ бепарво.

«Биёвар май ки натвон шуд зи макри осмон эмин,
Зи лаъби Зуҳраи ҷангиву Миррихи силаҳшӯраш».
Маккори осмонӣ кист? – Иблиси раҳмонӣ.

— Лаъби Зуҳраи ҷангӣ чӣ? – Ишора ба ситораи ромишгарону навозандагон. – Миррихи силаҳшӯр чӣ? – Ситораи ҷанговарон. Таззодмаънои бо чӣ мақсад омада? – Бо мақсади ҷамеи ихтилофоти поёнию болоӣ. Қонуни таззодӣ абад ба онҳо марбут аст.

Ба таззодӣ замину осмонҳоянд н-осуда,
Аз ин зиллат раҳоӣ нест аслое фақиронро.

«Каманди сайди Баҳромӣ бияфган, Ҷоми Ҷам бардор,
Ки ман паймудам ин саҳро, на Баҳром асту на гӯраш».

— Каманди сайди Баҳромӣ ишора ба кист? – Ишора ба сулолаи Сосониён – Шоҳ-Баҳромӣ Гӯр. – Ҷоми Ҷам чӣ? – Ҷоми Ҷамшедӣ Ҳофиз ба рағми қиссаи ҳаводисии Баҳром бодаи азал нӯшид. Ҷоми Ҷам бардор ки Ҷамшед дар ҷомаш рӯи дунёро медид, зеро дунёро саросар тай зада, аз Баҳрому гӯращ асаре наёфт… Дунёву одам гузаронанд. Ба ҷуз ишқварзӣ ба Худо дигар ҳама бозичаест.

Мо лӯъбати кӯдакони гӯли олам?
Меҳмони дурӯзаем дар ин дайри дудар?

— Каманди сайди Баҳромӣ ҳам ба мисли ҳама мавҷудот даргузаранд, ҷаҳон ҳам. – Баҳроми гӯршикор оқибат ба гӯр ҷо ёфт, яъне ба ғоре рафту рафту рафту дигар барнагашт, ҳоло ҳам даракаш не.

Ғанимат ҳар дам аст аз дори дунё,
Набарди зиндагӣ поён надорад.

Марав бар гӯри нафси хеш асло,
Ба ёд овар ватан, — миллат ҳамеша.
Ҷаҳон тасхир намо бо адли зӯраш.

«Биё то дар майи софит рози даҳр бинмоям,
Ба шарти он ки нанмой ба каҷтаъбони дилкӯраш».

— Оинаи ҷаҳоннамои Ҳофиз чист? – Ҷоми Ҷам. – Дар он чиро дид?

— Ҷамоли Худо – маъшуқаи рамзиашро. Ишқи пуршӯр ба маъшуқаи осмонӣ шароби ваҳдат аст. Аз ин рӯи ба он рози даҳрро ифшо сохт. – Ба чӣ шарт асрори махфиашро ба дӯсташ гуфтанӣ? – Ба шарте ки ин асрорро дӯсташ ба каҷтабъону дидкӯрону ҷоҳилону хушкмизоҷон нагӯяд. – Чаро? – Онҳо душмани ҳақиқатанд? – Бо чӣ далел? – Шоир ба саргузашти Мансури Ҳаллоҷ ишора дорад: — Мансури Ҳаллоҷ чӣ гуфт? «Ана-л-ҳақ», яъне. «ман ҳақ ҳастам». Душманон суханашро ғалат маънидод карданд. – Чӣ хел? – «Ман Худо ҳастам», — шарҳу маънидод карда, ӯро ба дор кашиданд. Ин сабақест. Аз ин рӯ Хоҷа Ҳофиз ин розро ошкоро гуфта наметавонад:

Ба ҳоли ҷуҳало-иблиси поёниву болоӣ,
Гиристем зор-зор бо синаи абгор.
Ба Мансури Ҳаллоҷи – «Ман-ана-л-Ҳақ»
Фиғони дил шунав дар ҳарду олам,

Анал ҳақ-ту, аналҳақ бо Худо будӣ.
Ба рағми дилсиёҳи ҷуҳало будӣ,
Абад ёри Худо гаштӣ ба ҷаннат.

«Назар кардан ба дарвешон мунофии бузургӣ нест,
Сулаймон бо чунон ҳашмат назарҳо буд бар мӯраш».

— Дарвеш кист? – Бечораи заифу Худоҷӯю ростгуфтор, рострафтору росткирдор, ҳақгӯю ҳақҷӯю ҳаққхӯи ба ҳама сифатҳои накӯӣ баргузидаи рӯҳонию инсонӣ пироста:– Дар бисоташ чӣ дорад? – Шикастанафсӣ, ба ҳама қазову қадар розист. – Зиёнаш чист? – Суд ба ёди Худо.

— Табиати ҳолаш чӣ? – Баинсоф, дилсӯз, ғамхор, раво намедорад ки мӯри равандаеро озор диҳад: – Киҳо ба дарвешон бамеҳранд? – Қариб ҳама касон, ба ҷуз золимону бераҳмону хунрезону шайтонмизоҷон. Поктинатон дарвешҳоро аз мағзи ҷон дӯст медоранд:

— Ҳаст дарвеш ёри ҷонии ҳама бишкастанафс,
Кош мо бо ёди ӯ Лайливу Маҷнун мебудем.
— Ба дил ҷо додаам дарвеши дилреш,
Ба фикри ҳар Сулаймон мӯрҳоро халқ мегӯям,

Ба ҳифзи он ҳама дар хокаму аз хок мерӯям.
Ба мисли лолаи дилхун ба мардум роз мегӯям,
Ҳамедонам ки лола хуни поки ҳар шаҳид, ай ҷон,
Миёни ҷумла гул бар одамӣ хушбош мегӯям.

— Сулаймон кӣ буд? – Пайғамбаре ки ҳама одамон, париён, девону ҷинҳою ҳайвоноту паррандагон фармонбардораш: — Мӯр Сулаймону лашкари ӯро чӣ хел меҳмондорӣ кард? – Бо як пои малах ҳамаашонро сер кард.

— Ҳазрати Мӯсо ба мӯрҳо чӣ кард? – Онҳоро бо пойҳои калонаш зер карда, аз Худо пурсид: Чаро мӯрчаҳоро офаридӣ? Аз Худо посухе даррасид: Паст шаву шикояти мӯрон шунав. Мӯсо хам шуда, илтиҷою зории мӯрҳоро шунид: — Худоё аз баҳри чӣ Мӯсои лаванди шутурпоро офаридӣ ки он ба як помонӣ чандинтои моро кушт?

Ҷон ба мӯру малахе ҳаст ширин,
Ту азиз дор ҳама ҷони азиз.

Халқи олам чун раванда мӯрҳо,
Бовафо ҳастем ба мӯрони Худо.
Чун ба ҳифзи даҳр бошем бовафо,
Мешавад офардагор аз мо ризо.

— «Камони абрӯи ҷонон намепечад сар аз Ҳофиз,
Валекин ханда меояд бад-ин бозӯи безӯраш».
— Камони абрӯи ҷонон бикарда сайд ошиқро.
— Ба ҳоли нотавон сайдаш ба хурсандӣ,
Илоҳо оташи ҷанг не, алови синаҷо бошад.

«Душ вақти саҳар аз ғусса наҷотам доданд»,

— Дарди ғаму ғуссаи шоир ба ҳар аср фоҷиаи башарист. Хунрезиҳои нерӯҳои аҳриманиии араб, Искандар, Муғул ва Темур фоҷиаҳои башариянд. Шоир солҳо роҳи халосӣ аз ин фоҷиаҳо ҷӯста, бо сӯзи ҷигаргудоз фиғон мекашид. Худо ҳам ба ин дарди ҷонкоҳаш даво наёфта. Шоир чун дид ки шаби тори ғуссааш бесаҳар аст, худро ба аластӣ ҳам зад. Аммо аз ин ҳам ба дарди инсонпарвариаш давое ёфта натавонист. Сипас ба хулосае омад ки аввалу охири ин кӯҳнакитоб уфтода, Шабу рӯз фиғон кашид, аз Худо узри гуноҳ хост. Дар охир Худо ба додаш расида, рухашро намоён кард. Хоҷа саҳари лайдо аз ғусса наҷот ёфт: ба дидани ҷамоли зебои Худо шарафёб гардид:

— Дарди нокомони гетӣ ғуссаи инсонпараст,
Кай ба даргоҳи Худовандам бари ин қиссаро?
— Борҳо буданд, то ҳаст одаме он мебаранд…,
Мӯи пурпечухами ин мушкилот бикшода нест.

«Дӯш вақти саҳар аз ғусса наҷотам доданд,
В-андар он зулмати шаб оби ҳаётам доданд».

Шоир аз ғуссаи бандаи хокӣ ки дар дами ҳалокат буд, роҳи халосӣ ёфта, ба ноумедони заминӣ видоъ карда, гуфт ки зулми золиму хунхори ҷангӣ ва ноҳақиҳои рӯзгор ислоҳнопазиранд. Аз ин рӯ гуфт «Одаме аз нав бибояд сохт, в-аз нав оламе». Яъне, ба ин дард ба ҷуз Худо касе даво ёфта наметавонад. Аммо нагуфт ки ихтиёри кулл ба Худову ҷузъ ба бандаҳои мухайяр марбут аст. Аз ин рӯ маҳкам аз домони раҳмати Худо дошта, бо тоату ибодату шабзиндадорӣ аз ғусса наҷот ёфта, оби ҳаёт нӯшид дар зулмати шаб:

Зулмати шабҳо ба поён,
Лек боло нурбахшояш бишуд.

— Шоир ба висол расид? – Ҳа, пас аз сӯзу сози шабонарӯзии дар тӯли солҳои зиёд ҷигар обу дил кабобкарданҳо. – Оби ҳаётро кай нӯшид? – Дар зулмоти шаби бандаҳои хокӣ. – Кадом шаб буд ин шаб?

— Шаби 21, 23 ва 27-и моҳи рамазони исломӣ. – Наҷоту оби ҳаёт дода киҳо буданд? – Фариштагоне ки гӯё қариби рӯз аз наздаш гузаштанд.

— Ин чӣ хел ҳодиса? – Хориқулъода. – Чӣ кард он? Дили хонандаро ба ҳаводис ҷазб:

Шаби ялдо шаби оби ҳаёт аст,
Барои бенаво хобу хаёлест.

«Бехуд аз шаъшаъаи партави зотам карданд».

Шоир аз шодиву ғами дунёи поён, — аз ғаму андӯҳи бандаи хокӣ ки бехудаш карда буданд, аз шаъшаъаи партави Яздон фориғ нагардида, ба Худо пайваст.

Бе худ аз шаъшаъаи партави Ҳақ хокӣ буд.
«Бода аз ҷоми таҷаллии сифотам доданд».
— Аз чӣ масти лояқил шуд? – Аз нури таҷаллӣ:

— Бодаи ҷоми таҷалли нӯш кард, бо ёди Ҳақ.
— Халқ аз ёдаш бирафту бандаи кайҳон бишуд.
— Пас кӣ бошад соҳиби халқи азиятдидае?
— Ихтиёри кулл ба кулл аст, ихтиёри ҷузъ ба ҷузъ.

«Чи муборак саҳаре буду чи фархунда шабе,
Он шаби қадр ки ин тоза баротам доданд».

— Чаро шаби муборак буд? – Худо гуноҳҳои Хоҷаро бахшид. Шоир тоҳир шуд: — Чаро фархунда шабе? – Ошиқ ба висоли маъшуқ расид, сармастии ӯ ба ёди субҳони Ҳақ самари амали ранҷи якумраи шоир ва беҳтарин орзӯи ҳаётиаш буд:

Фархунда шабест ки пок гардӣ,
Берун бишави зи оҳу сардӣ.
Аз халқ вале буридан асло
Бар раҳми Худо наяст мақбул.

Чун зарра ҷудо зи офтобаш,
Нобудшав аст бо ҳисобаш.
К-оянда ба мардуми ҷафокаш,
Боши агарам ба ҳукми оташ.
Бо ёди Худо ба суди ҳар он
Дарёб висоли бахтҷӯён.

«Баъд аз ин рӯи ману оинаи васфи ҷамол».

— Оё Худо ба ҳамду сано ниёзе дорад? – Ҳаргиз. Ба асри мо ваояндаи дур ҳам Худо розӣ нест ки эҷодкор, аҳли фазл аз бандаи хокӣ бурида фақат бо ёди Ҳақ бекору пеша зиндагӣ ва ибодат кунанд. Ба ёди халқҳои олам зиндагию кору амал ва саъю ҷадал ҳам як навъи тоати инсонпарварист. Ҳофизи бузургвор ин марҳаларо аз сар гузаронд, сари ин масъала бисёрҳо андеша ронд, ба Худо бо розаш аз ҳоли бади бандаи хокӣ, ки зомини арсаи зулм ва ҷанги одам бар одам аст: «Одаме аз нав бибояд сохт ва нав оламе». Аммо Худо дар ҳалли ин муаммо ба доди ӯ нарасид, одаму оламро дигар насохт. Шоир як умр ҷомаи амал напӯшидани орзӯи наҷибашро надида, ноумед гардид: «Ин чӣ шӯрест дар ин даври камар мебинам». Қариб як умр дар интизорӣ дилу ҷигарашро об кардан беҳуда. Худо оламро бешӯру футур, бе бадбиниву ҷанг ба биҳишти воқеӣ табдил надод. Шоир аз ҳалли ин муаммои мушкили бистасра умедашро канда, бо орзӯи васли ишқи хеш бо муаммои дигари абадӣ ба даргоҳи Худо тавба карда. Дар шаби лайдо ба висол расид. Чирки гуноҳаш шуста шуд.

Худо гуфта ки аз мӯъҷизаҳои ту ҳаракату аз ман баракат… Худо оламро бо усули адёнӣ неву бо илмӣ сохтаю ободкардаст. Аз ин рӯ ба асри мо муаммои бо усули илмӣ шинохтани одаму олам ва кайҳон бо ёрии ҳамаи илмҳои созандаю ақлонӣ ба миён омадаст:

Бо усули динӣ не, илмӣ ба кулл
Чашми бихрад во шудасту во шудаст,
Кимиё бо физикою ҷумла илм
Кошифи поёну ҳам боло шудаст.
Бо ҷиҳоди илмӣ дар рӯи замин
Бар Худо ошиқшавӣ иншо шудаст.

Мо аз Ҳофиз ҳақ надорем, ки донистани зуҳуроти илмии асри бистро талаб кунем. Мақсади мо ин аст ки тараққиёти илмии асри бист сири ҳама каҷфаҳмии ақоидҳои то ба ин аср пешқадами ҷаҳониро кушод. Акнун асри бо усули илмӣ шинохтани Худо расида. Ин тифли гаҳворагӣ

ба чандин аср калон шуда, ба он навъе ки Худо офтобу ҳама мавҷудотро офарида, дар замин офтоби сунъии барқсозиро афзун карда, бо усулҳои навинсоз ба Худо бо усули илмии худи ӯ наздиктар шудаст. Аз ин рӯ, минбаъд тоату ибодат ҳам усулу услуби илмӣ пайдо мекунад.

Бо усули илмӣ Яздон офаридаст мавҷудот.

«Ман агар комраво гаштаму хушдил, чӣ аҷаб?
Мустаҳиқ будаму инҳо ба закотам доданд».

— Боз ақоиди дигари дунёвист». «Бани одам аъзои якдигаранд?» — Бо дарки Худоҷӯию халқпарварӣ чӣ? – Боз ҳамон ақидаи гуфташудаи маъмул ба ёд мерасад: одам шабеҳи Худост. Худо ҳамон пайғамбареашро аз ҳама беш дӯст медорад, ки ӯ барои хушбахтии ҳамаи бандаҳо дар замин бе хунрезӣ талошварз бошад. Масалан боз ақидаҳое арзи вуҷуд доранд ки дар онҳо гуфта мешавад: чун замон бе зулму ситам, бе шурӯ футур ва бе ҷанг бошад, афкори тоату ибодати илмӣ дунёро бо таззодҳои навиша ободтар месозад, асри инсонии инсони нав, асри наҷобат, асри камолоти ақливу маънавию ирфонии инсон оғоз меёбад… Ба асри мо боз ақоиде пайдост дар шуури инсонпарварони асиле ки яке барои ҳамаю ҳама барои як кас афсона не, солимтарин ақоиди тавлидкардаи ақлии инсонҳо ҳам ба Худо ва ҳам ба халқ, ақоиди оламшумули башар аст. **Орзӯи ҳақи ояндаи башар бо ибодати илмӣ Худоро шинохтан аст;**

**Ҳарду оламро биҳиштсоз аст илм бо амри Ҳақ**
**Андар он айём Худо бо илм бишносад ҳама.**
**Тоати илми нумӯъ ёбад дар рӯи замин.**

«Ҳотиф он рӯз ба мани шӯрида ин давлат дод,
Ки бад-он ҷабру ҷафо сабру саботам доданд».

— Аз сабурии Ҳофизи бузургвор чӣ ҳосил шуд? – Ғураи сабраш ҳалво. – Ба ин шарафи бузург бо чӣ комёб гашт? – Боз бо сабру шикебоии якумрае ки худро аз ҳама тардоманиҳо ҳифз мекард. Яъне, ба шоири Лисон-ул-ғайб Ҳотифи ғайб гуфта: «Бо дард сабр кун, ки даво мефиристамат». Шоир воқеан ба дарди худ даво ёфту ба дарди кулли инсон барои раҳои аз ҳама дарду иллатҳои зулму ноҳақӣ нопокӣ, бераҳмӣ, шӯру шар ва ҷангҳо давое ёфта натавониста, дар дами пирӣ дар бораи ҳаёти худ бештар андеша меронд ки табиати хоси ҳама фузалову уқалои ҷаҳон бадин минвол саранҷом ёфтааст.

— Фардо Худо баҳри башар,
Дунё бисозад чун биҳишт.
Ҳарду биҳишт бо ёди Ҳақ,
Дунё кунад ободтар.
— Дар он замон бо амри Ҳақ,
Тоат, ибодат бар Худо.

Бо илму ирфон бошадаш,
Ҳамчун зиё дар ҳар кучо.
Бас роҳати чон бошадаш.

«Ин ҳама шаҳду шакар, к-аз суханам мерезад.
Ачри сабрест к-аз шохи наботам доданд».

— Шоир ба висол расид, мукофоти амал ёфт… — Ачри Хоча чӣ? – Подоши амал. – Шохи набот чӣ? – Шушаи набот: И. С. Брагинский гуфтаст ки Шохинабот номи маҳбубаи Хоча Ҳофиз аст. Шояд. Ба ҳар рӯ аз ҳама ишқи пок нерӯи рӯҳӣ гирифтани Ҳофиз ҳақиқати бебаҳсест.

– Чаро аз шохи набот? – Набот меваи биҳиштӣ, — Феълан дар ҳама унсурҳои муқаддас шабеҳи Худо мавчуд аст. Ба ақидаи воқеию мантиқӣ ҳама инсон аз чамоли шабеҳи Худо бархурдор аст, чунки Офтоб чашми Худо, замин чигаргӯшаи аз офтоби чӯшидаи кандаест бо ризои Худо. **Замину офтоб фарзандони илмии Худоянд…** Замин духтари Хуршед, одам фарзанди замин ва набераи хуршеданд. Шабеҳ будани одам ба Худо гуфтаи Офаридагор аст ба дурустии ақоиди ҳақиқати собиткардаи ҳам бандаҳои хокӣ ва ҳам таъбири бебадали Ҳақтаъоло. Онҳо бо ҳам яканд, яъне, қонуни ваҳдат ин ки кул дар чузъу чузъ дар кул мавчуд аст:

Шабеҳи Ҳақ ба ҳақдод аст, Ҳақзод,
Ба ёди Ҳақ ҳама ободу озод.
Ба илми тозабунёди чаҳонӣ,
Ба ваҳдат кардаӣ ободу обод.

«Ҳиммати Ҳофизу анфоси саҳархезон буд,
Ки зи банди ғами айём начотам доданд».

— Бо чӣ хел ҳиммат Хоча ба висол расид? – Бо ҳиммати анфоси саҳархезон: — Аз банди фочиаи кадом ғам раҳоӣ ёфт? – Аз банди фочиаи айём, аз ғаму ғуссаи кулли башар ки заминро ба мотамсаро бадал сохта, бо нерӯҳои аҳриманӣи зулму шару шӯр ба сифатҳои инсони комил зиёновар. Аммо ҳаёт маъвои набарду талоши пайвастаест баҳри ба мақсадҳои олӣ расидан бар зидди нерӯҳои аҳриманӣ:

Ҳаёт чун арсаи некӯталош аст,
Ба зидди аҳриманнерӯ начот аст.
Набарди некҳо поён надорад,

«Бибур зи халқу чу анқо қиёси кор бигир,
Ки сити гӯшанишинон зи Қоф то Қоф аст».

— «Чаро бибур зи халқ» гуфт? – Чунки халқ бисёрӣ, дар миёни онҳо нопокону бадангорону аҳриманзодону шайтонҳо чой доранд, чангали ғавр бе шеру бе рӯбоҳ нест… — Анқо чӣ? – Анқо мурғи афсонавие дар паси кӯҳи Қоф: – Сит чӣ? – Шӯҳрат. — Гӯшанишинон чӣ? – Мардуми

дар хонақоҳҳо ба тоату ибодат шуғлварзо. Онҳо ҳамчу анқо дар кунҷи танҳоӣ умр ба сар мебурданд..

Ба шодиву ғами мардум шарики ҳол бувад тоат,
Буруни об моҳиро ҳаёт марги мафоҷояст.
Худо офарда ҳар олам ба суди ҷумлаи одам,
Ба ҳар унсур назар месоз бо чашми худоҷӯят.
Ба суди ҷумла мавҷудот барои одамист олам.

«Ҳадиси муддайёну хаёли ҳамкорон
Ҳамон ҳикояти зардӯзу бурёбоф аст».

— Муддаиён кистанд? – Даъвогароне ки ба шеъри Ҳофиз ҳасад мебурданд.

— Хаёли ҳамкорон чӣ? – Шоироне ки худро Ҳофиз хондаю қаламдод мекарданд ки амали онҳо ҳикояти зардӯзу бурёбофро ба хотир меорад.

Бигуфта бурёбофи ҳасадхӯр
Манам зардӯзу шуғлам пешаи ӯст.
Чу он аст муддаии фахрпеша,

«Ҳамӯш Ҳофиз, ин нуктаҳои чун зари сурх
Нигаҳ дор ки қаллоби шаҳр сарроф аст».

— Қаллоб кист? – Қалбакисозе ки зари қалбакиро сикка мезанад.

— Сарроф чӣ? – Шахси пули тиллоиро ба пули нуқрагӣ иваз мекардагӣ.

— Зари сурх чӣ? – Тилло: — Нуқра чӣ? – Сухани ҳакимона.

Чу қаллоб буд саррофи фусунгар,
Бидуздид шеъри Ҳофиз, шеъри Ҳофиз.

«Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст,
Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро».

Ҳамхонӣ, ҳамҷонӣ, фидокорӣ ва ҳама сифатҳои баргузида фидои дӯстон дорему ба душман ҳам ин сифатҳоро арзонӣ, кардаем.

Ба ҷонӣ ҷон бидеҳ, ҷоно,
Ба душман чун бародар шав.

«Ҳангоми тандастӣ дар айш кӯшу мастӣ,
К-ин кимиёи ҳастӣ Қорун кунад, гадоро».

— Қорун кӣ буд? – Яке аз хешовандони ҳазрати Мӯсо, зару симаш беҳисоб буд: — Ба Мӯсо чизе намедод. Аз ин рӯ бо дуои Мӯсо ҳамроҳи сарваташ ба замин фурӯ рафт:

— Ҳангоми тангдастӣ будем мардикорон,
Бе ҷон магар бидиди ҷоне ба рӯи олам.

Бо ранҷи бас гароне бар дардҳо табибем,

«Ойинаи Сикандар Ҷоми Ҷам аст бингар,
То бар ту арза дорад аҳволи мулки Доро».

— Искандарро бо киноя кӣ мегуфтанд? – Писари Доро. Искандар бо ойинаи ҷаҳоннамояш кишвари Дороро тамошо мекард. Баръакси ривоятҳо: Ойина ҷосусе буд ки асрори давлати дигарро аксандоз мекард ба забткор… Ҷоми Ҷам гӯё ба мисли оина хизматгор буд.

«Агарчи бода фараҳбахшу бод гулбез аст,
Ба бонги чанг махӯр май ки муҳтасиб тез аст»…

— …Замон ноором, хунхору хунрез: — Муҳтасиб? – Муборизиддин Муҳаммад амири золим…. Абуисҳоқи Инҷуро ба қатл расонд.

Ба айёме ки дорад фитнаангезӣ,
Шабу рӯз айби ту ҷӯяд.
Кушад мардони оқилро.

«Сипеҳри баршуда парвезанест хунафшон,
Ки резааш сари Кисрову тоҷи Парвиз аст».

Сипеҳр – осмони баршуда, ордбез. Мардумро дар элакаш мебезад. Аз сӯроххои он сари Кисрову Парвиз рехта.

Зи ғирболи ҷафо сарҳо бирехт чун орд аз элак.
Ҳазар мекун аз он шӯре, ки миллат хешкуш бошад,
Бубин ҳар зарраву қатра ба ваҳдат зиндагӣ доранд.

«Ин чӣ шӯрест ки дар даври қамар мебинам»,
Инсон наяст инсони кулл.
Даври қамар кардаш малул,
Хокаш ба сар, хокаш ба сар.
Безор гаштаст аз фузул.

«Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар мебинам».
Фитнаву найранг одаму одамро фаро гирифта.
Фитнаи ҷанги бародаркуштагонро ёд ор,
То сабақ бошад бари ваҳдат ба фарзанди башар.

«Пешаи подшоҳон нест ба ҷуз ҷабру ситам».

— Оё дар ҳама асру замон подшоҳ золим аст? – Ба ёд овар ояндаи фирӯз, асри тиллоии одамиро дар сайёрае ки ҳукоми замонаш инсонпарвару хирадпеша бошад. Сипас ба суолат ҷавоби равшану аниқ меёбӣ.

Эраи шоҳӣ ба навэра диҳад ҷою мақом,
Давлату сарҳад намонад, ҷанг мирад бо маром,
Фикру зикри одамӣ афсонавор одил шавад.

«Адлу инсоф ҳама зеру забар мебинам»,
Ба навэра шавад инсоф шоҳи ҷумла сайёра.
Ба ӯ бошанд хирадмандони олам пешвои кулл.

«Ҳар касе рӯзи беҳӣ металабад аз айём»,
Ҳама кас толиби бахт аст ба некармонаш.
То фузун баҳри ҳама доруву дармон ёбад.

«Иллат он аст, ки ҳар рӯз батар мебинам».

— Оянда ба эраи нав кулли явмин барои он беҳтар ки илму фани навпайдо бо роҳбаладии хиради воло ҳар лаҳза ҳаётро зебову дилкаштар сохта, таърих ба давлатҳои ҷангҷӯ видоъ карда, беҷангӣ, бефандӣ… безулмӣ оғоз гардида, одамон умри дароз мебинанд. Эҳтиёҷи рӯзгор намемонад. Ҳама муаммои мушкили бемеҳрии инсон ба инсон ҳал шуда, боз таззодҳои навин пайдо мешаванд ки онҳо мубориэаро бар зидди ҳама гуна амроз ба авҷи аъло мерасонанд. Дар он эра як кас, барои ҳама, ҳама барои як кас талош меварзанд. **Инсондӯстӣ ҳукми қонунии абад пайдо мекунад.**

Мерасад нав эраи олии кулл,
Одамӣ аз зулм меёбад раҳо.
Одамӣ бо ранҷи афкори наваш,
Мекунад обод ҳар вайронаро.

«Аблаҳонро ҳама шарбат зи гулобу қанд аст».
Худоё баҳри шикам не, барои ҳуш
Бидеҳ мӯъҷизаи илми наватро.

«Қути доно ҳама аз хуни ҷигар мебинам».

— Чанд аср боз ин мараз давом дорад? – Бист аср боз. – Пас доно чӣ кунад? – Поёни шаби сиёҳ сафед аст, аз абри сиёҳ ҳам ашки сафед боронист.

Дар эраи нав ҷамеи доно,
Бо гавҳари илми бас тавоно.
**Бо илми навини хубсиёсат,**
**Бихрад бишавад ба даҳр ҳоким.**
Гардад ҳама поку дилмубарро.

«Аспи тозӣ шуда маҷрӯҳ ба зери полон»,

Аспи тозӣ – одами асил. Либосаш ҷилу ҷавал аст. Маҷрӯҳест ба зери полон.

Абад бечораҳол астӣ забунҳол,
Ҳамеша адл помол асту помол.
Ба ҳоли золимон таърих гирифта?
**Ба асре мемирад оҳарманавлод.**

«Тавқи заррин ҳама бар гардани хар мебинам».

Ба маъное ки бӯҳрони ақлӣ ба иқтисод бӯҳрон меорад. Ахлоқ ки коста шуд, шӯру футур, гуруснагӣ, беморӣ… ва вабо пайдо мешавад. Он ба ҷангу кушокушӣ меораду ҷангу кушокушӣ ба нобудӣ.

— Чашмаи соф аст давои дардҳо,
Оби ҷорӣ ҳеҷ гаҳ гандида нест.
— Дар зимистон нест дарахте борвар,
Тирамоҳи боғи мо бемева нест.

«Духтаронро ҳама ҷанг асту ҷадал бо модар,
Писаронро ҳама бадхоҳи падар мебинам».

— Сабабаш чӣ? – фоҷиаҳои маънавии рӯзгор.— Фоҷиаҳои маънавии рӯзгор аз чӣ? – Аз ҷангу зулми дохиливу хориҷӣ, аз ноқисии рӯзгор, Онҳо ҳамаро бесаранҷом карда… Фарзандон аз фармони падару модар инонтоб. Агар бӯҳрони ақлии давлатдорӣ сар намезад, агар адолат ҳукмрон мебуд шоҳ ором мезист. Ба ёд овар сосониҳоро Шоҳи Ҳахоманишиҳо 115 писар дошт. Онҳо бо иғвои дохилӣ ва ҷосусҳои ба ин сарзамин пеш аз ҷанг сардаровардаи Искандари Мақдунӣ барои тоҷу салтанат шӯрида, ҳамдигаркушӣ карданд. Сипас бо Искандар шароити ҳуҷум муҳайё шуд… Нотифоқии Эрон асосан аз ҳамон сар зад: — Ҳуҷуми арабҳо чӣ? – Ба мисли хунрезии Искандар. – Ҳуҷуми муғулҳо чӣ? – Бадтар аз хунрезтарин Искандар. – Аз 70000 ҳазор сар манорасозии Темур чӣ? – Бешуморанд чунин фоҷиаҳо дар ҳаёти ҳама давлатҳову халқҳои ҷангзадаи Эрону Тӯрону оламиён. Решаҳои аслии бӯҳрони ақливу иқтисодии давлату халқҳои ҷаҳон асрҳои аср аз чунин ин фоҷиаҳои башарӣ обнӯш аст.

Сели оҳан сели одамро бикушт,
Сели душман сели оташ буд, буд.
Водареғи мардумони бохирад,
Бо ҳама халқи ба ранҷ нонёфта.
Тӯъмаи оташ шуданд, оташ шуданд.

Боядат бар фикри олии башар
Ёр бошӣ бахри ҳифзи миллатат,
Боядат ваҳдат ба нерӯи хирад,
Дар замин, то ки набошад зоти бад.
Варна бо ҷанги саввум нест одаме,
Варна бо ҷанги саввум нест оламе.

«Ҳеҷ раҳме на бародар ба бародар дорад,
Ҳеҷ шафқат на писарро ба падар мебинам».

— Дар арсаи ҷаҳон чӣ ҳол буд? – Сангдилию бемеҳрию бераҳмӣ. — Дар асрҳои баъдин чӣ? – Қариб ба ақоиди Хоҷа мӯсовӣ. – Дар асри мо чӣ? – Қариб ба ақоиди Хоҷа мӯсовӣ. – Дарояндаи наздик чӣ? – Ба ақоиди Хоҷа ҳамоҳанг, — Кай одаму олам ба низоми инсонпарварӣ меояд?

– Ба асре ки адолат бо ваҳдат ба хиради воло бо ёрию ёварои ҳукмрони ҷаҳон гардад. **Он гоҳ таърих бо ҳукми худо ба сохт ва ақоиди пӯсидаи бистасраву сиасраи хеш видоъ карда, шаклҳои нави хиради башарӣ бо ваҳдати яккасарварӣ сулҳпарварию адолати мутлақ бо ақоиди нави олии равосозандаи ҷадидтарин нерӯи адолатпешаи башарӣ барои ба биҳишти воқеъӣ табдил додани ҳаёти аҳли башар ҳукмравои оламиён, бо ваҳдати ҷамеи мавҷудоти заминиву кайҳонӣ бо ҳукми инсонпарварии волою олитарини инсонӣ дар сайёраи хирад муҳайё месозад.**

Одамӣ беҳ аз ҷаҳон аст,
Моли дунё зеби он аст.

**Ҷуз ба одам нест қиммат ҳеҷ чиз.**

— Чаро «Духтаронро ҳама ҷангасту ҷидол бо модар?»

— Ҳар чӣ асоси таърихӣ дорад. Хоҷа асосҳои таърихии ҳама ашёи тасвироташро медонад. Чун сохти ҷамъият зулмбунёд бошад, ин заҳр ба фарзандонаш ҳам сироят мекунад.

Чун замон ҷоҳил бувад, ҷоҳил шавем,
Чун замон одил бувад, одил шавем.

— Чаро «Писаронро ҳама бадхоҳи падар мебинам?» — Меваҳо аз меваҳо гиранд пайванд наве.

Некӯ набувад ҳеҷ гаҳе бадангор.

— Чаро «Ҳеҷ раҳме на бародар ба бародар дорад?»

— Чун раҳм набошад, аз куҷо ёбандаш?
Шаҳд будат, заҳр ҳосил кард замон,
Нақд будат нася бедил кард замон.
Меҳр будат шодии ҳар хонадон,
Орзӯи нек ботил кард замон.

«Ҳеҷ шафқат на падарро ба писар мебинам».
Бувад фоҷиаи марговаро пур,
Падар аз ҷони худ ҳам гашта безор.
Чу бошад меҳри инсонӣ бақодор,
Набинад одамӣ ҳеҷ ранҷу озор.

— Чаро ҳама гуна ахлоқ, ҷавҳари аслию абадию аразии асри Ҳофиз мурда? – Магар созандаи ҷамъияти солим олами солиму афкори солим нест? – Чаро дар бист аср ҷамъияти солими башарӣ сохта нашуд? Пас чӣ бояд? – Одами наву олами нав бояд. Ин муамморо пеш аз Ҳофиз ҳам ба миён гузошта буданд, вале ба ҳеҷ асру замон башар ва хирадмандонаш ба пуррагӣ асрори ин муамморо накушодаю ҳаллашро наёфтанд.

— Ку сӯхтадиле асири мотам донад?

**— Бо илми навин ба кашфу иҷоз**
**Пайдо бишавад ҳама накӯӣ.**

— Пас чӣ бояд? – Агар замон адолатпеша набошад? – Агар илму техника нав бошад, адолатпеша афзояд. Олам биҳишти воқеъӣ шавад.

— Чун биҳишти воқеъӣ шуд? – Эраи нав, эраи инсонпарварӣ оғоз ёбад.

— Вагарна? – Одамизодро яроқҳои сохтаи худаш нобуд месозад. Ҳаёт дар сайёраи одамӣ қатъ мегардад. Сайёраи заҳролудшуда метаркад, боз чанд сайёраро метарконад.

Зебо ҳаёт, воло хирад
Гар Ҳоким аст андар ҷаҳон,
**Бо илми нав, фарҳанги нав**
**Асри биҳиште даррасад.**

«Панди Ҳофиз бишунав, Хоҷа бирав некӣ кун,
Ки ман ин панд беҳ аз дурру гуҳар мебинам».

— Ин сухан чанд маънӣ дорад? – Бешумор, аз Н то Н – беохир. – Бо чӣ хел паҳлӯҳо? – Бо ҳама паҳлӯҳои накӯяш дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёт. Дар сиришташ одамизод аз замони Бобои Одам то ба ин дам накӯӣ карда. – Ба чанд ақоиди ҷаҳонӣ алоқадор аст? – Бо ҳама ақоиди накӯ инсонпарварӣ Меҳранбозаш бо адолатпешагии абадӣ ба Худо мақбул ва ба бандаҳояш маъқул аст. – Ҳофиз чаро гуфта кӣ «Ман ин панд беҳ аз дурру гуҳар мебинам?».

— Ҳаёти башар собит карда ки ин панд аз ҳама дурру гуҳари олам бартар, зидди ҳама гуна сохтҳои зулмпеша, ҷангандаю ҷангара ба халқи олам судманд аст ки он ҳамчун меъёру қонун дар оину русуми оламиён абадӣ ҷо гирифта, ҳамчун гимни кулли башар ба асрҳои бешумор бе ҳеҷ зулму ситам инсонпарварӣ ва некиҳо кардаст ба даргоҳи Худо ва бандаҳояш. Ин ақоиди обиҳаётхӯрда пеш аз пайдоиши «Авесто», «Таврот», «Инҷил», «Забӯр» ва «Қуръон» ҳам дар миёни халқҳои олам, дар ҳамосаҳои гуногун чун гимни адолати абадӣ бачунон некиҳо кардаст ки некии зару дурру гуҳари ҷаҳонӣ дар пеши он қатрае аз уқёнусҳои оламист.

Гимни адлу доди одам,
Гимни фазлу ақли олам.
Бо накӯи ҷо бикофта,
Соҳиби дунё биёфта,
Лек дунёи навобод.
Бо ақоид илми нав ёфт.
Илми навҷӯ бо ақоид
Гимни адлу дод дорад,
Фазли навэҷод дорад.

«Ёрӣ андар кас намебинем, ёронро чӣ шуд?

— Ба чӣ оҳанг аст? – Бо оҳу шеван, бо гиряҳои зор-зори ботиниву зоҳирӣ чун абри сӯгвор. – Бо ҳамовозии киҳову чиҳо? – Бо ҳамовозии ҳамаи фоҷиадорон, бо ҳамовозии мавҷудоти замину осмон... — Ҳоло фариштаҳои осмонӣ дар чӣ ҳоланд? – Дар ҳоли Ҳофиз, нодаҳои зор-зору ашкҳои сӯгвор доранд ба мисли ҳамаи мусибатдидагони аз ҳама гуна ҷангу фанду найранги аз кулфати ба сари одамовардаи нерӯҳои аҳриманаии асрҳову замонҳо:

— «Ёрии одам намонда, ёру ёрӣ мурдааст?
— Ё ки дар сарҳои мо ҳуш посдорӣ мурдааст?
— Мо зи ҳар иҷоди навдоди Худои ломакон
Расми ёру ёварӣ аз нур омӯзем беш,
Дар дили шоми сиё чун нур афрӯзем беш.

«Дӯстӣ кай охир омад, дӯстдоронро чӣ шуд?»
— Дӯстӣ чӣ шаҳду шарбате дорад? – Бемисол, заҳраш асал аст.
— Дӯстӣ – афсунгарию ҳушёрӣ мурдааст?
— Чун замона адлпеша, ихтироъ афзун шавад.
Душманонат дӯст бошанд, дӯстонат бешумор.

— «Оби ҳайвон тирагун шуд, Хизри фаррупай куҷост?»
— Хизри фаррухпай магар оби ҳаёт нохӯрдааст?
**— Хизри фаррухпай ба миллат ваҳдати кулл бошадат.**

— «Хун чакид аз шохи гул, абри баҳоронро чӣ шуд?
— Осмон хун борид? – Хуни Суҳроб буд. – Рустам чӣ кард? – Дар хуни писар ҷӯлид.
— Ё магар дунё ба хуноби шаҳид ҷӯлидааст?
— Зинда аст бар рағми он — сулҳи ҳамагон зиндааст.

— «Кас намегӯяд ки ёре дошт ҳаққи дӯстӣ».
— Чун бигӯяд, ёру ёрӣ, ғамгусорӣ мурдааст,
— Мо дар ин дунёи дун афғони ҷонкоҳ мекашем.
— Чун ба олам ёр бошед, ёварӣ афзун шавад.

— «Ҳақшиносонро чӣ ҳол афтод, ёронро чӣ шуд?
— Аё ҳақшиносони олам, дар куҷо, ба чӣ ҳолед? Дар авроқи ҳоли Лайливу Маҷнун, Фарҳоду Ширин. – Ҳақ ба чӣ ҳолест? – Дар навъи ҷон.
— Мурдаам дар кӯи ҳақҷӯ, хуб медонӣ магар?
— Рӯҳи покат пос медорем то рӯзи висол.

«Лаъле аз кони мурувват барнаёмад, солҳост,
Тобиши хуршеду саъйи боду боронро чӣ шуд?»

— Аз ҳарорати кон чӣ пайдост? – Гармӣ. – Боз чӣ? – Боду борон, сардӣ.

— Аз санг чӣ? – Лаъл. – «Кони мурувват» чист? – Истиъораи пӯшида.

— Дар натиҷаи чӣ пайдост? – Ба кони лаъл монандсозии мурувват. – Лаъл чӣ? – Киноя аз мурувват. – Мурувват чӣ? – Лутфу эҳсон.

— Байт чӣ маъно дорад? — …Лутфу эҳсону бахшандагӣ нест. – Аз чӣ хуршед гармӣ намедиҳад, боду борон сардӣ надоранд? Ба лаъли зоянда чӣ шуд? Кариму бахшандаҳо куҷоянд? Суолҳо ба кӣ рӯоваранд? – Ба Худои донандаи кулли ҳол… Шоир ҳамаи сабабҳоро дониста, худро ба нодонӣ задаст, то ки суханаш суолӣ бошад, на фазилату фалсафагӯӣ, — Барои чӣ? – Барои таъсирбахшии баён. – Афкори ҷавобии дар ҷавҳари ақли шоир ниҳонӣ чист? – Чун замини поку зоти пок ба фисқу фуҷур олуда бошанд, ҳамаи ҷавҳарҳои инсонӣ нобуд мегарданд, замону осмон аз зикри ҳақ меомнанд. Наҳси ақливу молӣ мерезанд, фаросати инсониву рӯҳонию ирфониву ғуфронию улуми ҳамадонӣ мехезад, ҳамаи мавҷудот адам мегарданд.

— Кони лаъли азалӣ аз чӣ шуда бераҳме?
— Офтобу боду борон қаҳриянд бар хокиён.
— Офтобу боду борон, чорунсур доимо,
Дар адои некии бемузд ба ҷон омодаанд.
**— Ҳар гуноҳу ҳар хато бо айби нодонии мост,**
**— Чун ба олам ёр бошем, ҷавҳари ҷонии мост.**

«Шаҳри ёрон буду хоки меҳрубонон ин диёр,
Меҳрубонӣ кай саромад, шаҳриёнро чӣ шуд?

— Аз ибтидо, аз замони Бобо дӯстон ҷонию равонӣ буданд. — Оё шоир ба суолҳояш ҷавоб дорад? — Ҳа. Таърих сабаб, омил ва зуҳури онҳоро медонад, вале фикри оммаро фаҳмиданӣ шуда, бо суол ба онҳо рӯ меорад. Масалан каримиву бахшандагӣ, меҳрубонӣ ва шаҳриёрии подшоҳон куҷо шуд?

— Шаҳри ёру шаҳри ору шаҳри раҳмон буд диёр,
Меҳру сеҳри дӯстдорӣ, адлу инсофро чӣ шуд?
— Чун ба илми нав напардозӣ, ҷадал беҳудагист,
Бо навин техника афкори навин ёр аст, ёр.

**Чун ба миллат судбахшо бошадат ҳар як амал,**
**Дар ду олам мешавад ҳар як муаммо хуб ҳал.**

— «Гӯйи тавфиқу каромат дар миён афкандаанд,
Кас ба майдон дарнамеояд, саворонро чӣ шуд?».

— «Сайидо, мӯҳтоҷи арбоби каромат нестам,
— Аз каромоте ки чорунсур ба шоир додааст,
**Дар дили мо меҳри некӯии Яздон парварад.**

«Сад ҳазорон гул шукуфту бонги мурғе барнахост,
Андалебонро чӣ пеш омад, ҳазоронро чӣ шуд?»
— Чун шукуфа ханда кардам дар фироқи булбуле,
Чаҳ-чаҳу созу тарабҳои баҳоронро чӣ шуд?
— Осиёни пургуноҳед гуфт Холиқ дар ҷавоб,
Меҳрандӯзи шабеҳи илму ирфонро чӣ шуд?

❂ ❂ ❂

Меҳрандӯзи шабеҳ аст ихтирои нури Ҳақ,
Кошифое кошифи он, ҳафт иҷоз беназир,
Бо чунин нерӯ Худо ёрирасонат рӯзу шаб,
Бохирад донистааст асрори дунёи кабир.

❂ ❂ ❂

— «Зуҳра созе хуш намесозад, магар удаш бисӯхт?
Кас надорад завқи мастӣ, майгусоронро чӣ шуд?»

— Зуҳра чӣ хел сайёра? — Сайёраи мутрибону ромишгарон— Чаро наменавозад, оё удаш бисӯхт? — Онҳо ба хоки зулмободу ваҳшу бедод, ҷангу ҳилаю найранг видоъ карданд. — Чаро замин аз лутфи Ҳақ бенасиб гашт?.. Шодӣ, бодаи азал куҷо? — Онҳоро нерӯҳои оҳармании ҷангии хунрезу хуношом куштанду сӯхтанд, ба хокистар бадал сохтанд.

❂ ❂ ❂

— Нерӯи оҳарманӣ аз хешу ҳам ағёр буд,
Шеваи ҳамунсури поёну болоро чӣ шуд?
— Ҷумла унсурҳои олам рӯзу шаб пуркошифанд,
Аз чунин иҷоз саро, нолони ду рӯзем мо.
**— Чун ба мо Яздон бидода ҳафт кашфи илмро,**
**Аз чӣ ҳар нерӯи Аҳриман намесӯзем мо?**

❂ ❂ ❂

— «Ҳофиз асрори илоҳӣ кас намедонад, хамӯш!
Аз кӣ мепурсӣ, ки даври рӯзгоронро чӣ шуд?
— Чун ба асрори илоҳӣ файласуф ошиқ шавад?»
Дар ҷаҳони тозакорӣ марди ботавфиқ шавад.

❂ ❂ ❂

**— Бо улуми нав бисозанд офтобҳо дар замин,**
Дар Маҳу Зуҳра ҳаётэҳёи навсодиқ шавад,
— Бо чунин иҷоз оғозёбии навэраест,
**Одамӣ бо ваҳдати навҷӯи худ бечора нест.**
**— Қудрати беинтиҳояш ҳаст эҳёгар абад,**
**Бо накӯиҷоз ёбад дар биҳишт инсони нав.**

❂ ❂ ❂

«Расид мужда, ки айёми ғам нахоҳад монд»...

— Чун айёми ғам намонад? — Шодиву ғам ҳам намонанд, — Чун Ҳофиз дар назари ёр хоксор шавад? — Рақибаш ҳам мухтарам намемонад. — Чун пардадар ҳамаро ба шамшер занад? — «Касе муқими ин ҳарам нахоҳад монд». — Аз нақши неку бадиву хунрезии ҷанг чӣ ҷои шикоят? — «Дар саҳифаи ҳастӣ рақам нахоҳад монд». — Суруди маҷлиси Ҷамшед чӣ буд? — «Ҷомӣ бода биёвар ки Ҷам нахоҳад монд». — Чун ба шамъ васли парвона ғанимат бошад? — «Ин муъомала то абад нахоҳад монд». — Чун «тавонгаре дили дарвеши худ ба даст оварад? — «Махзани зару ганҷи дирам нахоҳад монд». — Ба «ин равоқи забарҷад» бо чӣ навиштаанд? — Бо хатти зар, — Чӣ? — « Ки ҷуз накӯии аҳли карам нахоҳад монд».

❂ ❂ ❂

— Ҳофиз аз номеҳрубонии ҷонон ба чӣ хулосае омад? — Ба хулоса ки «Нақши ҷабру нишони ситам нахоҳад монд»

— Аз даҳри бақо ҷулма бибурда ҳама армон,
Мерос бимонд некӣ барои ҳама инсон.

❂ ❂ ❂

— Аз некии ҳар унсури Яздон биҷӯ нав-нав,
К-он монаду ту мониву ҳам асру замона.
**— Дарёб ҳама унсури некӣ бари миллат,**
**К-аз миллати мо ҳаст бараш некӣ нишона.**

❂ ❂ ❂

«Суруди маҷлиси Ҷамшед — гуфтаанд,— ин буд,
Ки ҷоми бода биёвар ки Ҷам нахоҳад монд.»

— Дар базми тараби Ҷамшед чӣ хел суруд мехонданд? — Бода биёр ки Ҷамшед ҳам хоҳад рафт. — Замони Ҷамшед чӣ хел замон буд? — Замони қариб тиллоӣ, нуқтаи олии шукуфоии ҳама ҷабҳаҳои ҳаёт. — Ҳоли марг чӣ буд? — Бемаргӣ. — Он куҷо шуд? — Шармандавору пурармон мурд.— Чӣ намонд боз? — Ҷоми Ҷам:

❂ ❂ ❂

Пурмуҳтаво гуфтӣ сухан аммо бимонда то абад,
Некии Ҷамшед дар ҳаёт бо ҷумла некӯии ту.
Бар аҳли олам, з-он ки марг шармандавор рафт аз миён,
То ки муриш камтар бувад андар миёни одамон,
**То ки бимирад марги кул, дунё шавад ҷаннатмакон,**
**Беҳтар аз ин андеша нест дар ин замину осмон,**
**Боист ҳама давлат ки ҳаст аз ин бигирад ибрате.**
**Бемаргиҳо иншо кунад, то ин ки бо нав қудрате,**
**Баҳри ҳама дар ҳар куҷо иҷоз афсунгар шавад.**
**То ки ҳаёти некӯӣ беҳу накӯмаҳзар шавад,**
**Нерӯи некӣ бо зафар тоҷи ҳама сарвар шавад.**
**Бо илми ноимкониҳо имконӣ тоҷи сар шавад.**

❂ ❂ ❂

Ғазали «Расид мужда...» шолудаи чист? — Таззодҳо... — Муҳаммад Ансор чӣ мегӯяд? — Мегӯяд, ки: чунин шодмонӣ - чун..ғаму хоксор— муҳтарам, ошиқ— рақиб, пардадор — ҳама, шукр — шикоят, нек— бад, шамъ— парвона, тавонгар— дарвеш, шаб — субҳ, меҳрубонӣ— ҷабру ситам таззоданд. — Истиора чӣ? — Пӯшида ва изофӣ. — Кадомҳо? — Саҳифаи ҳастӣ, равноқи забарҷад, равшанӣ, шамъ. — Талмеҳ чӣ? — Ишора ба замони Ҷамшед.

Санъат абадӣ болу пари маънӣ ба парвоз,
Дунёи бузург дар назари ақл кунад боз.

❂ ❂ ❂

— «Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро».
— Ба сад маъшуқ намебахшам яке унсур зи унсурҳо,
Ба сад дунё намедиҳам ман яке халки адолатхоҳ.

❂ ❂ ❂

— «Бидеҳ Соқӣ майи боқӣ ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт,
Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро.»
— Марез соқӣ майи боқӣ ки бекас сахт маҳзун аст,
Зи ҷангу зулму бедодӣ дили бечорам хун аст.
Ба кӯи хешу бегона надорам арзиши як ҷав,
Дилам чун кура месӯзад, сарам даввори гардун аст.

❂ ❂ ❂

— «Фиғон, к-ин лӯлиёни шӯхи ширинкори шаҳрошӯб,
Чунон бурданд сабр аз дил ки туркон хони Яғморо.»
— Худовандо шунидӣ шевани фарзонаи хокӣ,
Магар парво надорем мо зи ҳар лоқайди бебоке?
Магар набвад дар ин сайёра нерӯбахши афлокӣ?

❂ ❂ ❂

— «Зи ишқи нотамоми мо ҷамоли ёр мустағнист,
Ба обу рангу холу хат чӣ ҳоҷат рӯи зеборо?»

— Оё ёр парвои мо дорад? — Ҳаргиз — Маҳбуби шоир кист? — Худо. Ишқи банда ба Худо чӣ гунаест? — Ҳамеша нотамом.

Шудем ошиқ ба Яздону ба илми бас ҳамаёбаш,
Ки бошем андаке огаҳ зи сири нури афтобаш.

❂ ❂ ❂

— Ман аз он ҳусни рӯзафзун ки Юсуф дошт. донистам,
Ки ишқ аз пардаи исмат бурун орад Зулайхоро.»

— Шоир аз натиҷагирии ҳусни рӯзафзуни Юсуф ба чӣ хулоса омад? — Ишқ Зулайхоро аз пардаи покию исмат бурун оварда, шарманда кард.

— Талмеҳу ишора ба чӣ? — Ба ояти 23. — Аз сураи чӣ? — «Юсуф».

— Ту аз он ҳусни шайдои ки ваҳшат буд донистӣ,
Ки ишқ аз пардаи покӣ бурун орад сабукпоро.
— Туро бо покзистанҳо ҳаёт он қадр зебо дод,
Ба ду олам париваш ҳамчу он асло намеёбӣ.

❂ ❂ ❂

— «Агар дашноам фармой в-агар нафрин, дуо гӯям,
Ҷавоби талх мезебад лаби лаъли шакархоро».
— Дағалгӯи ҷамоли маъшуқи ҷон коста месозад,
Ширинлаҳнӣ ҷамоли ошиқи шайдо кунад афзун.

❂ ❂ ❂

— «Насиҳат гӯш кун, ҷоно ки аз ҷон дӯсттар доранд
Ҷавонони саодатманд панди пири доноро».
— Пири ботадбир бидонад суди панди рӯзгор,
Аз ҳазорон обу оташ ҷон раҳонидаст ӯ.

❂ ❂ ❂

— Агар ибрат нагири ту аз иҷози чор унсур,
Бурида бод забони пандгӯӣ бекасу танҳо.
— Ба ҳар чӣ бингарӣ панде ниҳон дорад, ниҳон дорад.
Ҳама дар хеш ногуфта ҳазорон достон дорад.

❂ ❂ ❂

— Ҳадис аз мутрибу май гӯю рози даҳр камтар ҷӯ,
Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо».

— «Рози даҳр», муаммои одаму олам чист? — Ҳама асрору мушкилоти ба ақли инсон ноаёну бебаён. — То ба асри Ҳофиз? — Магнар иҷози уламои фанҳои дақиқ фаромӯш? Оё Рудакиҳою Форобиҳою Синоҳою Розиҳо ва бузургони олами асрор нагуфта? — Гуфта, алифбо гуфта, тифлии илми кашшофиро суфтанд. — Чаро бо инкори ҳоли ояндаи рози даҳр фикрашро қатъӣ ҷоннок кард? — Магар Ҳофиз тасаввур карда метавонист ки ба оянда Менделееву Эйнштейнҳо асрори оламу одамро собит месозанд?

❂ ❂ ❂

**Ба милён нур иҷоз аст рози даҳр,**
**Зи кашфи он яке олам дигар шуд.**
**Нахуст ҷаннат ба фан офардааст илм,**
**Маонӣ дар ниҳодаш бештар шуд.**

❂ ❂ ❂

— Шоир ба фикри «накшуду накшояд»-и инкорӣ ғутавар шуд? — Не. Аз ин гирдоб берун омад. — Чӣ хел? — «Бигзарад ин рӯзгори талхтар аз заҳр», «Бори дигар рӯзгори чун шакар ояд...», «Бар асари сабр навбати зафар ояд!»

Нашуд навмед зи дунёи забунсоз,

Бари оянда хушгил буд оқил.
Ба некӣ бовараш беинтиҳо буд,
Ба иҷози бузургон буд ҳамдил.
Бикард ҷо дар пиёла баҳрҳоро.

❂ ❂ ❂

«Ғазал гуфтию дар суфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,
Ки бар назми ту афшонад фалак иқди сурайёро».
Фалак парвои ину он надорад,
Ба кашфи тоза бошад одамӣ нур.
Вале бо шеваи шоир ҳаётдӯст,
Ситора оварад аз осмонҳо.
Ба армон чокари ту созад ҳар он,
Ки бошӣ ошиқи шайдои дунё.

❂ ❂ ❂

— «Агар он турки Шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро».

— Чӣ ривоятест ба гуфти Муҳаммад Ансор дар ин бора? — Ривояте: вақте Темур форсро забт кард (1387), гӯё Ҳофизро хондаю гуфта бошад: — Ман ба зарби шамшер аксари рубъи маскунро мусаххар сохтаму ҳазорон ҷою вилоят вайрон кардам, ки Самарқанду Бухороро ки ватани маълуфи ман аст ободон созам, ту мардак ба як холи Ҳинду Самарқанду Бухороро мефурӯшӣ дар ин байт ки гуфтаӣ:

«Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро».

Хоҷа Ҳофиз замин бӯсид,— ки Ай султони олам, аз ин навъ бахшандгист ки бадин рӯз афтодаям, либосҳои фақирию узлатгузиниашро нишон дода.

Ба Темур лутфи Ҳофиз хуш омада, гӯё бар ӯ иноятe фармуда бошад.

— Оё ин ҳақиқат воқеист? — Ҳикояти бадеист. — Ҳикояти бадеии кист?

— Ҳикояти бадеии Давлатшоҳи Самарқандӣ — Дар куҷо? — Дар «Тазкират-ул-шуаро»-и ӯ. — Бо чӣ далел ин ҳикоят ҳақиқати воқеъӣ нест? — Ба фикри Муҳаммад Ансор Темур ҳангоми ба қатл расонидани Шоҳ Мансур Ҳофизро соли 1391 ба назди худ хонданаш дурӯғи маҳз аст. Дар ин сол Ҳофиз аз олам реҳлат карда буд. Шояд ин ҳодиса соли 1387 рух дода бошад, аммо дар ин вақт Шоҳ Мансур мақтул набуд. Ба ақидаи банда Ҳофиз дар Исфаҳон ба вақти зиёрати падараш аз 70 ҳазор сар манораҳои сохтаи Темурро бо чашмони худ дида буд. Аз ин рӯ ҳаргиз бо даъвати Темур ба назди ин хунхортарин хунхор намерафт. Маргро ба гардан мегирифту ба наздаш ҳозир намешуд. Чунки ҳамаи ақидаҳои инсонпарварии зиддизулмию зиддихунрезиҳои Ҳофиз маҳз бар зидди чунин ҷаллодони башарият бо хунгиристанҳои шоир иншо шудаанд.

Ба хунрези ҷаҳон шоир накарда ҳеҷ муросое,
Биё ин довариҳоро ба пои довар андозем.

❁ ❁ ❁

— «Тарҷумаи «Агар он турки Шерозӣ» аз кай ба забонҳои гуногуно дунё сар шуда? — Аз қарни XIV мегӯяд Муҳаммад Ансор дар шарҳи 42 ғазали Ҳофиз. — Аввал кӣ тарҷумааш кардааст? — Салмохонуми озарӣ. Гӯё ӯ ба Ҳофиз мулоқот карда... — Ҳаммери олмонӣ. Тарҷумааш хуб, ба Гёте илҳом бахшидаст... Адиби рус А. Фет ҳам онро тарҷума карда, Лев Толстой ғазалро хонда ба зери мисраъи «Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо» хат кашидааст.

Ҷаҳонгардии афкори писандида,
Ҳамеша амри воқеист.
Бувад он моли дунёвӣ,
Ба маъное ки дарди оламӣ маҳфуз медорад.

❁ ❁ ❁

— Таъсири ғазали «Агар он турки шерозӣ» чи? — Ба муосири Ҳофиз Абуисҳоқи Атъимаи Шерозӣ. Тазмини «Ҷамоли барраи бирёну ҳусни дунбаи кашком, Чунон бурданд сабр аз дил, ки Туркон хони Яғморо».

— Ҷамоли гург бар гӯсфанд бувад ишкамдарониҳо,
Чунон бо иштиҳо хунрез ки туркон хони Яғморо.

❁ ❁ ❁

— Касе парво надорад ҳеҷ ба мою меҳри мо ёрон.
— Чаро гӯи ба ноаҳли замон аз некбинӣ ҳарф?

❁ ❁ ❁

Ҷаҳонгир он сухан бошад, ки лутфи Ҳақ ба суди халқ
Набошад кирми шабтобе, зиёи офтоб бошад.
**— Чу нури ёфтаи олим диҳад таккон оламро,**
**Барои ҷӯди мардум суди он беш аз ҳисоб бошад.**

❁ ❁ ❁

«Насиби ман чу харобот кардааст илоҳ,
Дар ин миёна — бигӯ, зоҳидо! — маро чӣ гуноҳ?»
— Ба ҷуз асло Худо нозир набошад,
Ба он коре надошту менадорад.

❁ ❁ ❁

Худо бар кул ҳамеша банд, ай одам,
Ризо нест аз гуноҳи мову моён.
— Худо гуфта ба ҳар кори савобат,
Ризоям, аз бадӣ парҳез бинмо.
Машав аз нохалаф болутф ҳаққоҳ.

❁ ❁ ❁

— Чаро Хоҷа гуфта ки «Дилам зи хонақоҳу мадраса гашт сиёҳ» — Асрори ба «ҳикмат ин муамморо» дар мадрасаву хонақоҳ ба нишаставу тоату ибодату мутолиаву сабуриву шикебоӣ кушодан аз халқ ҷудоист. Аммо ба шоир ин хел ҳаёт писанд аст: «Муроди ман ба харобот... ҳосил шуд». — Чун дар мисраи дигар ба ҳикмат ҷавоби муамморо наёфт, чӣ амале пеша кард?. — «Ғуломи ҳиммати дурдикашони хушхӯ» шуд. — Пас ба чӣ хулоса омад? — «Бирав гадои дари ҳар гадо шав, ай Ҳофиз, ки инмурод наёбӣ магар ба шай аллоҳ»:

Аз он ҳоле ки мо дорем дар ин дунёи пуршӯре,
Ғуломи ринди хушахлоқ будан аз гадоӣ беҳ.
Гадо чун ошиқи Яздони пок аст бо ҳама парҳез,
Ба ҳафтоду ду миллат бо хирадманд ошноӣ беҳ.
Ки шайи оллаҳӣ доранд бо ҳикмат бари олам,
Ба ёрони хирад бо амри Яздон бовафоӣ беҳ.
Саҳар бар бод мегуфтам ҳадиси орзумандӣ,
Ҷавоб омад ки восиқ шав ба алтофи Худовандӣ.

❁ ❁ ❁

Бо ҷадал ёбида армони дилаш,
Ту бигӯ аз киштаею ҳосилаш.
Баҳри Яздон хизмати мардум қабул,
Ай Худо осон намо ҳар мушкилаш.

❁ ❁ ❁

— Дуои субҳу оҳи шаб калиди ганҷи мақсуд аст,
Ба ин роҳу равиш мерав ки бар дидор пайвандӣ.

❁ ❁ ❁

Ба фикри нав ҷамоли Парвардигор дар ҳамаи унсурҳои абадии заминиву осмонӣ аксандозу рухнамост. Агар одам ба шабу рӯз ибодат кунаду аз майкадаву буткадаву масҷид, аз кунҷи танҳоӣ нахезад, кӣ барои ӯ кишту дарав мекунад, кӣ барояш ризқу рӯҷӣ фарвон месозад? — Худо гуфта ки аз ту ҳркату аз ман баракат.

❁ ❁ ❁

Кашфи обу нуру маъданро фаромӯш сохтем,
К-он ҳама ҳастанд иҷози Худованди карим.

❁ ❁ ❁

— Қаламро он забон набвад сири ишқ гӯяд боз.», қаламро беназир иҷозест ки бо ишқи илоҳӣ асрори табиат, конҳои фулузашро барои коркард ба ҳам орандаю барои кашфу иҷози физику химик ба мардум барои хушбахтӣ ризқу рӯзидиҳанда.

— Қаламро забонест сири ишқ гӯянда,
Асотир бо асотир монд асотир,
**Ба илми кошифӣ бояд Худо ҷуст.**

❁ ❁ ❁

— «Ҷаҳони пири раънoро тараҳҳум дар ҷабилат нест».

— Ҷаҳони пир ба ҳар рӯзаш ҷавон аст.

Тараҳҳуме ки себашро нахоста ҳеҷ инсоне, ки бемузд мекунад некӣ ба суди ҷумла мавҷудот.

— Ту ҳастӣ бочунон ваҳдат, ҷамоли Ҳақ набот дорад,
Биҳиштӣ меваҳои даҳр ҳастанд чокари инсон.

— Ба ҳар як гул, ба ҳар себаш ҷамоли кирдугори мост.

❁ ❁ ❁

— «Ҳумое чун ту оликадр, ҳирси устухон то кай?»

**— Ҷаҳон бошад биҳишти накд, агар созӣ ту ободаш.**

— Худо розӣ зи боғу меваи шодист.

— Ба ҳар ду оламат бошад биҳишт зебо ба кашф, иҷоз.

❁ ❁ ❁

Наят дунё чу бозоре, биҳишти кашфу иҷод аст,
— Ба ҳар офардаи Яздон ҳазорон сири иъҷоз аст.

❁ ❁ ❁

— Ба сеҳри нурофар дар замину дар фазо меракс,
— Ки ёрон пайрави кори ҳаётбахши Худовананд.

❁ ❁ ❁

— «Сухандониву хушхонӣ намеварзанд дар Шероз,
Биё Ҳофиз, ки мо худро ба мулки дигар андозем».

— Чаро қадри сухан коста? — Ба сармоядорон сухан ва хушхонӣ сармоя нест ки ба қадраш расанд. — Оё дунё фақат моли сармоядорон аст?

— Оре, дунё кайҳо боз тақсим шудаст. Аз давраи Бобо Одам то охири олами сармоядорӣ дунё моли сармоядорон буду ҳаст. Охоро бо ислоҳоту шӯришу ҷанг ислоҳ кардан аз имконот берун аст. Онҳо мафиози дунёвиянд бо сарбозонашон. Онҳо нерӯҳои тавоноянд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ҳукмронии ҷаҳонро ба аҳли илму фарҳанг доданӣ нестанд, чунки аҳли фарҳанг сипоҳу силоҳ ва имконоти сармоявӣ надоранд.

❁ ❁ ❁

**Ба навэра ҷаҳон бошад дигаргун,**
**Шавад шоҳи ҷаҳон фарҳанги илмӣ.**

❁ ❁ ❁

— «Дарахти дӯстӣ биншон ки коми дил ба бор орад»,

— Дарахти дӯстии мо асрҳои аср барои сармоядорон бор овард.
Дарахти дӯстии мо биорад бор некӯӣ,
Ба меҳри одамӣ гаштаст обод даҳри н-ободат.

❁ ❁ ❁

Дар ин обод дунё нонёбӣ баҳри мо мушкил,
На коре ҳасту не боре, надорад қадр эҷодат.

❂ ❂ ❂

Баҳори умр хоҳ, э дил, вагарана, ин чаман ҳар сол,
Чу насрин сад гул орад бору чун булбул ҳазор орад.

❂ ❂ ❂

— Бешумор гулҳо шукуфта, ҳар чӣ буда баҳри мост,
Мешумор ҷоно ғанимат ҳар нафас дар рӯзгор.
— Баҳори зиндагӣ хубу вале миллат ба ёд овар,
**Ба иҷозовари меҳан физо иҷози маъданро.**
**Ба кашфи тоза баҳри оламӣ асри мурод овар.**
**Ба илми тозатар тасхир бинмо, нуродам шав,**
**Барои бахту ободии кулл нав-нав савод овар,**
**Ки бо он бошӣ фарзанди ҳама поёну болое.**

❂ ❂ ❂

— «Дар хароботи муғон мо низ ҳамдастон шавем».

— Чӣ ақоид? — Ишора ба он ки ақоиди муғон ба ақоиди исломӣ роҳёбу «ҳамдастон» аст. — Ин ҳақиқати илмӣ собит шуда ки дар «Қуръон» ақоиди ҷовиди «Авесто» дида мешавад. Масалан гуфтори неку пиндори неку рафтори нек дар бисёре аз оятҳои «Қуръон» омадааст. Ҳофиз ҳам ақоиди Зардуштиро эътироф карда мегӯяд:

«Пири муғон муршиди мо шуд, чӣ тафовут,
Дар ҳеҷ саре нест ки сире зи Худо нест».

❂ ❂ ❂

Зардуштӣ ҳам Худопараст асту исломӣ ҳам. Ба мисли онҳо ҳама адёни оламӣ яккахудоиро мепарастанд.

❂ ❂ ❂

Дар «Авасто» фикрати олӣ бари кулли башар,
Судманд иншо ки дар Забуру Таврот Инҷиле.
Ёдрас гардида, бар онон асар бигзошта.
Ҳамчу онон ҳаст дар Қуръон оёти зиёд.
Бар худоҷӯ бандагонаш ваҳдати кул хоста,
**З-ин сабаб мо бар ҳама пайғамбаронем мӯътақид,**
**Чунки ваҳдат ҳаст шабеҳ дар ояти парвардигор.**

❂ ❂ ❂

«Аз Худо металабам сӯҳбати равшанрое».

— Ойинаи дил ғуборолуд аст. Аз Худо чӣ металабад? — «Сӯҳбати равшанрое».

— Барои чӣ? — Барои зудудани зангори дил. — Равшанрой кист? — Хирадманд ки он ба дил равшанройи мефизояд. — Сӯҳбати онро аз кӣ хоҳон аст? — Аз Худо.

Ай Худованд сабабгор бисоз равшанрой,
Ки аз ойинаи дил занг зудоянда шавад.

❁ ❁ ❁

— «Наргис ар лоф зад аз шеваи чашми ту, маранҷ,
Наравад аҳли назар аз пайи нобиное».
— Чашми маҳрӯй агар маст кунад вола дилат,
Ту ки масти хирадӣ, волаи ӯ ҳеҷ машав.

❁ ❁ ❁

— «Ба чашми ақл дар ин ҷаҳони пурошӯб,
Ҷаҳону кори ҷаҳон бесуботу бемаҳал аст».

— Роҳгузари пуробшӯб чӣ? — Дунёи пуршӯру пурошӯб. — Дунёи чӣ? — Раҳгузар. — Дар мағзи халқ дунё чӣ хел аст? — Дунёи дудар. — Ба ақоиди имрӯзӣ чӣ?..»Арсаи талоши неку бад аст барои зафари некӣ бар бадӣ. Дунё боғи накди биҳиштосост ки ҳар дами онро бояд барои тоату ибодат, кору пайкор, ишқу ободонӣ, иҷоду иҷоз сар намоӣ, армони некро ба ояндагон мерос гузорӣ.

«Ба чашми хирад дид бояд ҷаҳон,
Ки чашми сари ту набинад ниҳон».

❁ ❁ ❁

— «Ба ҳеҷ давр нахоҳанд ёфт ҳушёраш»,
— Чунон ки Ҳофизи мо масти бодаи азал аст.

❁ ❁ ❁

— Бодаи азал чист? — Худо инсонҳоро биофарду гуфт — Аласту би рабикум? Оё нестам ман Парвардигори шумоён? — Қолу. Бало! Яъне, гуфтанд: — Бале! Инро аҳди азал бодаи аласт гӯянд.

Аз бодаи азал маст Ҳофиз ба ҳар замон аст,
Ин аст ҷавоби шоир бар ҳарфи душманонаш.

❁ ❁ ❁

... «Ки саъду наҳс зи таъсири Зуҳраву Зуҳал аст».
— Саъд чӣ? — Нек.
— Зуҳра? — Наҳс. — Бад? — Зуҳал.
Пайваста дар талош аст такбиру тақдири кул.

— «Яке аз ақл мелофад, дигар томот мебофад,
Биё к-ин довариҳоро ба пеши довар андозем».

— Як сару ҳазор савдо. Ҳама бо ғурур ва ё бо сабру шикебоӣ ақоиди хешро тарғиб месозад. Дар ойинаи онҳо ишқи Худо аксандоз аст.

**Дил ба ёру даст ба кор аст, ай Ҳаким,**
**Ту ба иҷози улум Яздон бубин.**
**То ватан обод, шукуфотар шавад,**
**Зиндагонӣ хубу зеботар шавад.**

— «Туӣ он гавҳари покиза ки дар олами қудс
Зикри хайри ту бувад ҳосили тасбеҳи малак».

— Олами қудс чист? — Олами боло, покиву сафо. волою зиё»— Тасбеҳ чӣ? — Номи Худо. — Малак? — Фаришта.

Ҳосили тасбеҳи иҷозӣ Худо ёд овар,
Ки ба ҷуз илм варо тоати волотар нест.
**Чун ба илмат бишавӣ кошифи конҳои навин,**
**Ҳамчу ту бойи Худоҷӯ ба ҷаҳон дигар нест.**

❁ ❁ ❁

«Чарх барҳам занам, ар ғайри муродам гардад,
Ман на онам ки забунӣ кашам аз чархи фалак».

— Агар фалак Ҳофизро ба мақсад нарасонад? — Онро барҳам занад.

— Оё чунин қудрат дорад? — Худо медонад. — Оё Ҳофиз таслим шуд?

— Нафаҳмида таслим буд.

— Гар бар фалакам даст будӣ чун Яздон,
Бардоштаме ман ин фалакро зи миён.
В-аз нав фалаке чунон ҳаме сохтаме,
К-озода ба коми дил расидӣ осон».
**— Гар бар заминам даст будӣ бо Яздон,**
**Боғот бикардам ин замин баҳри ҷаҳон.**

❁ ❁ ❁

«Ёри мардони Худо бош, ки дар киштии Нӯҳ
Ҳаст хоке ки ба обе нахарад тӯфонро».

— Дар киштии Нӯҳ чӣ хел хок буд? — Хоке ки аз обу тӯфон намеҳаросид. — Ишораи Хоҷа чӣ ривоят дорад? — Ривояте ки тобути ҳазрати Одам дар киштии Нӯҳ буд. — Бо чанд талмеҳ? — Бо ду яке: Киштии Нӯҳу тӯфону оби азоб, дигаре «Хоке ки ба обе нахарад тӯфонро».

Дар киштии омоли халқ армони неки олам аст,
Чун дар замину осмон эмин бимонад аз бало?

❁ ❁ ❁

«Бирав аз хонаи гардун бадару нон маталаб,
К-он сияҳкоса дар охир бикушад меҳмонро».

— Чаро Ҳофиз «Бирав аз хонаи гардун» гуфту ба ҷои хонаи гардун — хонаи дунё» нагуфт? — Чунки ду дунёро ҷамъбаст карда, ба якеи он ишора намуд. — Сияҳкоса чист? — Шаби болову поён, хасисии ҳардувон. — Киҳоянд? — Хасисони меҳмонкуш. — Мизбон чӣ? — Дунёи болову поён.

— Мақсадашон? — Меҳмонкушӣ. Замони шоир бачуноне адолаткушу бераҳм буд ки фоҷиаи халқ аз бераҳмиҳои Темур ба ин далели раднопазири собитшудаест. — Дар боло чӣ? — Дар он ҷо ҳам шайтони раҳмонӣ бераҳмиҳо дорад. Бераҳмиҳои ӯ ҳам дар замину осмон халқро ба дод оварда:

— « Чун чарх ба коми як хирадманд нагашт,
Ту хоҳ фалак ҳафт шумар, хоҳӣ ҳаст.
Чун бояд мурду орзӯҳо ҳама хишт,
Чӣ мӯр хӯрад ба гӯру чӣ гург ба дашт».

— Рӯзи фардо чарх мегардад ба ҳукми навулум,
Бо Худованд одамӣ иҷозёвар мешавад.
Кӯдакони офтоб аз барқи обӣ бештар, —
Шоҳи гетӣ, аз зиёи тоҷбарсар мешавад.

❂ ❂ ❂

— «Шоҳидон дар ҷилваву ман шармсори кисаам,
Бори ишқи муфлисӣ саъб асту мебояд кашид.»
— «Зиндагонӣ бар сар афтодаст, Бедил чора чист?
Шояд бояд зистан, ношод бояд зистан.»

❂ ❂ ❂

Шод бояд кашфиёт, ношод бояд мӯъҷизот,
То ба сесад сол дидан умр дархости Худост.

❂ ❂ ❂

— «Даст аз талаб надорам, то коми ман барояд».
— Аз баҳри халқи бекас рӯзу шабон гиристам,
Афғонкашон ба шодӣ бас номаҳо навиштам

❂ ❂ ❂

— «Бикшой турбатамро баъд аз вафоту бингар,
К-аз оташи дарунам дуд аз кафан барояд».
— Навмед мабош, ҷоно, навмедӣ хӯи иблис,
Дар гӯр ашӯлаҳо хон, зеро ватан бизодат.

❂ ❂ ❂

— Гар аз замин Худованд аз гил дилат намесохт,
— Бишинос офтобаш, -к-он порасанг маъдан.

❂ ❂ ❂

«Дар паси оина тӯтисифатам доштаанд,
Он чӣ устоди азал гуфт бигӯ, мегӯям».

Ҳаёт ойинаесту шоир тутӣ. Ойинаи қафас барои дилхушии тӯтидор аст. Тутӣ ойинаро дида, ба акси худ меҷангад.

❂ ❂ ❂

— Дар қафас тутӣ бидид ойинаро,
Ҷо бидода бар дили худ кинаро.
— Ба акси худ биҷангид, худкушӣ кард.

❂ ❂ ❂

«Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт,
Нохалаф бошам агар ман ба ҷаве нафурӯшам».

— Ишора ба чист? — Ба ояи 21 аз сураи «Аъроф». — Чӣ фармуда? — «Пас фиреб дод эшонро шайтон ва чун аз он дарахт хӯрданд, зоҳир гашт авратҳои онон».

Иҷози Падар бигӯ ба ҳар бор,
К-одам ба зиё биёбад осор.

Бо нури навини худ зиёӣ.
Навэраи нурӣ созад ошкор.

❂ ❂ ❂

— «Солҳо дил талаби Ҷоми Ҷам аз мо мекард,
Он чи худ дошт зи бегона таманно мекард».

— Абёти мунтасиб ба кӣ? — Ба Ҳазрати Алӣ. — Тарҷумааш? — «Доруи дардат дар туст ва ту аз он ғофилӣ. Дарди ту аз тусту онро намебинӣ. Ту гумон дорӣ ки ҷирми кӯчак астӣ. Дар сурате ки олами акбар аз туст».

«Эй нусхаи номаи илоҳӣ, ки туӣ,
В-эй ойина ҷамоли шоҳӣ, ки туӣ.
Берун зи ту нест он чи дар оламҳост,
Аз худ биталаб ҳар он чӣ хоҳӣ, ки туӣ».

❂ ❂ ❂

— Ҷоми Ҷами орифон чист? — Дили поку муназаҳу муҳазаби ориф.
— Он ҷилвагоҳи чист? — Ҷилвагоҳи ҷамол асту ойина ҷаҳоннамо.

❂ ❂ ❂

**Қиссаи Ҷоми Ҷаме ояи ваҳдат бошад,**
**Бо ҳама илми ҷаҳон мояи қудрат бошад.**
**Ба Худо ёршуда илми ҷаҳонӣ донад,**
**Бо навиҷози зиёбахш банусрат бошад.**

## АРМУҒОН

***(Таронаҳои ёдбудию посухӣ)***

Сухан иншогари Яздонсуҷуде,
Сухан осори ҳар буду набуде.
Ба одам адлпарвар, некмаҳзар,
Суруда ояҳои ҳар вуҷуде.

❂ ❂ ❂

Сари ту гунбади даввори гардун,
Дилат бедораки меҳри пуразхун.
Худовандо, гувоҳи шарри одам,
Намо шарёвари олам дигаргун.

❂ ❂ ❂

Хаёл аз Моҳу аз Парвин гузашта,
Қалам асрори онон нонавишта.
Чу донӣ баҳри одам сири ҳастӣ,
Бари одам бигӯӣ меҳркишта.

❂ ❂ ❂

Ҳаёти бобақо дар обу гил ҷо,
Ба он бошад мудовою мудово.
Ҳама сайёра дар оғӯши меҳрат,
Мудом астӣ фурӯғи дидаи мо.

❂ ❂ ❂

Ҳаёте баҳри мо офардаи Ҳақ,
Басо офардаи худ бурдаи Ҳақ.

Ҳаёти орзӯи чуну чанде,
Дареғо зулмзоён зодаи Ҳақ.

❂ ❂ ❂

Ҳама асрори зебо андарун аст,
Аёну ноаёни он фузун аст.
Чу иблистинате ҷангиву ҷангӣ,
Чаро дар хуни хеш одам нагун аст?

❂ ❂ ❂

Сари мо ёри сарҳои хушово,
Дили мо ошиқи имрӯзу фардо.
Ғиреви сад ҳазоронаш ба дарё,
Равон астем барои ташналабҳо.

❂ ❂ ❂

Ба нуру нуру нурӣ дидаи мо,
Ба монанди зиё олудае мо.
Шаби торе адӯи рӯшноӣ,
Зиёолудаю шолудае мо.

❂ ❂ ❂

Чу шайдои висолему висолем,
Ба овои ҳуруфи фолу ҳолем.
Биронда аз дилу аз хона иблис,
Ба оҳанги тараб некӯфиолем.

❂ ❂ ❂

Ғаму шодии одам дар дили мо,
Ҳама ёрои олам муқбили мо.
Надорем шиквае аз бенавоӣ,
Ҳама андӯҳи одам ҳосили мо.

❂ ❂ ❂

Дилат решу дилат решу дилат реш,
Мабодо бошӣ худкеши бадандеш.
Ба хубӣ давлатат бодо зиёда,
Мазан нешу мазан нешу мазан неш.

❂ ❂ ❂

Ҳамадорию бекавну макони,
Ба армони Худованд ҳамзабонӣ.
Гурезон аз ту шайтони ду олам,
Фурӯғи меҳри ҷумла одамонӣ.

❂ ❂ ❂

Ба фардоят ҷаҳон бошад дигаргун,
Ҳаёти олишон бошад дигаргун.
Адам гардад ҳама носозгорӣ,
Баҳои ину он бошад дигаргун.

❂ ❂ ❂

Ғуломи бандаи хокӣ адиб аст,
Ба гардунҳо ҳабиб асту ҳабиб аст.
Давоҷӯе ба дарди одамизод,
Шафиқи ҳар ғарибе бетабиб аст.

❂ ❂ ❂

Суруровар дили шайдо ту дорӣ,
Ҳама доно, ҳама воло ту дорӣ.
Дареғо, орзӯят бепарастор,
Чаро бадкешу бепарво ту дорӣ?

❂ ❂ ❂

Ба ёварҳо дили болида бошад,
Ба инсонпарварӣ ғамдида бошад.
Ҷаҳон абтар бикарда ҷангу ҷангӣ,
Дили пурмотами кӣ зинда бошад?

❂ ❂ ❂

Суруди пурсуҷудӣ, пурсурӯшӣ,
Ҳамеша нармҷӯшу гармҳӯшӣ.
Ба сангиндил ҳаёт сангеву санге,
Ҳаётободӣ бошад сахткӯшӣ.

❂ ❂ ❂

Ба доноёни дарёдил фаёзем,
Ба худсӯзони беманзил барозем.
Ба худбинон ҳамеша дар балоем,
Фурӯғи дидаҳои дилнавозем.

❂ ❂ ❂

Суруди чорасоз омад, хуш омад,
Фиғонӣ ноларозомад, хуш омад.
Саромад рӯзгори ҷангдозон,
Бақои сӯзу соз омад, хуш омад.

❂ ❂ ❂

Ба созу сӯзи бедармон назар кун,
Ҳама дардошноён тоҷи сар кун.
Фиғони норасое норасоист,
Расоюнорасо анбозтар кун.

❂ ❂ ❂

Матои орзу-дардошноӣ,
Навои он бувад рози бақоӣ.
Ҳама таърихи одам ёд овар,
Бикун оя фидои боҳамое.

❂ ❂ ❂

Дилам бурду дидам бурду дилам бурд,
Ба оҳи синасӯзи хеш биспурд.
Ба хоки нолахез ҳасрат шаҳиде,
Ҳама аз дилҷудоӣ заҳри ғам хӯрд.

❂ ❂ ❂

Ба ёрон бекасу танҳоям, ай дӯст,
Магӯ,ки— бесару савдоям, ай дӯст.
Шаҳидони дили зорам банола,
Бари фардо, бари фардоям, ай дӯст.

❂ ❂ ❂

Ба дил сӯзи гарон бурдан чӣ ҳоҷат?
Ба худсӯзӣ ҷавон мурдан чӣ ҳоҷат?

Ба кӯҳнаю навин ово хушоҳанг,
Ғами номеҳрубон хӯрдан чӣ ҳоҷат?

❂ ❂ ❂

Шаби анҷум шаби инсони хокӣ,
Фаришта карда ӯро бимноке.
Ба ҳарфат шеваи наврӯз, наврӯз,
Умеди мозӣ дорад қалби поке.

❂ ❂ ❂

Ба шӯри Рӯмӣ, сӯзи Хусравонӣ,
Пурошӯб шӯру шар донию донӣ.
Ба анқои навинсозии афкор,
Суруди тозаовои ҷаҳонӣ.

❂ ❂ ❂

Ба нӯшу неши армони навинҷӯ,
Навинёбандае бошад навингӯ.
Кӯҳандизе навин набвад, аё ҷон,
Ҳаёти нав биёфтӣ бе такопӯ.

❂ ❂ ❂

Надонад нуқси худро айббино,
Чу саргум бо балоҳояст, балоҳо.
Ба конҷӯӣ биёбӣ маъдани нав,
Ба доноӣ шави ҳамрои фардо.

❂ ❂ ❂

Ба техник нешҳоро нӯшсозист,
Ба музҳике навои дилгудозист.
Ба ҳар бечорае ёрирасон бош,
Атои беҳтарат инсоннавозист.

❂ ❂ ❂

Барои бенавоён чораёбест,
Савобу носавоберо ҳисобест.
Ҷудосозӣ ҳалоҳил заҳрнок аст,
Бари афтода имдоде савобест.

❂ ❂ ❂

Асири ҳорису дун некармон,
Дареғо меканад ҷон, меканад ҷон.
Давои дард позаҳр аст, позаҳр,
Илоҳо бахт ёбанд номуродон.

❂ ❂ ❂

Ҳама вола яке дилдода дорад,
Балогардону рӯҳафода дорад.
Ба илми тозааш асрордонӣ,
Ба кашфи бештар омода дорад.

❂ ❂ ❂

Бувад волои даврон хушманде,
Адӯи қоҳири ҷангисту фандӣ.
Чу донад сири лочинҳои худро,
Бидонад одамон бе ҳеҷ фанде.

❂ ❂ ❂

Ҳама суду зиён андоза кардем,
Бадию некро овоза кардем.
Бишустем чирки ҳар айбу гуноҳе,
Ҳамаро халқпарварзода кардем.

❂ ❂ ❂

Ҳаётободие илми навин аст,
Бари мӯъҷизаи меҳрофарин аст.
Ба яғмо рафт ранҷи фикрати мо,
Чаро донишпажуи мо ғамин аст?

❂ ❂ ❂

Дуторе ба нағма соз дорад,
Ҷигарсӯз шиква беанбоз дорад.
Ба парвоз нолаҳои зор-зораш,
Ба даргоҳи Худованд роз дорад.

❂ ❂ ❂

Ба илми нав сари нав офаридаст,
Ба меҳри тоза партав офаридаст.
Раҳида аз ҳама шӯру шари даҳр,
Зиёро душмани шав офаридаст.

❂ ❂ ❂

Ҳамеша ворисӣ дил меҳрбанд аст,
Умед аз зиндагӣ ҳоло накандаст.
Давои дарди дил ҷӯёст, ҷӯё,
Вафопарварди армон арҷманд аст.

❂ ❂ ❂

Ҳаёти одамӣ бе ёдрас нест,
Баҳои ину он бе ҳамнафас нест.
Чӣ сози хештанро зиндадаргӯр?
Талоше бо атои булҳавас нест.

❂ ❂ ❂

Чу мурғак мондаи беошёне,
Ба сармою ба гармо дилгазонӣ.
Машав навмед, улуми ҳол мехон,
Биёмӯз ҳикмати ҷовидмонӣ.

❂ ❂ ❂

Ба сӯзе ноумедӣ дорадам дил,
Ба нола бевафоӣ орадам дил.
Ба чандин сар раҳо аз марг дида,
Магар тухми бақоӣ корадам дил?

❂ ❂ ❂

Ба саҳро шоми торам субҳханд аст,
Ба чашми нурҷӯи ту писанд аст.
Ба мағзи дона мӯрча хуфтае на,
Ба қанди зиндагӣ қанд асту қанд аст.

❂ ❂ ❂

Атои некбинӣ — ҳосили ҳуш,
Ба сар маърифатомӯзе бари кӯш.

Бадӣ дорад газандаҳои бисёр,
Хирадпеша макун асло фаромӯш.

❂ ❂ ❂

Ғами ҳар номурод бори гароне,
Ба саҳрои чу мо фоҷиахоне.
Фаромӯшӣ парешонҳолӣ орад,
Дареғаш аз ғамовар достоне.

❂ ❂ ❂

Ба осонӣ ҳунар орад табу тоб,
Надорад хуни дарёи ҳунар хоб.
Зи бекорӣ ҳама бекору маҳҷур,
Ба досу болға бошанд орзӯёб.

❂ ❂ ❂

Ҳакимон чун гиёҳҳои давоӣ,
Шифобахшанд, шифобахшу шифоӣ,
Дареғи фосиқе бо дилҷудоӣ,
Ба хубон оварад дарду балое.

❂ ❂ ❂

Ғаму шодии мардум моли мо шуд,
Вафопарварда ёри бовафо шуд.
Фаромӯш хобу хӯр, умре фаромӯш,
Ба меҳри тозае мушкилкушо шуд.

❂ ❂ ❂

Сипанди мардумон бошию бошӣ,
Писанди рӯҳу ҷон бошию бошӣ.
Тани ранҷури зорон бедавое,
Давои дарди ҷон бошиву бошӣ.

❂ ❂ ❂

Чу хӯи шишабозӣ феъли мо не,
Ба ҳоли бехудӣ суди фидо не.
Ба ҳушёрӣ бувад мағзи ту корӣ,
Ҷудои мо дили сарошно не.

❂ ❂ ❂

Ба танпарвар чӣ суд аз ошноӣ,
Варо кофӣ фақат кайфу сафое.
Ба як ҷуръа фурӯшад ҳарду олам,
Ба пул дорад мудом аҳди вафоӣ.

❂ ❂ ❂

Ба ҳоли пасту болоят назар кун,
Ҳама шарзодҳоро беасар кун.
Бисӯзон бомбаҳои даҳрсӯзон,
Адолапешаҳоро тоҷи сар кун.

❂ ❂ ❂

Ба боли орзӯ парвозат оғоз,
Ҳама аҳримани олам забун соз,
Адӯи бенаво дорои худбин,
Фақат бо ҷанг анбоз аст, анбоз.

❂ ❂ ❂

Ба ду олам туӣ ҳамрои доно,
Мадор овар ба некӯорзуҳо.
Туӣ позаҳри ҳар марги ҳалоҳил,
Ба адли тоза дунё ҳаст зебо.

❂ ❂ ❂

Ҳунарвар бо ҳунар умедвор аст,
Баор асту ба коре бобарор аст.
Адӯи хеш гӯяд танбалиро,
Хазонашро баҳор асту баҳор аст.

❂ ❂ ❂

Агар шоир ба май анбоз бошад.
Ба ёди май суханпардоз бошад.
Ба ҷомаш ҷо диҳад болову поён,
Яке лоқайди бедамсоз бошад.

❂ ❂ ❂

Зи таърихи бақои инсу он мо,
Ба ёд орем ҳама суду зиёнро.
Уран дорад зиёну суди бисёр,
Ба кашфи пурҳунар бошӣ тавоно.

❂ ❂ ❂

Чаро беҳуда бошад дилгудозӣ?
Чаро гӯлхӯрданию найнавозӣ?
Дилат беморake аз ҳирспарвар,
Ҳаётбахшоӣ дорад меҳрбозе.

❂ ❂ ❂

Ба амвоҷ тозарӯ гавҳар ту бошӣ,
Ба афвоҷе зару зевар ту бошӣ.
Ба кӯҳҳо дар ниҳон дорӣ ниҳонӣ,
Зиёи дидаи ховар ту бошӣ.

❂ ❂ ❂

Дареғо, бениёзиҳост сарбор,
Дареғо, бефаёзиҳост бисёр.
Агар воло ҳунарманди накӯкор,
Ба кашшофӣ шавад олам хабардор.

❂ ❂ ❂

Дареғо, кам бувад дилсӯз, дилсӯз,
Шабони некбинӣ кай шавад рӯз?
Худо бе кӯш нопайдо насозад,
Ба кай бошем, ба кай чун ибратомӯз?

❂ ❂ ❂

Тилисм ину он бикшода кон аст,
Ба миллал худшиносиҳо аз он аст.
Агар мухлис ба иҷози навинӣ,
Атои илму фарҳанг шону шон аст.

❂ ❂ ❂

Зи деву дад дилат нолону нолон,
Надорӣ хушсаробоне, саробон.

Аҷаб беҳудаӣ гирёну хандон,
Бари олам надорӣ хубҳамҷон.

❂ ❂ ❂

Чӣ мушкил ёрёбӣ, дӯсттобӣ,
Харобию харобию харобӣ.
Агар нодида бошад сеҳри иҷоз,
Наёрад ганҷҳои беҳисобе.

❂ ❂ ❂

Ба нурат дар дили кӯҳҳо асар кун,
Улуми тозаро ҳушбохабар кун.
Ба кон аст шеваҳои худшиносӣ,
Ба кошиф ноаёне номвар кун.

❂ ❂ ❂

Барои кашфи тоза зинда бошӣ,
Ба некӯӣ абад поянда бошӣ.
Забун созӣ дамодам норавоӣ,
Бари ояндагон поянда бошӣ.

❂ ❂ ❂

Ага некӯ набошад, нест ҳамтан,
Агар гулрӯ набошад, нест гулшан.
Агар бошӣ барои халқу меҳан,
Чаро нашносӣ эъҷози ҳама фан?

❂ ❂ ❂

Аҷаб дар боғи меҳан орзӯям,
Хушо бо мағздорон ҷустуҷӯям.
Агар з-онон ҷудоӣ ту, бимирам,
Маде барбод армони накӯям.

❂ ❂ ❂

Ба Машриқу ба Мағриб ҳамравонӣ,
Зи фардои накӯ муждарасонӣ.
Фақат эҷоз хоҳонӣ зи одам,
Ки ёбад ҳамзабону нуктадоне.

❂ ❂ ❂

Ҳама рӯзи саодат ҳаст ҷӯё,
Ҳаётбахшанда дидам дар ҳама ҷо.
Ҳазорон шукри ҳар меҳаншиносе,
Ки гӯяд тоза асрори ниҳонро.

❂ ❂ ❂

Навои дилгудозат ёри мардум,
Умеди чорасозат зори мардум.
Ба асри некоини башардӯст,
Хирадро ҳам аламбардори мардум.

❂ ❂ ❂

Агар фитрат туро дурдона бошад,
Муҳофизат ҳама фарзона бошад.
Мабодоят нафас бе ёди меҳан,
Баҳои бурдбор афсона бошад.

❂ ❂ ❂

Ба ҳифзи ҷони меҳан ҳар далере
Ниҳонаш дар равон зӯрии шере.
Замину осмон созад ба сар ҷо,
Барои халқ бошад гандапире.

❂ ❂ ❂

Ба фанди кӯҳнаву нав дил набастем,
Бари ободӣ хороҳо шикастаем.
Атои модари бечорагонем,
Ватанро ҳамчу модар мепарастем.

❂ ❂ ❂

Хариси нафсдарё менабояд,
Ба соҳил орамидан менашояд.
Шиновар нест сайёд, нест сайёд,
Хушоянде ба меҳан кошиф ояд.

❂ ❂ ❂

Умед бар душмани миллат чӣ бандӣ,
Давоёби ҷароҳатҳои ҷангӣ.
Бувад афсунгароиҳо ба пеша,
Ба ҷумла норавоӣ дарси пандӣ.

❂ ❂ ❂

Шарори дил мазан бар ин найистон,
Тилол асло масозӣ боғу бӯстон.
Ба ёд овар ҳама фарзонаи даҳр,
Бишав ҳури барини ин гулистон.

❂ ❂ ❂

Бари инсони неку адлпеша
Ба илми тозае ёбида тӯша.
Ҳаёти одамӣ як бор, як бор,
Адолатпеша ҷӯё шав ҳамеша.

❂ ❂ ❂

Ба мардуми найнавозӣ орзу нест,
Ба навёбандагонаш гуфтугӯ нест.
Агар дунё ба тарҳи нав насозӣ,
Ба навҷӯёи олам ҷустуҷӯ нест.

❂ ❂ ❂

Матои фикрати ботил бисӯзон,
Ба навофарда мушкил ҳаст осон.
Чӣ афзун фикри худҷӯёи мурда,
Бишав фарзанди афкори накӯён.

❂ ❂ ❂

Биҳишти оламӣ бо илм созанд,
Барояш дил гудозанду гудозанд.
Ҳама зӯри шарир аз дил биронда,
Ба меҳри некбинӣ дил навозанд.

❂ ❂ ❂

Барои динавозӣ дил гудозем,
Бари дилгармдорӣ чорасозем.

Ба носозӣ ҳама армонбаронем,
Ба анбозӣ ҳама дунёи розем.

❂ ❂ ❂

Балоро бехатар созӣ ба нерӯ,
Дилеро бохабар созӣ ба дилҷӯ.
Бидидам дар боло ҳориси ҷоҳӣ,
Гузар созед хушк аз оби Омӯ.

❂ ❂ ❂

Ба хун бошад давои чорасозӣ,
Набошад сангдил мардумнавозе,
Ба зиндон осиён гирёну нолон,
Ҳама аз кошифон ҳастанд розӣ.

❂ ❂ ❂

Ба сӯзу сози бнтобат даво ҷӯ,
Бари армони воло кибриё ҷӯ.
Ҳаёт дурӯза гӯяд арчи одам,
Барои бобақое бобақо ҷӯ.

❂ ❂ ❂

Бафитрат фикрат озод доред,
Баду некии мардум ёд доред.
Чу донӣ қиссаи Дорову Қайсар,
Дили халқи Худо обод доред.

❂ ❂ ❂

Сабақ омӯхтаӣ аз дӯсту душман,
Ҳамафаҳмидаӣ бе макру бе фан.
Баду неки ҷаҳон оинавор аст,
Ба сар бошад вафои розгуфтан.

❂ ❂ ❂

Ҳабибон некӯвомандар фасона,
Надида ҳилаву макру баҳона.
Баҳори орзуҳои наҷибанд,
Вафопарвардаҳои бебаҳона.

❂ ❂ ❂

Каломи воқифон илм асту ирфон,
Суҷуди ҳотифон ҷуд асту паймон.
Ба тазодӣ ҳаёти хеш донанд,
Улуми тоза хоҳонанд, хоҳон.

❂ ❂ ❂

Ғулом ҳар ҷо зи нодонӣ мусулмон,
Сиёҳӣ бар сиёҳӣ улфати ҷон.
Сафедӣ дар сафедӣ шири маҳтоб,
Набошад мушкиле бе илм осон.

❂ ❂ ❂

Агар аз нури кайҳон зинда бошӣ,
Ба техники зиё кӯшанда бошӣ.
Бисозӣ мушкилоти даҳр осон,
Чароғи илми навҷӯянда бошӣ.

❂ ❂ ❂

Бурун овар ҳама зебандагиро,
Баҳорон кун хазони зиндагиро.
Зи кӯҳи бестун тилло бурун ор,
Бичӯ армони ҳушпояндагиро.

❂ ❂ ❂

Худо иҷозбахши ҷумла миллат,
Ба илми тозадорад зӯру қудрат.
Сиёҳӣ ҷанг дорад бар сафедӣ,
Зиёбахшо бишав бар зили зиллат.

❂ ❂ ❂

Дили шерӣ набошад дилғизоле,
Ҳаросаш кай бувад аз қилуқоле.
Далерон бо хирад золим наянд, на,
Ба кашфи тоза бошад баркамолӣ.

❂ ❂ ❂

Ба анҷум ҳарфи моён беҷавоб аст,
Ҳама хокиниҳод андар азоб аст.
Ба сайёра улум раззоқ, раззоқ,
Чаро ҳоли ҳама олим хароб аст?

❂ ❂ ❂

Чу коро ҳеҷ нокоро набошад,
Чу бино ҳеҷ нобино набошад.
Чу некӯ донӣ фарқи ину оне,
Миёни одамӣ гавғо набошад.

❂ ❂ ❂

Ғизоле хандаи шерӣ надорад,
Паланге хеш гурба кай шуморад.
Ба илми нав бисозанд нуродам,
Ҳама армони некӯ илм дорад.

❂ ❂ ❂

Вуҷуди одамӣ аз хок пайдо,
Суҷуди оламӣ дар илм иншо.
Ба деву дад наяст обод олам,
Улумобод бошад пасту боло.

❂ ❂ ❂

Ба қандгӯӣ даҳон ширин набошад,
Ба фандгӯӣ яке хушбин накӯшад.
Шукӯҳи тоза бо кори амалҳост,
Либоси одамӣ шоҳин напӯшад.

❂ ❂ ❂

Дари дилро ба рӯҳо боз кардӣ,
Ҳаёти тозае оғоз кардӣ.
Набастӣ дар ба рӯи фандгӯён,
Ба суди халқ кори соз кардӣ.

❂ ❂ ❂

Фақири мо ҳақири мост, э вой,
Асири мо сағири мост, э вой.

Мафиози ҷаҳон шоҳи сайёра,
Башири мо сағири мост, э вой.

❂ ❂ ❂

Ба дарёҳои олам ҷангхун аст,
Ба гӯри хуфтагон нола фузун аст.
Ба ҷанг дарранда бошад одамизод,
Магар нерӯи шароин нагун аст?

❂ ❂ ❂

Набарди неку бад кам нест, кам нест,
Ба таърих пурра иншо зеру бам нест.
Ба ҷанг хунхорҳоянд морзаҳҳок,
Ситамгар доимо гӯяд ситам нест.

❂ ❂ ❂

Бидидӣ қавмҳои хештанбин,
Ба ҳирси хештан зомину зомин.
Шарирон душмани сайёраи мо,
Магар чашми биноят даҳрнобин?

❂ ❂ ❂

Чу ахтарҳои гардуни шарардор,
Зиёборӣ, зиёборӣ, зиёбор,
Ҳама подоши некӯ бемаош аст,
Нигаҳбони сайёра нест бедор.

❂ ❂ ❂

Ба ақли комиле ҳорис шудастанд,
Заводу фабрикаҳоро шикастанд.
Надида меҳану худро бидида,
Ба занбисёргирӣ меҳр бастанд.

❂ ❂ ❂

Фаҷеи ғусса сӯтхон мегудозад,
Чу иблис макри тоза мебизад.
Ғалат гуфтам, на иблиси баталбис,
Ҳақиқатпешагонро менавозад.

❂ ❂ ❂

Ба оини ризоӣ норизо беш,
Ба зомини вафоӣ бевафо беш.
Набошад ҷангале бе шеру рӯбоҳ,
Фидоюю бефидои маргзо беш.

❂ ❂ ❂

Ба гардун чун савори гард моем,
Ба абри осмон ҳамдард моем.
Ба ҳар ҷо аҳли фарҳанг аст нодор,
Чаро бечора, раҳмовард моем?

❂ ❂ ❂

Зи дороӣ бидидастӣ ҷунунӣ,
Баҳори мардумӣ карда хазоне.
Худо аз ҳила берун ор онон,
Ба мардум н-овар андӯҳи гароне.

❂ ❂ ❂

Ҳамеша ранҷи бисёре кашидан,
Шуда оини одам то раҳидан.
Бақои одамизода талош аст,
Бикун сайёраи одам чу гулшан.

❂ ❂ ❂

Дило, шерона овоят чӣ ҳоҷат,
Талоши мавҷосоят чӣ ҳоҷат.
Чу армони навинэҷод мебош,
Ба ҳирси беш савдоят чӣ ҳоҷат.

❂ ❂ ❂

Ба нӯх гардун расида орзуҳо,
Чи афзун дидӣ офатҳо, балоҳо.
Бигуфтӣ бар Худо рози ниҳонӣ,
Ки бошад одамӣ беҷангу балво.

❂ ❂ ❂

Бигӯ бар хури кайҳони пурасрор,
Ки золим дар замин бошад табаҳкор.
Мафиозон бикарда хор мардум,
Накӯён дар биҳишти бепарастор.

❂ ❂ ❂

Ғуломи ақли ёрони бамағзем,
Ба хубони замона нағзу нағзем.
Адӯи ҷумла абтарсозҳоем,
Ба кӯи сулҳафсарҳо налағзем.

❂ ❂ ❂

Атои миллати гетӣ ҳамедон,
Камаш иҷози кашфи илми хубон.
Зи ҷангу фитна ду олам ҷазир аст,
Зи озодӣ шавад сайёра бӯстон.

❂ ❂ ❂

Ба тоҷик орзуи тоза ёр аст,
Хазонашро баҳори лолазор аст.
Адӯи ҷумла Заҳҳокони олам,
Ба ганҷи марди деҳқон ҳиссадор аст.

❂ ❂ ❂

Улум пирояи иҷози одам,
Аз ӯ бошад сайёра боғи хуррам.
Амонӣ шеваи фарҳанг дорад,
Адолатпеша ободии олам.

❂ ❂ ❂

Адаб бошад ба фанҳои дақиқ, ёр,
Бикарда ҳифз ононро падарвор.
Барои кашфи инсони пуриҷоз,
Бувад мӯъҷизаафзо адли бисёр.

❂ ❂ ❂

Тарабафазо сурури воқифона,
Ба мардум судовар бекарона.

Ҳамебояд ҳама олам аз ин пас,
Бувад бо созу овозу тарона.

❂ ❂ ❂

Ба илми тозае кашф асту иҷоз,
Аз ӯ бартар наёбӣ ҳеҷ дамсоз.
Ба ваҳдат муғчабанд аст ҳар зироат,
Ба кашшофӣ улум бошад навоғоз.

❂ ❂ ❂

Бари ёрӣ абад анбоз бинвис,
Ба сӯзу сози пурэҷоз бинвис.
Ба фанду ҷанг олам пуршару шӯр,
Ба ваҳдат роз бинвис, роз бинвис.

❂ ❂ ❂

Худо ёри ҳама иҷоздор аст,
Ба сарбози улум ёр аст, ёр аст.
Адӯи меҳри одам фитнагӯе,
Ба кошифи навин иҷоздор аст.

❂ ❂ ❂

Чу фарҳанг ёвари илми дақик аст,
Накӯбини башарҷӯё аниқ аст.
Силоҳи ҷанги ваҳшонӣ махуфе,
Шафиқи мардуми олам рафиқ аст.

❂ ❂ ❂

Ба ифротию раҳзан, каллабурҳо
Адӯянд воқифони халқово.
Мабод адёни ҷангандози олам,
Бувад сайёра обод аз муросо.

❂ ❂ ❂

Диле дар сина дорӣ баҳри будан,
Ба сар ақли нават бар зидди душман.
Ба мардум ваҳдати олӣ биёвар,
Ки созад боғу гулшан, боғу гулшан.

❂ ❂ ❂

Навои синаи мурғи чаман беҳ,
Дили бекинаи ҳар анҷуман беҳ.
Набошад як гуле бӯстони зебо,
Навин мӯъҷизаафзои Ватан беҳ.

❂ ❂ ❂

Дар олам нест иҷози ҳама фан,
Барои ҷанг бошад фикри душман.
Бузургони ҷаҳон омӯзгоранд,
Набуда ҳеҷ гаҳ ҳамрои раҳзан.

❂ ❂ ❂

Ҷавони хушгиле баддил набошад.
Адолатпешае ҷоҳил набошад.
Биё ҳуши навоҷӯ шав, навомӯз,
Ки бе донишпажу оқил набошад.

❂ ❂ ❂

Ба чорунсур ки онон чун ғуломанд,
Ба сарҳо бонизому бомароманд.
Ба тоза фикрату илми навэҷод,
Ба зоҳир пухта вай доёни хоманд.

❂ ❂ ❂

Аҷаб ғоратгари афкори худсар,
Ту ҳастӣ волаи ҳар дурру гавҳар.
Ба нархи зар харӣ заҳри ҳалоҳил,
Адӯясти ба осори ҳунарвар.

❂ ❂ ❂

Дили завқошно пурмеҳр бошад,
Ба ҷаззобоварои сеҳр кӯшад.
Паланги беша бемеҳру даранда,
Барои тӯъма хуни он биҷӯшад.

❂ ❂ ❂

Чу дине бо Худо бар суди банда,
Талоши он бувад бар зидди ганда.
Чу бенуқсони хушобод бошад,
Шавад хушбахт махлуқи раванда.

❂ ❂ ❂

Мадеҳ соқӣ майят, бе бода мастам,
Дамодам волаи некӯ шудастам.
Худо дода ба инсон адлу одоб,
Адабро ҳамчу оин мепарастам.

❂ ❂ ❂

Ба савғои ҳуши некӯ бурун о,
Ба ёрои замона меҳр ифшо.
Чу Афлотуни ҳар поёну боло,
Ба сар овар ҳама некӯи дунё.

❂ ❂ ❂

Заҳоки морҳо Искандари Рум,
Ба сайёра қабои хунӣ, ай шум.
Аё Чингизи хунҷӯ рамзи аждар,
Фурӯ бурди ба ҷангат халқи мазлум.

❂ ❂ ❂

Ба асри мо ғами одил ғами кул,
Ба асри мо дами оқил дами мӯл.
Мабодо меҳрпарвар кам дар олам,
Адӯи ҷангзод аст сури булбул.

❂ ❂ ❂

Аё Оҳармани гетӣ, ҳамахӯр,
Ба зӯри беназират сохт мағрур.
Ба ҷангат хуни одам оби дунё,
Бикардӣ ақлҳоро сахт ноҷур.

Аё бадтинати ҷангии одам,
Ба сури оламӣ овардӣ мотам.

Ба адлӣ сулҳпарвар душман астӣ,
Ба ту бошад набарди халқи олам.

❂ ❂ ❂

Дурӯғ ойини ҳаннотони дунё,
Ба худ банда бикарда ақли гумро.
Ба Ҷопон бингару техникааш дон,
Ба ёдат ор кӯҳу маъдани мо.

❂ ❂ ❂

Агар новақт мирад аврупоӣ,
Агар бебахт мирад амрикоӣ.
Канад ҷон модари ғамдори тоҷик,
Азодори ҷаҳон аст осиёӣ.

❂ ❂ ❂

Ҳама оину дин иҷози ваҳдат,
Ҳама як тан шавад бар зидди зиллат.
Ба афкори навини беназире,
Бари одам бувад нерӯи шафқат.

❂ ❂ ❂

Бихонад оламӣ фарҳанг, фарҳанг,
Шуда бар некодам мағзпайванд.
Ба зидди бад набардаш ҷовидонӣ,
Кушад Оҳарману ҷодуи пурфанд.

❂ ❂ ❂

Азоби асрҳо дар фикри доно,
Ба адлоин бувад зӯру тавоно.
Ба ҳам созад бародар халқи олам,
Набошад ҷангу фанду зулм асло.

❂ ❂ ❂

Аниси орзупарвар ҳақомӯз,
Ба мисли шамъи сӯзоне шабу рӯз.
Хушо бо ҳикмати фарҳангэҷод,
Ба фардо мешавад Суқротандӯз.

❂ ❂ ❂

Чароғи торикстоне хирадманд,
Аниси халқи пуршонест дилбанд.
Забун созад дар олам норавоӣ,
Сари олам бисозад меҳрпайванд.

❂ ❂ ❂

Ба санги худ ғазалхон аст дарё,
Ба ҷуди беш ҳамсон аст саҳро.
Аз ину он туро андешаи нек,
Бари ибратпазириҳост ашё.

❂ ❂ ❂

Ба маймунбача маймунзодае гуфт,
Машав танҳо, ҳамеша ҷуфт зӣ, ҷуфт.
Фарвон ганҷҳо бо ранҷ ёбӣ,
Бари рӯзӣ набояд лаҳзае хуфт.

❂ ❂ ❂

Ба фарҳанги ниёгон офарин бод,
Ба ҳикмат ёфт ваҳдат баҳри эҷод.
Бисуфта кошифи олам зиёӣ,
Мафиозони одам кард ношод.

❂ ❂ ❂

Худо Оҳарман-одамкуш бидида,
Чу раъдубаркҳо, афғон кашида.
Гириста зор-зор аз ҷабри банда,
Вале парво надорад бадмиранда.

❂ ❂ ❂

Ҳама офард, ҳама офард Яздон,
Шарironат ҳамеша ёри шайтон.
Ба инсон некбинӣ бояд омӯхт,
Ба анбозӣ бувад ҳар мушкил осон.

❂ ❂ ❂

Ҳамеша адлпарвар некбин аст,
Ба армони ҳама инсон қарин аст.
Шабу рӯзи ҳаёт арчи банавбат,
Ба рӯшноӣ ҳунар сеҳрофарин аст.

❂ ❂ ❂

Дуои некбине мустаҷоб аст,
Шарири ҳирсёвар з-ӯ қимоб аст.
Чу шоҳи оламӣ фарҳанг бошад,
Бадангори башар ҳар ҷо кабоб аст.

❂ ❂ ❂

Чароғи орзуи кул— амонӣ,
Мабодо бебизоат дилгазоне.
Дареғо, нисфи дунёи гурусна,
Замин меларзад аз зӯри ҷаҳонӣ.

❂ ❂ ❂

Чу булбул нолаи зорам бари халқ,
Шабону рӯзи бедорам бари халқ.
Ба ҷангу фитна хунашро бирезанд,
Азодорам, азодорам бари халқ.

❂ ❂ ❂

Карими мо карими ҳақ таоло,
Раҳими мо раҳими ақлбарҷо.
Бо Моҳзика, Нурулло, кӯдаконаш,
Ҳамеша меҳрзод астӣ ба дунё.

❂ ❂ ❂

Гила аз норавоиҳо раво нест,
Дили мо ёвари ноошно нест.
Дар оташ мондагонем, вой монда,
Ба ҳасратзистаро дилошно нест.

❂ ❂ ❂

Шикасти садди Искандар бари халқ,
Шудӣ бо ҳар нафас ҳушёвари халқ.
Назистӣ лаҳзае бе ёди меҳан,
Бувад фарҳанги олам минбари халқ.

❂ ❂ ❂

Дили дарёваши ёро дили ту,
Бари амнияти дунё дили ту.
Адӯи дерини ҷангиву фандӣ,
Адолатпешаи фардо дили ту.

❂ ❂ ❂

Ду олам дар дили мо хона дорад,
Ба некӯ шеваи мастона дорад.
Бадӣ дар фикрати мо Аҳриманзод,
Дурудаш ояи фарзона дорад.

❂ ❂ ❂

Гиёҳу гул ба ҳуш моро чу одам,
Бо онон қиссаи пурсӯзу созам.
Мудом аз мӯъҷизоти аҳли фарҳанг,
Бувад бо шӯри дарё ҷӯррозам.

❂ ❂ ❂

Ғаму дарди ҷаҳон орад гаронӣ,
Ҳамебояд аз онон қиссахонӣ.
Сухангӯ не забони гунгу лоле,
Набарди неку бад шуд ҷовидонӣ.

❂ ❂ ❂

Ба мастӣ гиряи ту, — хандаи ту,
Ба пастӣ хандаи ту, — нолаи ту.
Дар обу оташем, э вой, э вой,
Магар бар ғамфизо қинғолаи ту?

❂ ❂ ❂

Ба сурат ҳам ба сират рафтаи мо,
Дар олам зинда монад суфтаи мо.
Вале дар сурату сират батағйир,
Аниси мо бувад ҳар гуфтаи мо.

❂ ❂ ❂

Чу бар гулҳо назар дорӣ, ту, модар,
Ба ёдовар ки рафта бо гул омад.
Ба рӯҳаш қатраборон аз дили абр,
Барои дидани ҳар булбул омад.

❂ ❂ ❂

Ба чорунсур ҳаёти рафтабобо,
Ба рӯҳи он ҳама рӯҳест бо мо.
Ҳар онеро кушад хунхор Чингиз
Ба рӯҳи зинда дорад гуфтугӯҳо.

❂ ❂ ❂

Магӯ ту бебақо дунёи зебо,
Магӯ бе рафтаҳо арвоҳи моро.
Ба рӯҳи ҳар якаш рӯҳат талошӣ,
Бадин сират бидон авзои дунё.

❂ ❂ ❂

Парешон ҳар даме дорем ба гардун,
Аз ин дунё ба кайҳонем берун.

Ба моҳу бар ситора розгӯем,
Ба моҳу бо фаришта рӯҳи афзун.

❂ ❂ ❂

Шарики ҳоли ҳар номаҳрам астӣ,
Ба рӯҳи хештан наволам астӣ.
Садди буду набуди ту шикаста,
Ба дию рӯзи фардо ҳамдам астӣ.

❂ ❂ ❂

Яке Зардушт бо рӯҳаш ба рӯҳат,
Ба ҳар анбӯҳ дорад босутӯҳат.
Ба ҳар пайғамбаре бас гуфтугӯяш,
Муҳофизат бувад аз ҷангу офат.

❂ ❂ ❂

Чу асли ту аз ин хоки нажанд аст,
Ба рӯҳи бобиён роғими ҷанг аст.
Дар ин дунё ки маккораш зиёда,
Миёни макру афсуневу фанд аст.

❂ ❂ ❂

Магӯ ҳеҷ аз худу аз нуқсат асло,
Ба некӣ ёд овар рӯху ҳақхоҳ,
Туро аз рӯҳи поки ҷовидон зод,
Манол з-адёни навпайдои дунё.

❂ ❂ ❂

Ба бухлу кини худ мебош адӯе,
Ба рӯҳи поки худ кун ҷустуҷӯе.
Ки дарёбӣ ҳама рӯҳи ниёгон,
Ба онону Худо кун гуфтугӯе.

❂ ❂ ❂

Чу ҳастӣ деҳхудои кавну кавнайн,
Магӯ ту хуфтаҳоро рафта аз байн.
Ба рӯҳи ҳар якаш бошад умедат,
Ба онон рӯҳи айнӣ соҳиби айн.

❂ ❂ ❂

Ба боди субҳдам шабнам ту бошӣ,
Ба абри осмон нам-нам ту бошӣ.
Зи гул аз пираҳан бӯи ту берун,
Ба хуршед ёри нуродам ту бошӣ.

❂ ❂ ❂

Ба дил дорӣ замину осмонҳо,
Дар он пайро карону бекаронҳо.
Ба селоби замини пасту боло,
Бувад рӯҳат забони ҷовидонҳо.

❂ ❂ ❂

Дили оташниҳодат дуд дорад,
Ҳазорон будаю нобуд дорад.
Чу напсандӣ балоҳои замона,
Вуҷуди бобақоят ҷуд дорад.

❂ ❂ ❂

Ба дарвеши замона реш-решӣ,
Ба он аз рӯзи одам хешу хешӣ.
Ба кору ихтироъу кашфу эҷоз,
Наӣ дарвешҳолӣ беталоше.

❂ ❂ ❂

Ҷаҳони пасту болоро Худованд,
Бароят офарида, бош хурсанд.
Мабин ғам, ҷанг мемирад базудӣ,
Раҳо мегардад одам аз ҳама банд.

❂ ❂ ❂

Ҳақиқат дар вуҷудат хона дорад,
Ба некӯ шеваи фарзона дорад.
Ба иҷози назират беназирӣ,
Тилисми бешумарафсона дорад.

❂ ❂ ❂

Ба фардо иблиси раҳмону инсон,
Забун месозӣ бо илми ҳамаҷон.
Ба таърихи замон ҳар носазоӣ,
Ба илми Ҳақ ҳамегардӣ ҷаҳонбон.

❂ ❂ ❂

Худо аз оташе ҷон офарида,
Барои ҷумла имон оварида.
Равони хокиёнӣ нуриёнӣ,
Ба иҷозоваре шон парварида.

❂ ❂ ❂

Биё, шайтон, биё, шайтони доно,
Бигӯ бар аҳли олам матлабатро,
Пасон баргӯ чӣ офардӣ, чӣ кардӣ,
Чаро ки аз бадӣ дорӣ ту савғо?

❂ ❂ ❂

Ба ҳар шайтони хокӣ, нурӣ инсон,
Адӯ бошад ба ҳар як кору иҷоз.
Чу одам бо ҳунар рӯзӣ биёбад,
Намегардад ба ҳеҷ иблис дамсоз.

❂ ❂ ❂

Ба ҷои ҳарзагӯӣ бо ҳунарвар,
Ба навэра ҷаҳонӣ шуғлёвар.
Барои ҷумла миллатҳои олам,
Ба суди халқҷӯён бош чокар.

❂ ❂ ❂

Чу раҳзан чашму гӯшу чашму гӯше,
Хамӯше нек донад чун баҳуше.
Бапарҳез аз бадиҳои замона,
Бувад иҷоз дунёи хамӯшӣ.

❂ ❂ ❂

Ба чашми ақл шайтон хокпош аст,
Ба ёри ақл ирфон ҳақталош аст.

Агар н-афтӣ ба доми ҳалқаи он,
Ду дасти кории ту донапош аст.

❂ ❂ ❂

Баҳои зиндагӣ афзою афзо,
Бақои бандагӣ бо мою бе мо.
Ба рӯҳи рафтагонам розгӯён,
Дари некӣ ба рӯи халқ бикшо.

❂ ❂ ❂

Чу рӯҳи мо аниси рози Одам,
Ба ӯ дорам ҳама шодиву мотам.
Бидидам Ҳурмузу Оҳармани даҳр,
Шудам дилбастаи ин хоки пурғам.

❂ ❂ ❂

Чу донӣ ҷавҳари ақли ниёгон,
Бисозӣ мушкилоти хеш осон.
Кунӣ туф ту ба рӯи бадсиголон,
Биёбӣ ҳомиёни беҳтар аз ҷон.

❂ ❂ ❂

Дилам аз ҳуши пайвандон ҷудо не,
Вале бар меҳри мо дилошно не.
Гила аз ночизони чизпараст чун,
Дар онон завқбахшию вафо не.

❂ ❂ ❂

Агар дар сина бошад қалби озод,
Шавад ҳисбандаи ақли худодод.
Ба ақли тозаи ҳар некэҷод,
Бисозад меҳани ҷони худ обод.

❂ ❂ ❂

Фақире кадхудои ҳар ду олам,
Шарики ҳоли ӯ моён дамодам.
Фақат сармояҷӯ дорои ҳорис,
Куҷо бар кирдугори хеш ҳамдам.

❂ ❂ ❂

Ба хуни лоларангам роз гӯям,
Варо бар ақлёвар соз гӯям.
Ба ёд орам ҳама иҷози Яздон,
Ба армони накӯ анбоз гӯям.

❂ ❂ ❂

Ба лутфи худгудоз ёро дили мо,
Ба ақли чорасоз иншо гили мо.
Ба сидқи бевафо меҳре надорем,
Фарвон аст кишту ҳосили мо.

❂ ❂ ❂

Ба шайтон ёр дидӣ пурҷафоро,
Ба он пуркор дидӣ бевафоро.
Ба ақли тоза бо иҷози навсоз,
Шинохтӣ кошифи навҷӯ Худоро.

❂ ❂ ❂

Ҷаҳон аз дил бурунсозӣ ҷафояст,
Атои ӯ ҳама саҳву хатояст.
Биё тарҳи наву шарҳи наваш ёб,
Хушо некӯназар дилошнояст.

❂ ❂ ❂

Ба кашфи тоза дунё тозаёбест,
Ба ҳар неку бадаш ҳарфи ҳисобест.
Ба худҷӯёи олам нест ободд,
Чу дарё зиндагонӣ бо шитобест.

❂ ❂ ❂

Гуле дар бӯстон маъво гирифта,
Ба сина дар ниҳодаш ҷо гирифта.
Ба ҳар барге ки оташ тоб дорад,
Ба унсурёваро дунё гирифта.

❂ ❂ ❂

Ҳанӯзат порасангам дар тани кӯҳ,
Гарон асло мабодо кӯҳи андӯҳ.
Чу бе маъдан набошад кӯҳи сина,
Ба ақли хеш дорем посбон рӯҳ.

❂ ❂ ❂

Ба шарён дорамат сӯзи ниҳонӣ,
Ба дамҳо бошадам оҳу фиғоне.
Ҷавонӣ дар баҳоранаш хазон буд,
Ба худ меросмон созаш гароне.

❂ ❂ ❂

Ба ҳамоҳангӣ дарё шӯр дорад,
Ба сури хештан ноҷур дорад.
Раҳи дил ҳамчу дарёи дили кӯҳ,
Гузар аз он биною кӯр дорад.

❂ ❂ ❂

Яқинат сангҳои сахти меҳан,
Ба сутхон заррахо доранд дар тан.
Ба армон қатрарӯди беқароре,
Ба хун дар дил нишондоранд бе фан.

❂ ❂ ❂

Ҷавони роздон бошию бошӣ,
Рақиби душманон бошию бошӣ.
Чу дай омад сари бехонаро хӯрд,
Ба сармо дар амон бошию бошӣ.

❂ ❂ ❂

Бари ёрони дил ранҷурам, э ҷон,
Маро дар оташи дилҳо бисӯзон.
Паранда чун наям дар боду бӯрон,
Ки зуд афтам ба тӯре аз паи дон.

❂ ❂ ❂

Ҳавасбози сухан асло наям, на,
Ба сина сӯз дорад ошёна.
Чу сӯзи ту, яқин месӯзам, э вой,
Ҳаёти мо буда гӯё фасона.

❂ ❂ ❂

Ҳанӯзат бихрадо армон нагуфта,
Ба кони он сухан лаълест хуфта.
Бақои ақли тифлак-шири модар,
Ҳадиси зиндагонӣ ношунуфта.

❂ ❂ ❂

Фалак бо мою бе ӯ мо сухангӯ,
Замин бо мою бе мо дар такопӯ.
Баробар нестӣ шайдою вола,
Наёфтастӣ куҷо армони некӯ.

❂ ❂ ❂

Ба сар ақли баҷо бошад назарбанд,
Уқоби маргзо дорад ба ҳар чанг.
Чу санге дар сари роҳ аст хомӯш,
Ҳадиси он бувад дар синаи танг.

❂ ❂ ❂

Уқоби кӯҳ гардан ғоз мекард,
Пайи рӯзӣ даҳонаш боз мекард.
Зи поён кабки рам ӯро бидида,
Ба села шикваҳо оғоз мекард.

❂ ❂ ❂

Яке саркӯби армон дид бераҳм,
Фиғону нолае нашнид бераҳм.
Банагоҳ номуроде зор мурда,
Ба марги худ хато фаҳмид бераҳм.

❂ ❂ ❂

Ба ёди дил фиғон дори қифоя,
Ба сар ёрои ҷон дорӣ кифоя.
Ба дарди бедавои мо даво нест,
Ба ғамдоре равондорӣ кифоя.

❂ ❂ ❂

Дар ин маъвои пурғавғою н-ором
Бидидам пухтамағзони туро хом.
Дилам шуд маъбади ҳар бенавое,
Сари ту номҷӯи ҷумла беном.

❂ ❂ ❂

Туро муфлис дида бо дили хун,
Кашида нолаи ҷонкоҳ афзун.
Манам он кушта дар роҳат ба гарде,
Зи чангам хок мехезад ба гардун.

❂ ❂ ❂

Ба дасти ман гуле ҳамранги хун аст,
Бидонад дил к-азобам андарун аст.
Агар дар сина кони маъданам буд,
Пасон медидӣ чунам сарнагун аст.

❂ ❂ ❂

Чу донам кулбаи армони ёрон,
ЧУ бинам чист андар хони онон,

Пасон гӯям ки баҳри кӣ баумре,
Бимурдам зор баҳри луқмаи нон.

❂ ❂ ❂

Чу донам дил ба хун ёвар набошад,
Чу донам сар ба ту чокар набошад.
Ба ханҷар мезанам дар синаи дил,
Ба теғе мебурам, то сар набошад.

❂ ❂ ❂

Ба умре бачагӣ аз сар гузаштам,
Ба борони баҳорӣ тар гузаштам.
Зи по афтода дар селоб будам,
Зи умри бебақоӣ даргузаштам.

❂ ❂ ❂

Чу донам бар касе парво надорӣ,
Нагӯям ҳеҷ меҳри мо надорӣ.
Намехоҳам ба дил ромат бисозам,
Ҳама дорӣ, дили шайдо надорӣ.

❂ ❂ ❂

Ба фикри халқҷӯ қолаб бисозӣ,
Дилам бо ҳилаи матлаб гудозӣ
Ғалат кардӣ, дилам озор додӣ,
Магар худ бар адӯи ҷон бибозӣ?

❂ ❂ ❂

Дару девори ту шоҳона дидам,
Чуноне хеш дар афсона дидам.
Бигуфтам худ ба худ дунё дурӯза,
Ба худ инсофи ту девона дидам.

❂ ❂ ❂

Манам баҳри ту поёноби дарё,
Нишонам нест дар домони саҳро.
Гаҳе бо абри баҳман розгӯям,
Зи тундар бишавӣ ту шевани мо.

❂ ❂ ❂

Дилам аз сӯзи ёрон бохабар буд.
Ба гирдоби бало афтода сар буд,
Ба оби тозадори мурдашӯӣ,
Зи гӯрам оҳу афғоне ба сар буд.

❂ ❂ ❂

Аё борон, ба тундар барқи рахшон,
Фурӯ резӣ ҳаме бар маъдани кон.
Чу барқи ман ба кони дил бирезад,
Саробонам найӣ бо ашки гирён.

❂ ❂ ❂

Ба сӯзам бехабаре парво надорад,
Ба созам бе сабар иншо надорад.
Ба кони дил маро ангиштсӯзӣ,
Талолӣ оташе чун мо надорад.

**МУНДАРИЧА**

Андарзномаҳои Паҳлавӣ ........................................................................ 3

Андарзи Хусрави Кабодон ....................................................................12

Ниёиши Ҳофиз.......................................................................................28

Армуғон..................................................................................................72

**АБУЛВАЙСИ АЗИЗ**

# АНДАРЗҲО

Мусаввир *У. Ашӯров*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Мусаҳҳеҳ *Ш. Сангинмуродов*
Тарроҳ *Ф. Раҳимов*

Ба матбаа 02.08.2004 супорида шуд. Ба чопаш 18.08.2004 имзо шуд. Андозаи 60x84$^{1}/_{16}$. Коғази офсетӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 6,0. Адади нашр 300 нусха. Супориши №13/04.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти «ЭҶОД» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejod@tajik.net.